ВАЗОРАТИ ТАЪЛИМИ ОЛӢ, ФАН ВА ИННОВАТСИЯИ
ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ПЕДАГОГИИ ЧИРЧИҚ

ҲИКМАТОВ ҲИКМАТ СУЛТОНОВИЧ

# ТАВСИЯҲО ДОИР БА ТАРЗҲОИ ТАЪЛИМ ВА ТАҲЛИЛИ ДАРСҲОИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТ

*Монография*

Тошканд–2023
“FIRDAVS-SHOH”

УЎК 46.1
КБК 62 (Тад.6)
Ҳ73

*Бо қарори № 18 шўрои илмиву техникии Донишгоҳи давлатии педагогии Чирчиқ аз 24-уми январи соли 2023 ба нашр тавсия шудааст.*

Муҳаррири масъул:
**Хусрав Ҳамидов,**
*ходими калони илмии Маркази тамаддуни исломи Ўзбекистон, доктори фалсафа дар фанҳои филология (PhD).*

Тақриздиҳандаҳо:
**Рамазон Абдуллоев,**
*дотсенти кафедраи “Филологияи тоҷик ва забонҳои шарқ” –и Донишгоҳи давлатии Термиз;*
**Жамшед Жумақулов,**
*устоди кафедраи “Филологияи тоҷик ва забонҳои шарқ” –и Донишгоҳи давлатии Термиз.*

**Ҳикматов, Ҳикмат.**
Тавсияҳо доир ба тарзҳои таълим ва таҳлили дарсҳои забон ва адабиёт. [Матн]: илмӣ-методӣ / Ҳ.С.Ҳикматов. – Тошканд: Нашриёти «Firdavs-shoh», 2023. –116 саҳ.

Монографияи мазкур доир ба мукаммал ва сифатнок омўзондани мазмун ва мундариҷаи дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик дар мактабҳои миёна ва муассисоти олӣ таҳия гардонда шудааст. Дар он методи анъанавии дарсгузарӣ боусулҳои ноанъанавии он дар омехтагӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Инчунин, ба хусусияти афзалиятнокӣ ва нуқсонҳои онҳо эътибор дода шудааст.

Ҳамчунин баъзе тавсияҳо доир ба тарзи гузарондани дарсҳо вобаста ба синфҳо нишон дода шудаанд.

Монография ба оммаи васеи китобхонон, дўстдорони каломи бадеъ, омўзгорон ва муҳаққиқони соҳаи таълим, инчунин ба донишҷўёни факултаҳои филологияи тоҷики муассисоти олӣпешбинӣ шудааст.

ISBN 978-9943-9360-3-4

©Ҳ.Ҳикматов, 2023
©Нашриёти “Firdavs-Shoh”, 2023

# ПЕШГУФТОР

*Бе мураббӣ зери гардун мӯътабар натвон шудан,*
*Моҳи навро рафта-рафта чарх оламгир кард.*
*Сайидои Насафӣ.*

Пӯшида нест, ки баъди ба Истиқлолият ноил шудани Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар ҳамаи соҳаҳои тараққиёти он дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд омаданд. Махсусан, дар соҳаҳои илму маориф, санъату фарҳанг, маънавияту маърифат як қатор фармону қарорҳо дар доираи давлатӣ баррасӣ гардида, пасу пеш амалӣ мегарданд. Боиси ифтихор аст, ки ҳар кадоми инсаъю кӯшишот самараи нек дода истодаанд.

Ба хусус, дар кишварамон ҷорӣ гардидани Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон “Дар бораи таълим” боиси бо роҳи наву тоза пеш бурдани кори ин соҳа гардид. Барои инкишофи минбаъдаи шаклҳои миллии таълиму тарбия имкониятҳои васеъ фароҳам овард. Дар айни замон таъсис ёфтан ва ба таври алоҳида амал кардани Вазорати таълими томактабӣ, Вазорати таълими халқи Ҷумҳурӣ, Вазорати муассисоти олӣ ва миёнаи махсус барои боз ҳам рушду такомул ёфтани соҳаи таълим заминагузори мустаҳкам гардида монданд. Барои иҷрои “Барономаи милли тайёр кардани кадрҳо” тамоми имконият ва воситаҳо истифодаву сафарбар шуданд. Минҷумла, дар ҳамин замина ходимони соҳаи таълими халқ низ ин масъулиятро дуруст эҳсос намуда, барои таълиму тарбияи насли наврас, ҷустуҷӯ ва дарёфти қобилияти эҷодӣ ва ба камол расондани

шахси ҳамаҷониба инкишофёфтаи ҷамъият ташаббус нишон медиҳанд.

Дар моддаи 7-уми Стандарти давлатии таълими Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон “Дар бораи таълим” чунин оварда шудааст: “Стандарти давлатии таълим талаботро нисбати мазмуну мундариҷа ва сифати маълумоти умумии миёна, миёнаи махсус, касбу ҳунар ва маълумоти олӣ муайян месозад. Иҷрои Стандарти давлатии таълим барои ҳамаи муассисаҳои таълимии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ҳатмист”.[1]

Аз ин рӯ имрӯзҳо тараққиёти соҳаи таълимро дар сари ҳар як қадам муоина кардан мумкин аст. Чӣ дар бунёди пайдарпайи кӯдакистонҳо, чӣ дар сохта шудани биноҳои нави замонавии мактабҳо ва чи дар барпо карданисохтмонҳои бошукӯҳи коллежу литсейҳо, инчунин дар таъсис додани донишгоҳҳою донишкадаҳои бешумор ҳам дидан мумкин аст. Натиҷаи ҳамин тараққиёт ва пешрафт аст, ки имрӯзҳо кулли муассисоти таълимӣ бо лавозимоту ҷиҳозҳои техникӣ қариб пурра таъмин мегарданд.

Айнан, дар ана ҳамин гуна даврони рушду камолот зарур мешавад, ки ҳар як шахси ҷомеа, ба вижа ҳар як фарди соҳаи мазкур аз ин иқдомот рӯҳбаланд гардида, бо қувваю нерӯи дучанд заҳмат кашад ва ҳиссагузорӣ намояд. Ба қавле парчами маънавияту маърифатро алайҳи залолату ҷоҳилият боло бардорад. Худ аз худ аён мегардад, ки дар ин самт аз ҳама пеш хизмати муаллим дар мадди назар дошта мешавад. Яъне вай бояд роҳ ва усулҳои ҷорӣ намудани ин сифатҳоро чуқур ва ҳаматарафа омӯхта бошад.

---

[1]Моддаи 7-уми Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон “Доир ба таълим”, Тошканд, 29 августи соли 1997

Инак, дар ин маҷмӯа кӯшиш кардаем, ки ба роҳу усулҳои омӯзишӣ тавсияҳои методӣ дода, ба ин васила дар самаранок истифода кардани вақти ҷараёнҳои дарсӣ ҳиссагузорӣ намоем. Ҳамчунин дар қатори моделҳои омӯзишии амалӣ, аз қабили, анъанавӣ ва ноанъанавӣ,инчунин дар хусуси афзалият ва нуқсонҳои методҳои гуногуни дарсгузарӣ, ба монанди методи муҳокима, лоиҳа, баҳсу мунозира, бозиҳои саҳнавӣ, пинборд, тренинг, конференсия, чархфалак, референдум ва ғайра сухан ронда, баъзе роҳу усулҳои нави ташкили дарсҳоро тавсия намудем. Масалан, усули тозаи дарсгузарӣ, ки самараи таҷрибаҳои чандинсолаи каминаанд, бо номи "Хамса" пешниҳод кардаем, ки шояд дар ҷараёнҳои дарсҳои забон ва адабиёт омӯзгорони ҷавон корбаст намоянд. Айнан, ҳамин усули ташкили дарс, ба фикри мо дар мавриди гузаштани дарсҳои забон ва адабиёт дар мактабҳои миёна ҳам барои омӯзгор ва ҳам барои талаба шавқовар менамояд. Дар баробари завқовар будан, инчунин бевосита ба тафаккур кардани онҳо маҷбур месозад.

Мо тавассути ин тавсияҳо аз усул ва методҳои кӯҳнаи пешин оҳиста-оҳиста дур шуда, дар амал татбиқ намудани тарзу моделҳои навинро ҷонибдорӣ менамоем. Дар ин самт фикр мекунем, ки ҳамин роҳу равиш ба самаранок истифода кардани вақт ва пухта омӯхтани маводи мавриди зарурӣ мусоидат мекунад. Гузашта аз ин, гумон мекунем, ки шаклу усулҳои ҳанӯз номаъмули дарсгузарие, ки пешниҳод намудаем, баъди корбаст намудан ба омӯзгорон писанд меояд.

Мисли ҳамин, дар навистани корҳои хаттӣ низ тарзу усулҳои навинро тавсия намудаем, ки дар асоси онҳо донишомӯзи мактабӣ натанҳо ба навистани диктанту кори хаттӣ банд мегардад, балки маҷбур мешавад, ки сари матни нависташуда ҳатман фикр кунад ва ақли худро сайқал дода ба ҷустуҷӯҳои нав тайёр шавад.

Инчунин, ба донишомӯзону донишҷӯён тарз ва тариқи хониши дурусти осори наср ва назмро тавсия намудаем, то ба ин васила завқу шавқи онҳоро нисбат ба маводи таълимӣ бедор намоем. Ба гумони мо маҳз тарзи дурусту бехато хондани матнҳо аз давраи мактабӣ оғоз гардида, минбаъд заминаи пайдоиши шавқу завқбарои хондани осори каломи бадеъ мегардад.

Соли ҷорӣ аз ҷониби Президенти кишварамон Ш.М. Мирзиёев "Соли эътибор ба калонсолон ва таълими босифат" эълон гардид. Мақсади маводи маҷмӯае, ки дар даст доред, низ ба ҳамин самт нигаронда шудааст. Яъне, мотасмим гирифтаем, ки тавассути тавсияҳои худ дар пешрафти соҳаи таълим ҳиссагузорӣ намуда, барои донишомӯзони ҷустуҷӯйкунанда роҳу усулҳои хубу муфидро пешниҳод намоем.

Аз сабаби он ки ҳамаи мавзӯъҳои дар бобҳо овардашуда якдигарро пурра мекунанд ва ҳам дар як равиш нигошта шудаанд, бинобар онро монография номидан мумкин аст. Ҳамчунин, хондани онро барои дӯстдорони соҳаи таълим тавсия менамоем.

# БОБИ I. ТАВСИЯҲО ОИД БА ОМӮЗИШИ ФАННИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

## I.I Тавсия ба омӯзгорон доир ба таҳлили дарси яксоата

Яке соати дарси пухта тайёр кардашуда ба шогирдон як олам маънӣ бахшида метавонад. Зеро омӯзгоре, ки масъулиятро дуруст ҳис мекунад ва худаш пайваста дар ҷустуҷӯйҳои доимист, ҳатман мехоҳад, ки шогирдонаш низ аз пайи навҷӯйиҳо бошанд.

Аз ҳамин нуқтаи назар доимӣ ба шогирдон чунон шароит муҳайё месозад ва ё чунон муҳити муаммовӣ пайдо мекунад, то ки шогирд маҷбуран ва ё ихтиёрӣ ба олами фан мароқ зоҳир намояд.Маҳз ана ҳамин гуна муаллимон бештар ба дарсҳои ҳамкору ҳаммаслакони худ бештар ворид мешаванд ва таҳлилҳо гузаронда, хулосаҳо мебароранд. Аслан, ин намуди ҳаракат, яъне ба таҳлили дарсҳои ҳамдигарӣ ворид шудани баъзе муаллимон, маҳз барои таҷрибаомӯзӣ ва таҷрибаивраздорӣ нигаронда мешавад. Яъне омӯзгор баробари таҳлил кардани дарси ҳаммаслаки худ, аз методҳои онҳо баҳраманд мешавад ва албатта ҷиҳатҳои нави фоидаовари онро барои худ қабул менамояд.

Вазифаи аввалини муаллим ин аст, ки таълими муваффақиятноки ҳар як талаба ва дониши хуби ӯро таъмин намояд. Пешравии хонандагон, пеш аз ҳама, ба он марбут аст, ки муаллим дарсро то чи андоза пурмазмуну мароқнок ва фаҳмо мегузарад, кори мустақилонаи хонандагонро то чи дараҷа дуруст

санҷида метавонад ва норасоии нуқсонҳои шогирдонро чӣ тавр сари вақт муайян ва пешгирӣ менамояд.

Муаллим бояд кӯшиш намояд, ки ҳар як дарси ӯ дар хонандагон хислати ҷӯяндагӣ пайдо кунонад, онҳоро ба мароқ оварда, диққат ва ҷидду ҷаҳдашонро ба дониш ва аз худ намудани маҳорату малакаҳои амалӣ сафарбар намояд.

Барои амалӣ гардидани чунин мақсад дар мактабҳоямон воситаҳои илмӣ-методие мавҷуданд, ки тадриҷан беҳтар шудани сифати таълим аз бисёр ҷиҳат ба фаъолияти онҳо алоқаманд аст. Яке аз чунин воситаҳо иштирок ба дарси ҳамдигар ва таҳлили он мебошад.

Иштирок ба дарс на танҳо як ҷузъи назорати дохилӣ, балки мақсади ба муаллим-дарсдиҳанда ёрии методӣ расониданро дорад. Дар ин бобат мавқеи сексияи иттиҳодияҳои методӣ, аз ҷумла, сексияи муаллимони забон ва адабиёт бағоят калон аст.

Дар коллективҳои педагогии мактабҳо иштирок ба дарсҳои якдигар, муоина ва таҳлили дарсҳо асосан характери таҷрибаивазкунӣ дошта, он ду мақсадро дар назар дорад: омӯхтани таҷрибаи муаллим ва ба пешрафти фаъолияти минбаъдаи ӯ кӯмак расонидан.

Пӯшида нест, ки омӯхтани таҷрибаи муаллим бештар ба омӯзгорони ҷавон тааллуқ дошта, омӯзонидан бештар ба муаллимони соҳибтаҷриба ва кӯҳансол алоқаманд аст.

Лозим аст, ки ҳар як дарси мушоҳидашуда бояд ҳатман таҳлил карда шавад. Таҳлили дарс ду хел гузаронида мешавад: таҳлили фардӣ ва коллективона. Мушоҳидаҳои мунтазами дарсҳо аз он

шаҳодат медиҳад, ки на ҳамаи муаллимон дарсҳои ҳамкасбони худро дурусту ҳамаҷониба ва мувофиқи талаб таҳлил менамояд.

Таҳлили дарс яке аз шаклҳои мураккаби баҳодиҳӣ ба фаъолияти педагогии муаллим буда, он аз мутахассис дониши амиқ ва маҳорати баланди педагогӣ талаб мекунад. Таҳлили дарс дорои усулҳои хос буда, риояи он сифати таҳлилро боз ҳам беҳтар менамояд.

Ҳангоми гузаронидани таҳлили коллективӣ сухани аввал ба дарсдиҳанда дода мешавад. Дарсдиҳанда доир ба тайёрии худ ба дарс, интихоби методҳо, истифодаи адабиёт, тайёр намудани аёният, воситаҳои техникӣ сухан карда, таассуроти худро доир ба дарсаш баён мекунад ва дар айни замон, баъзе норасоиҳое, ки дар дарс содир намуд ва худ онҳоро ҳис карда буд, гуфта мегузарад.

Баъди ин шахсоне, ки ба дарс иштирок карда буданд, муваффақияту норасоиҳои дарсро гуфтаву маслиҳатҳо дода мегузарад. Ҳангоми таҳлил кардан аввал ҷиҳатҳои хуби дарс гуфтаву сипас норасоиҳои он қайд карда мешавад.

Дар мушоҳидаи дарс чизи асосӣ дарк карда тавонистани ҳамаи ҷиҳатҳои таълимию тарбиявӣ ва дидактикии дарс ва муайян кардани нуқсонҳои он, инчунин барои муаллим додани маслиҳат ва тавсияҳо мебошад.

Таҳлилкунанда баъди қайди норасоиҳо бояд доир ба бартараф кардани онҳо маслиҳатҳо дода гузарад. Норасоиҳои дарсро шартан ба ду гурӯҳ: илмию назарӣ ва методӣ ҷудо кардан мумкин аст.

Ба гурӯҳи камбудиҳои илмию назариявӣ ба хуби надонистани моҳияти мавзӯъ, маънидоди нодурусти таърифот ва қоидаҳо,

санаҳо, фактҳо, дар навишт ва гуфтор роҳ додан ба хатоҳои имлоӣ, пунктуатсионӣ, услубӣ ва ғайраҳо дохил мешаванд. Ба гурӯҳи камбудиҳои методӣ бошад, нодуруст ба кор бурдани тарз ва методҳои таълимӣ, истифодаи бемаврид ва нодурусти аёният, тақсимоти вақт, рафтуои барзиёд, истифодаи шеваю лаҳҷа дар нутқ, надонистани усулҳои саволгузорӣва амсоли инҳо дохил мешаванд. Таҳлили дарс се ҷиҳатро дар назар дорад: муваффақият, норасоӣ ва тавсияҳои методӣ.

Чунон ки маълум аст, ҳар як дарс, аз ҷумла, дарси забони модарӣ характери таълимӣ ва тарбиявӣ дорад. Дарс ҳам бояд аз ҳамин нуқтаи назар таҳлил ёбад. Ҳангоми таҳлил ба чунин ҷиҳатҳои дарс: мазмун, сохт, тарзи ташкилу гузаронидан ва ҷиҳатҳои психологӣ-педагогии он эътибор дода шавад.

Нақшаи тахминии таҳлили дарси забони модарӣ чунин аст:

1. а) Дурустии тарзи кушодан ва фаҳмонидани мавзӯи нав, шаклҳои муайянкунии он ва хулосаҳо дар дарс.

б) Ҷиҳати таълимӣ ва тарбиявии материалҳои дидактикӣ, ба синну соли хонандагон мувофиқ будан ва набудани онҳо.

в) Ҷиҳати илмии дарс.

г) Маданияти нутқи муаллиму хонандагон.

2. а) Методҳо ва воситаҳои методии омӯзиши материали нав, мустаҳкамкунии мавзӯи нав, камбудиҳои он, санҷиши дониши хонандагон аз мавзӯи нав.

б) Намудҳои машқ ва моҳияти истифодаи онҳо.

в) Аёният дар дарс ва тарзи истифода аз он, ҷиҳати эстетикӣ ва таълимию тарбиявии аёният.

г) Вазифаи хонагӣ ва тарзи супоридани он.

ғ) Санҷиши дониши хонандагон, тарзҳои пурсиш, баҳогузорӣ ба дониши онҳо, мувофиқ будани меъёри баҳогузорӣ.

д) Инкишофи нутқи хонандагон, роҳҳои баланд бардоштани маданияти нутқ, шарҳи луғатҳо, истилоҳҳо, калимаҳои душворфаҳм, неолигизмҳо, ибораҳои фразеологӣ ва ғайраҳо.

е) Мавҷудияти принсипҳои инкишофёбӣ ва тарбиявии таълим дар дарс.

ё) Ҷамъбаст ва натиҷаи дарс.

3. а) Симо ва рафтори муаллим дар дарс, одоби мулоқот бо хонандагон, чеҳраи муаллим, муносибати ӯ бо аҳли синф ва хонандагони ҷудогона.

б) Тарбия дар синф ва ҷиҳатҳои мусбати он дар таълим.

в) Дараҷаи фаъолнокии хонандагон дар дарс ва лаҳзаҳои ҷудогонаи он.

г) Ҳолату рӯҳияи хонандагон мавриди аз тарафи муаллим истифода кардани воситаҳои методии нав ва намудҳои гуногуни кор.

4. а) Ҷиҳати гигиении дарс ва ҳолати синф.

б) Тарзи нишасти хонандагон ва ҷиҳати хастагӣ ва мондашавии онҳо.

в) Мавҷудияти ашёҳои хониш ва тарзи истифода аз доскаи синф.

г) Баҳо ва баҳогузорӣ дар дарс.

5. Хотимаи дарс ва хулосаҳо.

а) Иҷро гардидани мақсади дарс.

Ғайр аз ин муқарриз ҳангоми таҳлил ба чунин масъалаҳо бояд эътибор диҳад:

а) нодуруст ва ё дурустии тақсимоти вақт ба лаҳзаҳои дарс,

б) проблемагузорӣ ва ҳалли он дар дарс,

в) ба ҳаёти имрӯза алоқаманд намудани дарс,

г) худ сохтан, корҳои эҷодӣ, худ тартиб додан дар дарс,

ғ) Ҳусни хат ва саводнокӣ,

Ҳамин тариқ, мушоҳидакунанда бояд дар худи ҳамон рӯз, дарсро таҳлил намояд ва дар дафтари таҳлил мулоҳизаҳои худро пурра қайд намояд. Нақшаи қайди тақриздиҳанда дар дафтар чуниин аст.

1. Синф, мактаб, муаллим, сана.
2. Фан ва мавзӯи дарс.
3. Мақсади дарс.
4. Хели дарс.

Рафти дарс.

1. Муваффақият.
2. Камбудиҳо.
3. Хулосаҳо.

Дар хотима, ҳаминро ҳам бояд гуфт, ки ба дарсҳои ҳамдигар ҷиҳати таҳлил даромадани омӯзгороназ ҳар ҷиҳат манфиатнок аст. Якум, ин ки методивазкунӣаз он пайдо мегардад. Дуюм, ин ки омӯзгоронро ҳушёр месозад, ки ба як соати дарсӣ доимӣ бо омодагии хуб ҳозир гарданд. Ҷиҳати аз ҳама муҳими илмиаш дар он аст, ки маводи дар дастури таълимӣ нишон дода шуда ба комилӣ ба талабагонрасонда мешавад, зеро нақшаи тахминие, ки дар боло

оварда шудааст, барои аз худ карданимавзӯъҳои забони модарӣ хеле самаранок мебошад.

## I.II. Мулоҳизаҳо перомуни тарзи таълими ибора

Ибора яке аз воҳидҳои наҳвии забон буда,омӯзиши он дар мактабҳои таълимоташон умумӣ тавассути фанни "Забони тоҷикӣ" амалӣ мегардад. Таълими ибора дар мактаб ҳанӯз аз синфҳои ибтидоӣ ба тарзи соддаю оддӣ оғоз мегардад. Омӯзиши пурратар ва комилтарион дар синфи 5 аз фанни "Забони тоҷикӣ" бароҳмонда шудааст. Ин мавзӯъ баробари хондани фанни мазкур қариб дар ҳамаи синфҳо тибқи салоҳдиди омӯзгоргаштавубаргашта ёдрас карда мешавад.

Вобаста ба стандарти давлатии таълим бобиибора ва хелҳои он зина ба зина омӯзонида мешавад. Дар таҳлили боби "Ибора" калимаҳои сарф, наҳв, иборасозӣ, тобеъкунанда, тобеъшаванда, зарб, муайянкунанда, муайяншаванда, калимаи асосӣ, камонак, изофӣ, пешоянд, пасоянд, оҳанг, ҳамчунин калимаҳои такягоҳӣ мавриди истифода қарор мегиранд.

Мавриди омӯзондани боби "Ибора" омӯзгор бо мисолҳои оддӣ ба таври содда бояд мавзӯъро ба талабагон кушода диҳад. Зеро машғулиятҳо доир ба ибора барои аз худ кардани қисми сарф (морфология) ҷиҳати омӯзиши шаклу сохти калимаҳои алоҳида ва барои омӯхтани сохти ҷумлаҳо дар илми наҳв (синтаксис) замина муҳайё менамояд...

Ҳамин аст, ки ҳангоми омӯзондани ин мавзӯъ ба чандин масъалаҳо, монанди фарқи ибора аз калима, ҷузъҳою хелҳои он аз ҷиҳати маъно ва таркиб ҷудо кардани ибора аз байни ҷумла, воситаи алоқаи ҷузъҳои он, сохти ибора эътибори ҷиддӣ додани омӯзгорон шарт ва зарур аст. Бинобар ин раванди мазкураз омӯзгор дониши амиқу мукаммал ва масъулияти бештарро талаб менамояд. Зеро дар назари аввал омӯзондани боби ибора хеле содда менамояд.

Вале ҳамин ки аз тариқи илмиву методӣ дақиқтар назар афканем, ҷараёнест, ки мушкилиҳои печ дар печ дорад.

Ба мо маълум аст, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар мактабҳое, ки таълим ба забони тоҷикӣ сурат мегирад, омӯзиши бевоситаи ибора аз синфи 5 оғоз меёбад. Ва айнан ин мавзӯъ дар боби "Наҳв ва аломатҳои китобат" дар дарсҳои 6-7 бо номи "Ибора ва калимаҳои асосӣ" аз саҳифаи 12-ум то саҳифаи 15-уми китоби дарсӣ (Т.Чориев, "Забони тоҷикӣ,нашр."Ӯзбекистон",2020) омӯзонда мешавад. Айни муддаост, ки он бо таърифи ибора сар мешавад. Омӯзгор бояд қоидаи онро тавре, ки дар китоби дарсӣ омадааст, яъне "ду ва ё зиёда калимаҳои мустақилмаъноe, ки аз ҷиҳати маъно ва муносибати грамматикӣ ба ҳамдигар алоқаманд шуда, мафҳуми мураккабро ифода мекунанд, ибора номида мешаванд",баррасӣ кунад. Ва айнан дар худи ҳамин ҷо аз омӯзгор талаб карда мешавад, ки ба масъалаи сохта шудани ибораҳо эътибор диҳад. Зарур аст, ки омӯзаи қоидаро як бори дигар ба талабагон хотиррасон намуда, аз онҳо пурсад, ки чаро қоидаи ибора бо ифодаи "ду ва ё зиёда..." оғоз ёфт.Бо мақсади муқоиса водор кунад, ки аз синфҳои поёнӣ қоидаи дар бораи ҷумла аз ёд карданашонро ба хотир оранд. Яъне, "ду ва ё зиёда калимаҳои ба ҳам алоқаманд, ва ё калимаҳои ҷудогонае, ки фикри тамомшударо мефаҳмонад, ҷумла номида мешавад".(Т.Чориев, Забони модарӣ[2], синфи 4, Саҳ. 111, Нашр. "Ӯзбекистон", 2015). Пас аз он омӯзгор саволҳои зеринро ба донишомӯзон медиҳад: "Фарқи қоидаҳо дар чист, чаро дар қоидаи ҷумла калимаҳои ҷудогона оварда шудааст, барои чӣ ҷумла фикри тамомшударо мефаҳмонад ва ибора бошад фикри мураккабро ва монанди инҳо? Муқоисаи онҳоро ба худи хонандагон ҳавола менамояд. Шояд талабагон дар фаҳми саволҳои боло оҷизӣ кашанд, аммо аниқ аст, ки онҳо дар пайи дарёфтани ҷавоби саволҳо хотираҳои худро ба ангезиш медароранд. Метавон дар ин бахш якчанд мисолҳо дар тахтаи синф нависта, фарқияти онҳоро гаштаю баргашта талабагон пурсад.

[2]Т.Чориев, "Забони тоҷикӣ, нашр."Ӯзбекистон", 2020
Т.Чориев, Забони модарӣ, синфи 4, Нашр. "Ӯзбекистон", 2015 Саҳ. 111.

Айнан дар худи ҳамин ҷо омӯзгорро зарур аст, ки сари ҳар як калимаиқоидаи ибора, фаразан доири истилоҳи “грамматика” ва “мураккаб” ист намуда, онҳоро тавзеҳ диҳад. Калимаи “грамматика”-ро ба тариқи умумӣ шарҳ дода, маҷмӯи сарфу наҳвро хотиррасон намояд ва ба сохти калимаҳо тааллукдоштанимафҳуми “мураккаб”-ро гуфта гузарад. Ҳамчунин вай метавонад, ҷиҳати комилтар фаҳмондани мавзӯи ибора, дар тахтаи синф ҷумлаи соддаи машқи 25-ро аз китоби дарсӣ пурра карда дар тахтаи синф нависад. Ва аз онҳо талаб намояд, ки ҷумлаи “Дили модар аз меҳру вафо лабрез гардид”-ро ба ҳиссаҳои хурду калон ҷудо намояд ва рақамгузорӣ кунонад. Масалан, “дилимодар” (1), “аз меҳру вафо” (2), “лабрез гардад” (3).Сипас, воситаи алоқаи байни калимаҳоро ба тарзи оддӣ шарҳ дода гузарад. Дар ифодаи “дили модар”пайвандшавии ду калимаи мустақили “дил” ва “ модар”-ро фаҳмонда, воситаиалоқаи изофӣ (и)-ро эзоҳ диҳад. Аз пайванди ду калимаи соддаи мустақил ба воситаи алоқаи изофӣ (и) ба вуҷуд омадани ибораро фаҳмонад. Дар ифодаи дуюм бошад, мураккабтар шудани ҷараёни сохта шудани ибора ва истифода шудани пешоянду пайвандакро ҳам ба тарзи содда гуфта гузарад. Ва зиёд шудани ҷузъҳои ибораро хотиррасон намояд. Дар ифодаи сеюми “лабрез гардид”ба воситаи чӣ ба ҳам алоқаманд шудани калимаҳоро аз талабагон тавассути савол талаб мекунад. Айнан, дар ҳамин ҷо муаллим вазифадор аст, ки воситаи алоқаи иборaи якумро, ки худаш пештарак фаҳмонда буд, аз талабагон пурсад, ибораи дуюмро, ки пешоянду пайвандак дорад, бори дигар ба ёд орад ва ибораи сеюмро ба худи хонандагон ҳавола кунад. Дар сурати ёфтани онҳо рағбатнок менамояд, вагарна оҳанг воситаи алоқаи маъмули ибораҳо буданашро мефаҳмонад.

Пас аз ин ба шарҳи ибораҳои дар китоби дарсӣ, ки тариқи мисол баробари қоидаи он оварда шудаанд, мепардозад. Ногуфта намонад, ки машқҳои 22 ва 23-юми китоби дарсиро ба худи хонандагон вогузор кардан мумкин аст, зеро тибқи талаби машқи 22, ки чунин аст: “Калима ва ибораҳоро дар алоҳидагӣ номбар кунед”, онҳо чандон мушкилӣ намекашанд. Талаби машқи 23-юми

китоб низ “Аз калимаҳо ибора созед ва фарқи онҳоро гӯед”аст,доири мавзӯъ мавриди қабуласт. Аммо ҳангоми иҷрои машқи 24, ки матлаби он чунин аст: “Порчаи шеъриро хонед,ибораҳоро муайян намуда, ба дафтар рӯйбардор кунед:

Сарчашмаи ҳаёти ҷаҳонанд модарон,
Зиннатфизои давру замонанд модарон.
Сидқу сафои оламиёнанд модарон,
Бахту саодати дилу ҷонанд модарон.

(*Боқӣ Раҳимзода).*

Ба омӯзгор лозим аст,ки талаби машқро бо ҳамроҳии талабагон иҷро кунад. Чунки ба ибораҳо ҷудо кардани сатрҳои шеърӣ ба талабагон мушкилиҳо дорад. Дар ин боб зарур аст, ки вай ҷиҳати сохти ибораҳо ёдовар шуда, ба ибораҳои содда ҷудо карда навистани онҳоро фаҳмонда диҳад. Пас аз навистани ибораҳои соддаи мисраъҳо дар бораи воситаи алоқаи онҳо саволу ҷавоб ташкил мекунад. Машқи 25, ки аллакай ҷумлаи якумаш дар боло ба ибораҳо ҷудо карда, фаҳмонда дода шуда буд, айнан давом дода мешавад. Пас аз он аз рӯйи нишондоди китобидарсӣиҷрои бахши “саволҳо барои санҷиши дониш” оғоз мегардад. Дар ин бахш кӯшиш карда мешавад, ки тамоми аҳли синф ба саволу ҷавоб иштирок намуда, ба таври мушаххас ҷавоби саволҳоро аз худ намоянд ва доир ба онҳо мисолҳо оварда фарқиятҳоро аниқ карда тавонанд. Машқи 26-уми марбути дарси 6, ки матлаби он чунин аст: “Ибораҳои зеринро ҳамчун нақша истифода баред ва дар мавзӯи “Таътили тобистони ман” баён нависед” ба талабагон вазифаи хонагӣ супурда мешавад.

Ҳамин тавр соати якуми бароибахши “Ибора” ҷудо кардашуда, омӯзонда мешавад. Дарси 7, ки дар саҳифаи 19-уми китоб оварда шудааст, “**Калимаҳои асосӣ ва тобеъ дар ибора”** ном дорад.

Дар ин соати дарсӣ омӯзгор метавонад, ки дар тахтаи синф ибораи содда нависта, аввал аз талабагон аз чанд ҷузъ ё аз чанд калимаи мустақил сохта шудани онҳоро пурсад.

Сипас, ба фаҳмондани мавзӯъ пардохта мегӯяд, ки дар ибора яке аз калимаҳо асосӣ буда, боқимонда барои шарҳи он меоянд.

Калимаи асосӣтобеъкунанда (муайяншаванда), калимаи шарҳу эзоҳдиҳанда-тобеъшаванда (муайянкунанда) ба шумор меравад. Дар вақти муайян кардани вазифаи калимаҳои ибора истилоҳҳои тобеъкунанда, тобеъшаванда ё ин ки муайяншаванда, муайянкунанда интихоб карда мешавад. Дар болои калимаи тобеъкунанда аломати зарб (х) ва дар болои калимаи тобеъшаванда аломати камонак гузошта мешавад. Калимаи тобеъкунанда бо калимаи тобеъшаванда бо воситаи бандаки изофӣ (и) ва бе иштироки он ба ҳамдигар алоқаманд мегарданд. Дар ибора кадом ҳиссаи нутқ асосӣ – тобеъкунанда бошад, ибора ҳамон номро мегирад. Агар калимаи асосии ибора исм бошад, онро иборaи **исмӣ**, сифат бошад,иборaи **сифатӣ**, шумора бошад, иборaи **шуморавӣ**, ҷонишин бошад, иборaи **ҷонишинӣ**, феъл бошад, иборaи **феълӣ**, зарф бошад, иборaи **зарфӣ** меноманд гуфта, ба хонандагон маълумоти назарӣ дода мешавад.Фақат вақти фаҳмондани мавзӯъ дар болои иборае, ки дар тахтаи синф нависта шуда буд, аломати ишоратиии калимаҳои асосӣ ва тобеъкунанда, яъне зарб ва камонакро гузошта нишон медиҳад.

Пас, биёед, дар ин бахш аз мисолҳои худи мавзӯъ дур нарафта тарзи фаҳмондани роҳи осонӣ онро пеш мегирем. Масалан, ба машқи 27-уми китоб рӯй меоварем, ки матлаби он чунин аст: "Калимаҳои асосӣ ва тобеи бораҳоро муайян кунед: "Парчами давлатӣ, мактуб навиштан". Дар тахтаи синф ин ду иборaро менависем.

Чи хеле ки мавриди фаҳмондани қоидаи назарӣ гуфта гузаштем, дар ибора яке аз калимаҳо асосӣ буда, боқимонда ба шарҳи он меояндва агарчунин бошад, кадоми ин калимаҳоро асосӣ меҳисобем ва барои чӣ? Дар ин маврид аз рӯйи савол муайян кардани калимаи асосиро омӯзондан хубтар аст. Масалан, парчами давлатӣ – чӣ хел парчам? Ба хонандагон фаҳмондан зарур, ки бо аввалин саволи гузоштaшуда, ки бо он ҷузъи тобеъ муайян карда мешавад, калимаи тобеъкунанда низ номбар мешавад.

Пас аз фаҳмондани ин ду мисол ба таври қиёсӣ, аллакай донишомӯзон маълумоти умумии муайян кардани калимаи асосӣ ва

тобеъро ёд мегиранд. Ва ҳамин тавр, машқҳои 27,28-уми китоб аз ҷониби талабагон иҷро карда мешавад. Машқи 29-уми китоби дарсӣ аз ҷониби омӯзгор шарҳ дода мешавад, зеро ҳанӯз хонандагони ин синф дар бораи муайян кардани хели иборахо маълумоти казоӣ надоранд.Ҳарчанд, омӯзгор ба ибораҳои содда ва мураккаб маълумот дода бошад ҳам, доир ба ибораҳои наҳвию фразеологӣ, ки онҳо дар синфҳои болоӣ шинос мешаванд,маълумот намедиҳад.

Иҷрои машқҳои 30 ва 31-уми китоб ҳам ҳатман зарур аст, ки бо ёрии омӯзгорон мавриди таҳлил қарор бигиранд, зеро дар китоби дарсӣ бо василаи бандаки изофӣ сохта шудани ибораҳо мисолҳои фаровон оварда шуда бошад ҳам, дар хусуси бо пешоянду пасоянд ва оҳанг сохта шудани ибораҳо ба таври алоҳида ягон маълумот оварда нашудааст. Дар хусуси сохта шудани ибораҳо ба тарзи зайл маълумот оварда мешуд,айни муддао мебуд:

**Алоқаи калимаҳо дар ибора**

| Бо бандаки изофӣ | Бо пешоянду пасоянд | Бо оҳанг |
|---|---|---|
| Мани хушбахт<br>Халқи мо<br>Шахси боҳунар | Китоб хонданро<br>Аз шодӣ сустар<br>Ба дарс омадан | Бисёр зебо<br>Оҳиста омадан<br>Донотарин талаба |

Дар поёни машқи 31 бахши “саволҳо барои санҷиши дониш” оварда шудааст, ки ин аз омӯзгор талаб мекунад, ки ҷиҳати мустаҳкам кардани дарс ин саволҳоро байни худи донишомӯзон ташкил намояд. Диққати хонандагонропурра ба маводи омӯхташуда ҷамъ намуда, аз дарси пешин низ метавонанд саволҳо илова намояд. Ҳатман, ба диққати донишомӯзон бояд ҳатмӣ будани аз ёд кардани қоидаи ибораро расонад. Дар хотимаи дарс машқи 32 вазифа супорида мешавад.

Ин ҷо бамавқеъ аст, ки оид ба бурду бохти мавзӯи мазкур дар китоби дарсӣ баъзе андешаҳои худро ҷиҳати хулоса иброз намоем. Умуман, мавзӯи мазкур дар китоби дарсӣ ба таври зарурӣ ҳаллу фасл ёфтааст. Овардани машқҳо доир ба мавзӯъ дар ҳадди меъёр мебошад. Дарҳақиқат, ҷузъҳои ибораҳои марбути мавзӯъ низ аз

калимаҳои мустақили соддамаъно оварда шудаанд. Яъне, омӯзгор ҳам ва худи донишомӯзон ҳам барои дарки маънии калимаҳо ба луғоти иловагӣ эҳтиёҷ пайдо намекунанд. Бояд гуфт,ки дар таълими мавзӯъҳои дарсии қариб аксари китобҳои дарсӣ чунин муаммову мушкилиҳо ҳам ба омӯзгору ҳам ба хонандагон пеш меоянд.

Аз ин рӯ зарур аст, ки доир бамавзӯи мазкур, яъне иборахо чи хеле ки дар боло тариқи мисол нақшаро овардем, мебоист, ки барои боз ҳам пурратару васеътар кушода додани мавзӯъ тавассути бо пешоянду пасояндҳо ва оҳанг сохта шудани иборахо ҳангоми таълими мавзӯи дарси 7, яъне "калимаҳои асосӣ ва тобеъ дар ибора" маълумоти пурра оварда мешуд, нуран аъло нур мегардид. Зеро таълими дуруст ва возеҳи ибора барои инкишофи нутқи мураттаби хонандагон хазинаи бебаҳост...

## I.III. Тарзи таълими иборахои фразеологӣ дар синфи VI

Доир ба омӯзиши мавзӯи "Иборахои фразеологӣ (устувор) дар дарсҳои забони тоҷикӣ" дар барномаҳои таълимӣ аз синфҳои 6-ум оғоз меёбад. То ин дам талабагони мактабӣ ба таври умумӣ ҳангоми гузаштани мавзӯи "Ибора ва хелҳои он" дар синфи 5 маълумот пайдо намуда буданд. Ин ҳам бо салоҳдиди омӯзгор вобаста аст, ки оё дар вақти гузаштани ин мавзӯ ба талабагон хотиррасон намуда буд ё не. Аз ин ҷост, ки хостем сухане чанд доир ба чӣ тавр ташкил кардани мавзӯи мутазаккира дар синфи 6 гуфта гузарем.

Тибқи нишондоди соатҳои дарсӣ ба мавзӯи Иборахои фразеологӣ (рехта) дар синфҳои 6 ҳамагӣ як соат ҷудо карда шудааст. Аслан, барои пурратар маълумот додан соатҳои дарсӣ бештар ҷудо карда мешуд, хуб мебуд, зеро ин мавзӯ айнан дар ҳамин синну соли талабагон барои дарки маънӣ ва ҳамчунин дар минбаъда барои инкишоф додани нутқи мураттаб ва умуман барои ғанӣ гардидани хазинаи забоншиносии онҳо имкониятҳои васеъ меофарад.

Чи хеле ки дар боло ишора рафт, дар синфи панҷум вақти гузаштани “Боби ибора“ маълумоти умумӣ дода хотиррасон намуда буд, ки ибораҳо ғайр аз хелҳои морфологию синтаксисӣ фразеологӣ низ мешаванд.

Вале дар хусуси чӣ будани қоида ва ҷузъҳою таркиб ва сохти онҳо ҳанӯз донишомӯзони мактабӣ ягон маълумот надоштаанд. Акнун зарур аст, ки дар вақти гузаштани мавзӯи “Ибораҳои устувор (фразеологӣ)” дар саҳифаи 36-уми китоби дарсӣ (М. Кабиров, Ҷ. Эшонқулов, З. Тоҳириён, М. Давронова, “Забони тоҷикӣ с.6[3]. Тошканд, 2017. сартаҳририяти ширкати саҳҳомии табъу нашри “Шарқ”) омӯзгор ин мавзӯъро ба таври бояду шояд фаҳмонда диҳад. Дар параграфи 17 ба таври супориш оварда шудааст:

Дар ибораҳои зерин таваҷҷӯҳ намоед. Гӯед, ки ибораҳои сутуни дуюм аз ҷиҳати ифодаи маънӣ аз ибораҳои сутуни якум чӣ фарқ доранд.

1.Бинои баланд, кӯчаи деҳа,1.Гули сари сабад, мурғипосӯхта,

мани нодон, синфи шашум, гурги борондида

2.Бисёр калон, ниҳоят зебо,2.Об карда хӯрдан, думро хода кардан, ширинтар аз қанд, шер барин далер, ба таги бинӣ задан.

Ин ҷо омӯзгор ибораҳои сутуни якумро ба талабагон ба таври алоҳида хононда мавзӯи “Ибора”-ро аз синфи 5 ба ёд меорад. Хели онҳоро якҷоя бо донишомӯзон муайян мекунад. Воситаи алоқаи онҳоро пурсида мегирад. Аз чанд ҷузъ иборат будани ибораҳоро аниқ карда, дар хусуси сохти ибораҳои морфологӣ маълумотҳоро ба ёд меорад. Айнан дар ҳамин ҷо аз рӯйи ҷузъҳои тобеъкунандаю тобеъшаванда онҳоро ба хелҳо ҷудо мекунад. Ҳамин тавр, бе ҳеҷ шубҳа аллакай талабагон тасаввуроти дар бораи ибора доштаашонро дар хотирашон зинда мекунанд. Ҳатман қоидаи ибораро низ ёдовар мешаванд. Сипас омӯзгор дарси навро тибқи нишондоди китоби дарсӣ бо ҷумлаҳои содда фаҳмонда медиҳад:

Ибораи изофии “гули сурх” аз ҷузъҳои “гул” ва “сурх” бо

[3]М. Кабиров, Ҷ. Эшонқулов ва диг. “Забони тоҷикӣ с.6. Тошканд, 2017. Сартаҳририяти ширкати саҳҳомии табъу нашри “Шарқ”. Саҳ. 36.

воситаи бандаки изофӣ корбаст шудааст. Ҷузъҳои аввал “гул” (исм) тобеъкунанда буда, номи предметро мефаҳмонад. Ҷузъи дуюм “сурх” (сифат) тобеъшаванда буда, ранги гул – предметро ифода менамояд. Ҷузъҳои ин ибора ҳар кадом ба сари худ маънии ҷудогонаро ифода мекунанд. Ин ибора барои ифодаи мақсади гӯянда дар ҷарайёни нутқ ба вуҷуд омадааст. Аз ин рӯ, ибораи мазкур иборaи наҳвист.

Иборaи “барги сабз” чун иборaи наҳвӣ сабз будани баргеро ифода менамояд. Ин иборaи ба маънои тӯҳфа (савғотӣ) низ маълум аст. Дар ин ҳол ҷузъҳои иборaи “барги сабз” якҷоя мафҳуми ягона-тӯҳфаро ифода мекунанд ва дар ҷумла низ ба як вазифа меоянд. Ин ибора дар ифодаи маънии тӯҳфа устувор буда, ҷузъҳои он тағйирнопазир аст. Агар яке аз ҷузъҳои он тағйир ёбад, маънии “тӯҳфа”-ро ифода кардан мумкин намегардад. Ин гуна ибораҳо монанди ибораҳои наҳвӣ дар ҷараёни нутқ ба вуҷуд намеоянд, балки дар шакли тайёр кор фармуда мешаванд. Ин буд, ки ин гуна ибораҳоро иборaи устувор номидаанд.

**Ибораҳое, ки аз пайванди ду ва ё зиёда калимаҳо барои ифодаи мафҳуми ягона корбаст шудаанд ва таркибан устувору тағйирнозиранд, *иборaи устувор* номида мешаванд.**

Муллим набояд ба маълумоти дар китоби дарсӣ оварда шуда кифоят кунад. Ҳатман зарур аст, ки ба талабагон дар хусуси фразеология маълумот дода истода, маъниҳои зеринро ёдовар шавад. Яъне, фразеология (аз калимаи юнонӣ фразис – ифода ва логос – таълимот) маҷмӯи ифода, ибораҳои рехтаву ҳар забонро ташкил медиҳад.

Ибора ва ифодаҳои таркибан рехтаву устувор бо номҳои воҳидҳои фразеологӣ, фразеологизмҳо, таъбироти фразеологӣ ва амсоли инҳо машҳуранд. Истилоҳи воҳидҳои фразеологӣ нисбат ба истилоҳҳои дигар бештар ба кор бурда мешаванд. Ҳар як воҳиди фразеологӣ таркибан аз ду ва ё зиёда калимаҳо ташаккул ёфта, сохти устувор ва семантиқаи яклухти ба қисмҳо ҷудошаванда дорад.

Пас бевосита ба таҳлили машқҳои китобӣ дарсӣ мепардозад. Фаразан, ба дафтар танҳо кӯчондани ибораҳои устуворро бори дигар таъкид менамояд, ки он дар машқи 85 оварда шудааст. Донишомӯзон, ки аллакай дар барои ибораҳои наҳвӣ маълумот доранд, ба зудӣ онҳоро ҷудо карда рӯйбардор менамоянд. Ба тариқи мисол яке аз он ибораҳоро интихоб намуда, аввал худи омӯзгор як мафҳумро ифода кардани ибораро кушода медиҳад. Масалан, "чашм дӯхтан" (нигоҳ кардан) буданашро фаҳмонда, боқимондаи ибораҳоро ба ихтиёри онҳо вогузошта, маънияшонро пурсон мешавад. Худи ҳамин тавр аз машқи 86, 87 низ аз таркиби ҷумлаҳо ибораҳои устуворро ҷудо карда, хусусияти семантиқии онҳоро фаҳмонда медиҳад.

Омӯзгор ҳангоми гузаштани дарс бояд лаҳзаҳои онро дуруст тақсим намояд, вагарна вай дар давоми 45-дақиқаи як соати дарсӣ тамоми мавзӯъро барои пурра фаро гирифтани талабагон расонда наметавонад. Аз ин рӯ зарур аст, дар ҷараёни дарс монандӣ ва фарқияти ибораҳои наҳвӣ ва фразеологиро бо ягон мисоли мушаххас фаҳмонда диҳад. Яъне, аз баъзе хусусияти ибораҳои фразеологӣ ёдовар шавад. Масалан, хусусияти ҷойивазкунӣ надоштани ибораҳои рехтаву устуворро дар мисоли "рости гап" ва "гапи рост" нишон дода метавонад.

Одатан, ҷойивазкунанда набудани ҷузъҳои таркибии ибораро фаҳмонад. Ё метавонад, дар мисоли дигар, монанди "гурги борондида" (шахси ботаҷриба) -ро дар шакли "гурги барфдида" оварда нашуданашро бо методи соддаю оддӣ фаҳмонда диҳад. Ҳамин тавр якҷоя бо талабагон ба иҷро кардани машқи 88 мепардозад. Талабагони синфро ба зергурӯҳҳо ҷудо карда, супориш медиҳад, ки ба ибораҳои додашуда ҷумлаҳо нависанд. Ҳатман, дар ҷараёни дарс ҷумлаҳои онҳоро хононда, ба кадом маънӣ кор фармуданашонро донист гирад.

Омӯзгор дар қисми мустаҳкам кардани дарс, дар куҷоҳо бештар вохӯрдани воҳидҳои фразеологиро ёдовар мешавад. Масалан, ибораҳои рехтаи гуногун, идиомаҳо, таркибҳои устувор дар бисёр фарҳангҳо, аз ҷумла "Кашф-ул-луғат", "Бурҳони қотеъ", "Ғиёс-ул-

луғот” ва ғайра каму беш мавҷуданд. Ҳамчунин, дар хусуси аҳамияти ибораҳои фразеологӣ ва истифодаи онҳо дар асарҳои бадеӣ хотиррасон мекунад. Ба обурангии асари бадеӣ мавқеи ҷудогона бахшидани онҳоро алоҳида таъкид менамояд. Айнан, дар худи ҳамин ҷо ба талабагон вазифа месупорад, ки аз мавзӯъҳои китоби дарсии “Адабиёт”-ашон ҳар кадом 10-то ибораи фразеологиро бо ифодаи маънияшон нависта оянд. Агар тақсимоти дарс дуруст ба роҳ монда шуда бошад, таълими ибораҳои фразеологӣ боиси афзудани завқи донишомӯзон мегардад. Ва онҳо аллакай худашон ба ёфтани ин намуди мисолҳо ҳаракат мекунанд. Ҳаминро ҳам бояд гуфт, ки онҳо барои аз ёд кардани қоидаи ибораҳои рехта вазифадор карда мешаванд.

Ва ин мавзӯ дар ҷараёни дарсҳои минбаъда дар вақти таҳлили машқҳои китобӣ бисёр пеш омаданашон таъкид карда мешавад. Инчунин, муаллим дар синфи 8 боз ҳам пурратар омӯхта шудани ин мавзӯъро гуфта мегузарад.

Дар ҳақиқат, пурра аз худ кардани мавзӯи мавриди назар барои инкишофи нутқи мураттаби талабагон аҳамияти калон дорад. Гузошта аз ин ин гуна ибораҳо бо мақсади ёфтани маънои аслашон донишомӯзонро ба фикр кардан маҷбур мекунад. Ин бошад, албатта дар оянда ба мустақил кор бурдани онҳо дар вақти хондани асарҳои бадеӣ замина меофарад. Ба равону фасеҳ гаштани забони онҳо ёрӣ мерасонад.

## I.IV. Тавсияҳо доир ба навистани диктанти санҷишӣ дар синфи IX

Пас аз соҳиби истиқлол шудани Ӯзбекистон дар миқёси кишвар таълими ҳатмӣ ба ҳафт забон ба роҳ монда шуд. Боиси хурсандист, ки ба таълимгирандагон бо забони модариашон китобҳои дарсию дастурҳои таълимӣ нашр мешаванд. Вале дар мактабҳое, ки таълим ба забони тоҷикистто имрӯз барои навистани диктант ягон дастури амалӣ нест. Аз ин рӯ ин тавсия маводи хубест барои омӯзгорон. Бо мақсади ташкил кардани дарсҳои диктанти санҷишӣ мебошад.

Тибқи барномаи таълимӣ дар синфҳои нуҳӯм қабули диктанти санҷишӣ ба роҳ монда шудааст. Аслан, диктанти санҷишӣ дар синфҳои болои мувофиқи нақшаи зерин нишон дода шудааст.

| Синф | V | VI | VII | VIII | IX |
|---|---|---|---|---|---|
| Калима | 100-120 | 120-130 | 130-150 | 150-170 | 170-200 |

Аз ин рӯ дар вақти навистани диктанти санҷишӣ, омӯзгоронро зарур аст, ки нишондоди стандарти давлатии таълимро риоя карда, мавзӯъро барои донишомӯзон пешниҳод намоянд. Зеро дар ин ҷо мавзӯъҳо мувофиқи синну сол ва дараҷаи азхуднамудаи барномаи талабагон интихоб карда мешавад. Бояд гуфт, ки баробари пешрафти соҳаи таълим, ҳатман бояд тарзи нависти диктантҳо ҳам тибқи талаби давру замон рӯ ба беҳбудӣ тағйир биёбад. Фаразан, аз тарзи схоластики (шахшудамонда) – и давраи пешин бояд парҳез кард.

Чун ба ҳамагон маълум аст, ки мавзӯи диктанти санҷишӣ аз ҷониби омӯзгор ба хондани матне, ки ба ягон талабот ва ё эҳтиёҷи хонандагон барнамехӯрад, ба роҳ монда мешавад. Яъне, омӯзгор матнро тӯтивор мехонад ва талабагон аз рӯи он ки диктант нависта истодаанд, айнанрӯйбардор карда мегиранд. Ва албатта, дар охирбарои дуруст кардани хатоҳои имлоиву услубӣ ва ё ишоратӣ омӯзгор матнро бори дигар мехонад ва талабагон гӯё “айбҳои пештараи содир кардаи худ” – ро дуруст мекунанд. Ва ҳамин сохтор то ҳоли ҳозир солҳост, ки давом меёбад, вале касе барои пешниҳод кардани варианти нави он ҳақдор набуд, ба вуҷуди он ки баъзе омӯзгорон аз тарзҳои нави он огоҳ буданд. Вақти он расидааст, ки диктантҳои санҷишӣ низ бояд бори илмӣ доштанаш ба талабагон фаҳмонда шавад, тарзҳои нави онро ба онҳо пешниҳод намудан талаби давру замон аст. Аз ин рӯ дар ин мақола тарзи нависти аз ҳама осонашро барои омӯзгорон пешниҳод менамоем, то муносибати худро барои он иброз намоянд ва агар зарур бошад ин методро дар ҷараёни дарсҳои худ тадбиқ намоянд. Инак, тарзи нависти диктантро дар ҷараёни дарси “диктанти санҷишӣ” аз

омодагии махсуси омӯзгор ва донишомӯзон оғоз менамоем. Зарур аст, ки омӯзгор мавзӯеро мутобиқи синну соли донишомӯзони синфҳои нуҳӯм аз ягон асари бадеӣ ё ягон асари илмӣ ва ҳамчунин маводҳои матбуоти даврӣ ё адабиётҳои дидактиву ахлоқӣ интихоб намояд. Ва ҳатман онро дар дафтар ва ё варақаҳои алоҳида ба тарзе, ки худ мегузаронад, сабт намуда ба дарс ҳозир шавад. Фаразан, мо матни мақолаи ахлоқии Содиқов Насимҷонро бо номи "Устод" аз рӯзномаи "Овози тоҷик" барои синфҳои нуҳӯм ба сифати "диктанти санҷишӣ" интихоб менамоем. Аввалан мувофиқи стандарти таълимӣ аз он, ки ҳаҷман калонтар аст, дар меъёри 180-200 калима интихоб мекунем. Фишурдаи матн чунин аст:

**Устод**

**Устод агар набошад, ақле ба сар набошад,**
**Дар боғи зиндагонӣ, гарди самар набошад.**

**Агар барои ранги сабз ба бар намудани замин баҳор лозим бошад ва барои равшан шудани дунёи зулмонӣ моҳтобу ситораҳову офтоб зарур бошад, пас барои ҳарҷониба обутоб ёфтани инсон устод як рамзу чароғи асосӣ ба ҳисоб меравад. Шогирд дар пайроҳаҳои зиндагонӣ ба худ устоди беҳтарин интихоб накунад, пас ӯ барои расидан ба қуллаҳои баланд душворӣ мекашад. Бар ҳама аёну равшан аст, ки ҳеҷ кас аз пеши худ ба коре ё ба чизе муваффақ намегардад. Ҳатман ба ӯ касе раҳнамоӣ мекунад ва баъд ӯ соҳиби натиҷаи хуб мегардад.**

**Оре, пас мо шоҳиди он мешавем, ки инсон ҳам бе устод наметавонад аз доираи тафаккури маҳдуд берун гашта, оламу одамро дарк намояд.Ҷои пӯшида нест, ки Худованд инсонро бо қобилиятҳои тайёр ба дунё тавлид намесозад, балки ба ӯ ҷанинҳои инкишофро медиҳад. Аллоҳи муттаол фармудааст: „ Аз ту ҳаракат аз ман баракат". Пас асли қазия, ки ин аст, мо бояд ҷидду ҷаҳд намоем ва аз паи рӯзгору зиндагӣ кӯшем. Инсонҳоеро, ки дар зиндагӣ ҳамсафару ҳаммаслаки худ мешуморем ҳатман инсонҳое бояд бошанд, ки қобили қабулу боварӣ. Чун шумо ба онҳо бояд эътимод дошта бошед ва онҳо ба**

**шумо низ боварӣ дошта бошанд. Албатта, инсон бояд дар интихоби устод ҳам ҳушёрбошад. Ҳама кас ҳам устод шуда метавонад. Вале байни устод то устод як фарқияти басо муҳиме вуҷуд дорад.**

**Оре, ҳар шахси соҳаи касбу кори худ ба касе чизе омӯзонда, ҳаққи устод буданро пайдо карданаш дар аҷаб нест. Вале ҳар кас ҳам устоди хуб буда наметавонад. Устоди хуб метавонад шогирдро ба қуллаҳои баланд раҳнамо созад.**

Инак, омӯзгор матнро ба шогирдон қироат менамояд ва ба қонуну қоидаи талаби диктанти санҷишӣ пурра риоя мекунад. Баъд аз анҷом ёфтани матн бо мақсади санҷиши навин дуюмбора такроран хонда мебарояд. Чун анъана омӯзгор диктантҳоро гирифта барои санҷиш бояд бо худ барад. Аммо мо ин тавр дарсро ташкил ва мақбул намедорем, зеро мурод ва ҳадаф аз навистани диктант санҷидани хато нест. Бори дигар таъкид менамоем, ки диктант бояд як ҷузъи илмомӯзонӣ бошад, аз ин нуқтаи назар ба шогирдон супориш медиҳем, ки пас аз анҷоми он талаботи зеринро риоя намоянд. Якум, тавсия менамоем, ки аз байни калимаҳои матни диктант панҷ калимаро интихоб намуда, ба ҳар кадомионҳо на кам аз дуто муродиф нависанд. Масалан, дар диктант калимаи "дунё" омада бошад, ҳатман ба он "олам", "ҷаҳон", "афлок", "фалак", "гети","гардун", "деранд" ва ғайраҳоро ҳар ки тибқи донисти худ нависта биёяд. Ногуфта намонад, ки ҳама вақт барои гузаштани мавзӯи "диктанти санҷишӣ" дар барномаҳо ду соат ҷудо карда мешавад. Муаллимон бошанд, соати якумро барои навистан ва соати дуюмро барои эълони баҳоҳо сарф менамоянд. Ин ҷараёнро метавонем, ки дар давоми як соат ҳам анҷом бидиҳем. Дар тафовути ин қабили ташкили дарсҳо, дарси тавсияи мо куллан тағйирпазир аст. Яъне, супориши дуюмро баъди навистани диктант ба донишомӯзон эълон менамоем. Онҳо мебояд аз калимаҳои матн панҷто калимаро тибқи дилхоҳи худ интихоб намуда, ба онҳо мутазод (антоним) нависанд.Дар матни интихобкардаи мо метавонанд ба устод-шогирд,ба зиёд-кам, ба пеш-пас ва ғайраҳоро нависанд.Супоришоти сеюмро доири фанни забон интихоб карда,

тарзи дуруст navista шудани калимаҳо, яъне, имлои онҳоро пешниҳод менамоем. Фаразан, дар матни овардашуда калимаҳои “обу тоб” , “ҳар ҷониба”,“намуда аст” – ро ҷудо талаффуз намуда, калимаҳои “ёки”, “ҳеҷкас” , “ҳеҷгоҳ” –ро якҷоя мехонем. Бо ин тарзи ташкили диктант мо дониши талабагонро аз ҷиҳати имлои калимаҳо низ санҷида мебинем.

Ҳатман, ба талабагон дар вақти нависондани супориши чорумталаб мегирем, ки онҳо феълҳои шахси дуюм, шумораи ҷамъро аз матн нависта гиранд. Масалан, “меравад”, “мегирад”, “мекунад”, “мегардад” ва ғайраҳо....

Ҳамин тавр, бо мақсади пурратар дар ёд мондани маҳаки мавзӯъ дар хотири онҳо тарзи дигари супоришотро низ ба миён мегузорем.Панҷ саволро дар доираи мавзӯъ интихоб менамоем, беҳтараш месозем. Саволҳоро чунон интихоб мекунем, ки баъзеи онҳо бо матни диктант мувофиқат намояд, вале баъзеи дигарашон бо мақсади ба шигифт андохтани шогирдон ба кор ояд. Яъне онҳоро маҷбур кунад,ки сари матни диктант андеша намоянд ё бори дигар ба он муроҷиат намоянд, то ба савол ҷавоби дуруст баргардонанд. Чунки ин гуна саволҳо барои чарх доронда ва қувват бахшидан ба хотираи онҳо имконият муҳайё менамояд. Ҳамчунин маҷбур месозад, ки онҳо ҳатман мавзӯъро бори дигар такрор намоянд. Масалан, чунин нақшаро ба миён мегузорем:

| Фикр | Дуруст | Нодуруст |
|---|---|---|
| 1)Барои баҳор шудан замин ранги зардро ба бар мекунад. | | + |
| 2)Шогирд барои устод ранҷу чароғи асосӣ аст | | + |
| 3)Барои соҳиби натиҷаи хуб шудан устод ба шогирд раҳнамоӣ мекунад | + | |
| 4)Бузургон фармудаанд: “Аз ту ҳаракат, аз ман баракат” | | + |
| 5)Шогирд метавонад бо кӯшиши худ ба қуллаҳои баланд раҳнамо шавад. | | + |

Он чи ки дар раванди дарс баён намудем, маҳз барои ташкили дарси диктанти санҷишӣ нигаронида шуда буд. Ва ин ҳама барои дарси як соати ҷудо карда шудакифоя нест. Зеро ҳадаф аз нависондани диктант санҷидани ҳамаҷонибаи фаъолияти талаба дар назар дошта мешавад. Омӯзгор бо воситаи нависондани диктанд набояд саҳву хатоҳои талабаро нишон додаву сарсариӣгуфта гузарад. Мебояд, ки сари ин масъала масъулияти ҷиддӣ ҳис намуда ба ҳамаи ҷабҳаҳои омӯзиши талаба эътибор диҳад. Фаразан, якум ба эстетикаи навишт азҷумла, ҳусни хат ва ҳошияву сохтори диктант боэътибор бошад. Зеро баъзе хонандагон ҳастанд, ки ба қоидаҳои навистти эстетикӣ ва ҳошия аҳмият надода, дар синфҳои поёнӣ ба инобат нагарифтани муаллимонро ҳамчун сабаб нишон медиҳанд. Ин боиси қабул нест. Ҳатман бояд хотирасон намуд, ки эстетикаи диктант ин зебоии ҳаёт аст. Ё дар вақти нависондани диктант омӯзгор байни мизҳои омӯзишӣ гашта, ба ҳусни хати талабагон эътибор диҳад ва бадхатонро дар ҷараёни кор огоҳ созад, ки ба ин тариқи талабот эътиборнок бошанд. Мақоли зебои мардумӣ ҳаст, ки “Ҳусни хат нисфи ҳусни ботин аст” ва ин матлабро дар раванди дарс доимӣ ёдрас намудан аз рӯи талаботи стандарт ва қоидаи диктант аст.

Ваалбатта муаллимро зарур аст, ки аз аввали дарс қоидаи озоднависиро дар умқи фаҳмиши донишомӯзон ҷойгир намояд. Зеро таҷрибаҳо нишон дода аст, ки бисёре аз донишомӯзон рӯбардоркуниро пеш аз ҳама муҳим дониста, нисбат ба навистани диктант беэътибор мешаванд. Дар ин мавридҳо набояд як ё ду маротиба рӯйирост талабагонро дар байни ҳамсинфон шарм бояд дошт. Ва ин одат тибқи талаби диктанти санҷишӣ набуданашро ошкор бояд гуфт.

Омӯзгори эҷодкор сари гузарондани ду соати диктанти санҷишӣ ба бисёр муваффақиятҳо соҳиб мешавад. Нахуст меъёрҳои стандарти давлатии таълимро риоя карда, шогирдонро дар ҳамин руҳия тарбия менамояд. Сипас, бо ташкили методҳои нав ва дастрасии навъҳои гуногуни таълим донишомӯзонро ба оламҳои нави соҳаи таълим раҳнамун месозад. Фаразан, вай метавонад, дар

методи болоӣ боз навигариҳои дигарро бо мақсади мавзӯъҳои азбарнашуда равандисупоришотро нав созад. Яъне метавонад ба саволу супоришот доир ба ибораҳои рехтаву устувор, ҳиссаҳои гуногуни нутқ , тарзҳои калимасозӣ, аъзоҳои ҷумла, услубҳои нутқ ва як қабил соҳаҳои забоншиносӣ муроҷиат намояд, то дар мағзи донишомӯзон мавзӯъҳои муттазаккирро ҷойгир намояд.

Ҳамин аст, ки диктанти санҷишӣ мавзӯи сарсарӣ набуда, кони илму хирад, маҳаки омӯзишу тадқиқот аст. Чунин тарзи дуруст ташкил намудани он бо назардошти ояндааш дар донишомӯзон ташаккули нутқи мураттабро ба роҳ меандозад. Савияи дониши онҳоро афзун намуда эътибориокӣ ва ҳисси масъулиятро ба талаботи нормаҳои забони адабӣ зиёд мегардонад.Сабақи онҳоро доир ба фан ғанӣ гардонда, дилгармӣ ва муҳаббаташонро ба хондан афзун месозад.

## I.V. Таълими мубтадо дар синфи VII

Донишомӯзони мактабӣ ҳанӯз аз синфҳои панҷум бо мавзӯи сараъзо ва аъзоҳои пайрав ошно ҳастанд. Дуруст аст, ки ҳарчанд маълумоти мухтасар доранд, вале дар мавриди ҷудо кардани онҳо дар таркиби ҷумла тасаввурот ҳосил кардаанд. Аз ин рӯ дар синфҳои болоӣ аз худ кардан ва таҳлил намудани ин мавзӯ барои онҳо осонтар аст.

Хотиррасон менамоем, ки миқдори ками соатҳое, ки дар барнома ба боби “Сараъзо ва аъзоҳои пайрав” ҷудо карда шудааст, дар асоси ба назар гирифтани миқдори соатҳои ба дигар мавзӯъҳои боби мазкур бахшидашаванда ба сараъзоҳо 4 соат, аз ҷумла, 2 соаташро ба мубтадо ва 2 соати дигарро ба таълими хабар ҷудо кардан дуруст меояд. Ҳаминро ҳам бояд гуфт, ки ҳамаи таърифу қоидаҳои назариявии оид ба мубтадо дар китоби дарсӣ танҳо дар якзери сарлавҳаи “ Сараъзоҳои ҷумла. Мубтадо” дода шудааст. Аз ин рӯ, он ду соатро бо як ном- “Мубтадо” таълим додан номувофиқ аст. Аз ин ҷиҳат, хуб мебуд, агар соати аввал бо номи “Мубтадо ва

ифодаи он” ва соати дигар бо номи “Таркиби мубтадо” таълим дода шавад.

**Дарси аввал:** “Мубтадо ва ифодаи он”

Дар ин соати дарсӣ дониши пешинаи аҳли синф, ки дар синфи V доир ба мубтадо гирифтаанд, санҷида ва ё такрору мустаҳкам карда шуда, сипас, заминаи морфологии ифодаи он дар асоси мисолҳо шарҳу эзоҳ дода шавад.

Айнан ҳамин соати дарсиро дар асосиметодҳои гуногун ба роҳ мондан мумкин аст. Ин ба салоҳдид ва таҷрибаи омӯзгор бештар вобаста мебошад. Зеро дар шароити кунунӣ методҳои гуногуни таълимдиҳӣ мавҷуданд, ки муаллим метавонад яке аз онҳоро бо ба назар гирифтани савияи дониши хонандагон ба роҳ монад. Ба гумони мо методи сӯҳбат ва нақли муаллим ба шогирдон беҳтар аст. Чунончи, муаллим мавзӯъро (“Мубтадо ва ифодаи он”) эълон намуда, ба донишомӯзон чунин саволҳоро медиҳад:

1. Аъзоҳои ҷумла чандто? Номбар кунед.
2. Онҳо (аъзоҳои ҷумла) ба чанд гурӯҳ ҷудо мешаванд?
3. Сараъзоҳои ҷумла кадомҳоянд?
4. Мубтадо чист?
5. Мубтадо ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?
6. Маънои луғавӣ ва аслӣ баромади калимаи мубтадоро шарҳ диҳед.
7. Мубтадо бо кадом ҳиссаҳои нутқ ифода меёбад? Мисолҳо оред.

Дар охир худи муаллим ҷавобҳои хонандагонро ҷамъбаст карда, дар қисми хулоса чунин илова мекунад: Шумо дар синфи V низ доир ба аъзоҳои ҷумла маълумот гирифта будед ва ҷавобҳои ба чанд савол гардондаи ҳозираатон ба ин далел шуда метавонад. Аммо он донише, ки доир ба ин мавзӯъ, яъне аъзоҳои ҷумла, пеш аз ҳама, оид ба мубтадо доред, ҳанӯз кифоягӣ намекунанд. Минбаъд аз ҳамин соат сар карда шумо бояд оид ба аъзоҳои ҷумла маълумотҳои васеътару пурратар гирифта, донишатонро боз ҳам зиёдтар такмил диҳед. Чунон ки гуфтед, аъзоҳои ҷумла панҷто буда, ба ду гурӯҳ – сараъзоҳо ва аъзоҳои пайрав ҷудо мешаванд.

Сараъзоҳоро асоси ҷумла меноманд. Ҳамин тавр, аввал на аъзоҳои пайрав, балки онҳоро омӯхтан лозим меояд. Зеро ки мубтадо ва хабар асоси ҷумла ё худ ду тарафи сарҳади ҷумларо – яке дар аввал (мубтадо) ва дигаре (хабар) дар охир – ташкил медиҳанд. Вале аз сараъзоҳои ҷумла, дар навбати якум, мубтадоро омӯхтан ва ба хусусиятҳои он шинос шудан маслиҳат дода мешавад. Чаро? Барои он ки дар ҷумла ҳамеша сухан дар бораи мубтадо меравад. Қанӣ муайён кунед, дар ин ҷумлаҳо сухан дар бораи кӣ ва чӣ рафтааст? (Диққати хонандагон ба ҷумлаҳои поён ва амсоли онҳо, ки пешакӣ дар доскаи сайёр ё дар ватман навишта шудаанд, ҷалб карда мешавад): Айнӣ нависанда ва ҳам шоири бузург аст. Вай бо эҷодиёти худ баадабиёти ҷаҳонӣ ворид гардидааст. Ҳамагон навиштаҳояшро бо мароқ мехонанд.

Дар ин маврид, хонандагон ҷавоб медиҳанд, ки дар ин ҷумлаҳо сухан дар бораи Айнӣ,вай (Айнӣ)ва ҳамагон рафтааст. Муаллим ба ин ҷавоби шогирдон, бо мақсади он ки онҳо боз ҳам ба фаҳмидану дарк кардани мавзӯи нав омодатар гарданд, ба тариқи илова, мегӯяд: Бале, барои он дар ҳамаи ин ҷумлаҳо сухан дар бораи мубтадо меравад, ки он иҷрокунандаи кор, бавуҷудоварандаи таъсиру амалу ҳаракат мебошад. Вале нишондиҳанда ва ифодакунандаи ин ҳама хабар – сараъзоҳои дуюм аст. Барои ҳамин ҳам, аз сараъзоҳо, аввал, мубтадо, баъд, хабарро меомӯзанд. Мо низ ба омӯхтани аъзоҳои ҷумла шурӯъ карда, оғози омӯзиши онҳоро, чун дар синфи V, аз мубтадо сар мекунем. Инак, чуноноки гуфтем, дарси имрӯзаамон “Мубтадо ва ифодаи он” ном дорад.

Пеш аз баён намуданимавзӯи нав усули дедуктивии таълимро пеш гирифта муаллим, пеш аз ҳама, диққати аҳли синфро ба қоидаи мубтадо ва дар асоси мисолҳо ба кушода додани он ҷалб менамояд:

- Таърифи мубтадо ва ба кадом саволҳо ҷавоб шудани онро донишомӯзон ҳанӯз дар синфи V аз худ карда буданд. Вале таърифи пурратари мубтадо, асосан, чунин аст: **“Мубтадо сараъзои ҷумлаест, ки амал, ҳолат ва ё аломати дар ҷумла ифодаёфта ба он тааллуқ дорад”**. Яъне мубтадо, дар навбати аввал, баамалорандаи ҳамон амал, ҳолат, ҳаракат буда, сониян,

дорои аломат- хислат, машғулият, рангу бӯй ва ададу миқдорест, ки ин ҳама хусусиятҳо дар сараъзои дигари ҷумла – хабар инъикос меёбанд ва ҳангоми омӯзиши хабар ин ҷиҳати масъала аниқтар эзоҳ дода мешавад. Лекин ҳоло шумо бояд аниқ донед, ки амалу ҳолату ҳаракат аз тарафи кӣ ва чӣ ба вуҷуд оварда мешавад. Кӣ ё чӣ дорои аломат мебошад? Биёед, ҳиссаи нутқро ба хотир оварем (Дар ин лаҳзаи дарс муаллим бо чанд савол мурочиат мекунад, ки бояд хонандагон ҷавоб диҳанд. Хато ва ҷавобҳои ноқиси онҳо, албатта, аз тарафи муаллим ислоҳ ва пурра карда мешаванд):

– Кадомҳиссаи нутқ амал, ҳолат ва ҳаракатроифода мекунанд?

– Феъл.

– Дуруст. Феъл, амал, ҳолат ва ҳаракати чиро ифода мекунад? Пурра ҷавоб диҳед.

– Феъл амалу ҳолат ва ҳаракати предметро ифода мекунад.

– Бале,хуб аст. Гӯед, ки аломат, рангу бӯй, ададу миқдорро чӣ ифода мекунад?

– Аломат, рангу бӯйро – сифат ва ададу миқдорро – шумора.

– Дуруст гуфтед.Акнун гӯед, ки сифату шумора аломат ва миқдори чиро ифода мекунанд? Бо як калима ҷавоб диҳед.

– Предметро.

– Маъқул. Худи предметро кадом ҳиссаи нутқифода мекунад?

– Исм.

– Исм ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?

– Исм ба саволҳои кӣ? киҳо? ва чӣ? чиҳо? ҷавобмешавад.

– Аз аъзоҳои ҷумла мубтадо чӣ?

– Мубтадо ҳам ба ҳамин саволҳо ҷавоб мешавад.

– Бале, чунки мубтадо предметест, ки дар ҷумла сухан бораи вай меравад. Амалу ҳолату ҳаракат ва аломати таъкидшуда дар ҷумла низ ба он тааллуқ дорад.

Мисли ҳамин дар асоси гуфтаҳои боло, ки ҷиҳатҳои характерноки мубтадо шарҳ дода мешавад, муаллим диққати хонандагонро ба қисми дуюми дарс- ифодаёбии мубтадо дар ҷумла ҷалб менамояд. Вай дар ин бобат метавонад чунин саволро ба миён гузорад: Акнун мо бояд донем, ки мубтадо бо кадом ҳиссаҳои нутқ

ифода меёбад? Худи шумо дар асоси такя намудан ба донишҳои дар синфи V гирифтаатон ба ин савол аллакай ҷавоб дода будед, яъне гуфтед, ки мубтадо бештар бо исм ва ҷонишинҳо ифода меёбад. Чаро? Чунки пеш аз ҳама, исмҳо ва ҷонишинҳо, хусусан ҷонишинҳои шахсӣ предметро ифода карда, ба саволҳои мубтадо ҷавоб мешаванд. Пас, манбаи асосии ифодаи мубтадо исму ҷонишинҳои шахсианд. Чанд мисол: **Мадина** ба ҳамаи саволҳои муаллим ҷавобидуруст дод; **Ман** дар озмуни вилоятӣ иштирок кардам; **Вай** ҳамеша ба суханони муаллим гӯш меандохт.

Пас аз шарҳ додани мубтадои ҷумлаҳои болоӣ, пеш аз он ки дар бораи бо дигар хелҳои ҷонишину ҳиссаҳои дигари нутқ ифода ёфтани мубтадо маълумот дода шавад, тибқи имкон, ба шарте ки вақт сарфа шуда бошад, омӯзгор метавонад боз чунин илова кунад: Бояд донист, ки мубтадо вобаста ба ҷойи худ дар ҷумла ва ё матн се шахсу ду шумораро далолат мекунад. Вале ба вазифаи мубтадоҳои шахси якуму дуюмро ифодакунанда танҳо ҷонишинҳо (бештар ҷонишинҳои шахсӣ) меоянд. Зеро гӯянда (шахси якум) ҳангоми дар бораи худаш маълумот додан барои аниқ гардондани мубтадо танҳо ҷонишинҳои **ман** ва **моро** дар нутқаш кор мефармояд. Барои он ки хабар (феъл) дар шахси якуми танҳову ҷамъ танҳо бо ҷонишинҳо алоқаманд шуда, аз рӯи шахсу шумора мувофиқат карда метавонад. Дар ҳолати баръакс услуб ва қолиби ҷумлабандӣ ноқис мегардад. Мисол, гӯянда – шахси якум **“Анвар”** ном дошта бошад, **“Анвар ин корр иҷро мекунам** (?) не, балки **“Ман ин корро иҷро мекунам”** мегӯяд.

Мисли мисолҳои болоӣ, мубтадоҳои шахси дуюми танҳову ҷамъро ифодакунанда низ на бо исмҳо, бо ҷонишинҳо ифода меёбанд, вагарна алоқаи онҳо бо хабар аз рӯи шахс таъмин намегардад. Бар хилофи мубтадоҳои шахси якуму дуюм мубтадоҳои ифодакунандаи шахси сеюмро асосан, исмҳо ташкил медиҳанд. Зеро он мубтадоҳо шахси ғоибро далолат мекунанд ва аз ин рӯ, то ки предметашон аниқу конкреттар гардонда шавад, бештар бо исм ифода меёбанд. Вале матн аз якчанд ҷумла иборат бошад, дар он сурат мубтадои шахси сеюм дар ҷумлаҳои аввал бо

исм ифода ёбад ҳам, дар ҷумлаҳои дигар бо ҷонишинҳо ифода ёфта метавонад. Чунки кор бештар маҳз барои аз такрори сухан нигоҳ доштани нутқ ба ҷо оварда мешавад. Чунончӣ: **Одамон...** пасу пеш аз толор ба берунбаромаданд. **Онҳо** аз рафти маҷлис... хурсанд буданд.

Пас аз ҳарҳу эзоҳ додани мубтадоҳои ҷумлаҳои боло, муаллим боз диққати аҳли синфро ба ифодаёбии он ҷалб намуда мегӯяд: Мо қайд карда будем, ки мубтадо, пеш аз ҳама, бо исм ва ҷонишинҳо ифода меёбад. Вале дар мисолҳои овардашуда шумо мушоҳида намудед, ки аз ҷонишинҳо танҳо ҷонишинҳои шахсӣ ба вазифаи мубтадо омадаанд. Лекин ба вазифаи мубтадо хелҳои дигари ҷонишинҳо, аз ҷумла ҷонишинҳои таъинӣ, нафсӣ-таъкидӣ, номуайянӣ низ омада метавонанд, ки дар ин бобат мисолҳо оварда муоина менамоем.Ҳаминро ҳамдонистан зарур аст, ки масдар ва дигар ҳиссаҳои нутқ ҳам дар ҷумла хусусияти предметӣ (исмӣ) пайдо карда, ба вазифаи мубтадо омада метавонанд. Мисолҳои дар зер оварда шуда ин гуфтаҳоро тасдиқ мекунанд:

**Бо исм:**

Мурод кори худро иҷро намуд.
Одамон пасу пеш ба метро ворид шуданд

**Бо ҷонишин:**

Шумо ин корро худатон иҷро кунед!
Онҳо байни ҳамдигар мунокиша мекарданд.

**Бо масдар**:

Гуфтан чизи дигару иҷро кардан чизи дигар.
Омадан бо иродат, рафтан бо иҷозат.

**Бо сифати феълӣ:**

Оянда дар дасти ҷавонон аст.
...бинанда ба андешаҳои гуногун мерафт.

**Бо сифат:**

Доно аспашро таъриф мекунад, нодон худашро.
Айби худ нодон набинад дар ҷаҳон, бошад андар ҷустани айби касон.

**Бо шумора:**

Даҳ ба панҷ бебақия тақсим мешавад.
Чор каррат чор шонздаҳ.

Тибқи талабот омӯзгормубтадоҳои ҷумлаҳои болоиро як-якшарҳу эзоҳ дода, мавзӯъҳоро ҷамъбасту хулоса мекунад ва бо ҳамин баёни мавзӯъро хотима мебахшад. Хуб мебуд, агар омӯзгор ба ҷумла сохтани талабагон низ дар давоми соати дарсӣ имконият меофарид. Чунки амалан иҷро кардани машқҳо барои дар хотири донишомӯзон нақш бастани мавзӯ ёрӣ мерасонад.

Дар вақтимустаҳкамкунӣ чунин корҳоро ба ҷо овардан мумкин аст:

а) Дар навбати аввал, супориш дода мешавад, ки аз китобӣ дарсӣ таърифу қоидаҳои ба дарси имрӯза оидродоир ба мубтадо мустақилона хонда бароянд.

б) Сипас, ба чунин саволҳо дониши аҳли синфро санҷидан даркор:

1. Мубтадо чист? Он ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?
2. Мубтадо чаро сараъзои асосии ҷумла ном дорад?
3. Мубтадо бо чи ифода меёбад? Мисолҳо оваред.
4. Чаро ба вазифаи мубтадо бештар исму ҷонишинҳо меоянд?
5. Ба кадом шарт дигар ҳиссаҳои нутқ ба вазифаи мубтадо меояд? Мисолҳо оваред, ки мубтадо бо сифату шумора, бо хелҳои ҷонишинҳо ва бо масдару сифати феълӣ ифода ёфта бошад.

в) Супориш. Машқҳои китоби дарсиро хонда мубтадояшро аниқ кунед. Пас,бо чӣ ифода ёфтани онро гуфта диҳед.

Дар охири ин дарс, илова ба маводи китоби дарсӣ вазифа супорида мешавад, то ки хонандагон аз худ эҷодкорона панҷ ҷумла навишта, бо кадом ҳиссаҳои нутқ ифода ёфтани мубтадоро муайян карда оянд.

**Дарси дуюм:** Ба ин дарс, азбаски он, асосан, ба муайян кардани таркиб (сохт)-и мубтадо бахшида мешавад, лозим меояд, ки „ Таркиби мубтадо “ ном гузорем. Аммо барои иҷро кардани талаби барнома зарурат ҳам ҳаст, ки доир ба ҷои мубтадо дар ҷумла низ ба хонандагон маълумоти зарурӣ дода шавад. Аз ин нуқтаи назар,

пешакӣ аниқ кардани ин дарси навбатӣ ва ноил шудан ба он аз омӯзгор дониши амиқи илмию методӣ ва дар баробари он, масъулияти баланд металабад. Тибқи мақсади дарси мазкур ва ҳамчунин дар асоси далелу санадҳои забонӣ, пеш аз ҳама, хонандагон бояд фаҳманд ва дарк кунанд, ки мубтадо аз ҷиҳати таркиб ду хел, яъне содда ва таркибӣ мешавад. Бояд гуфт, ки дар ин бобат дарки мубтадоҳои таркибӣ назар ба мубтадоҳои содда ба хонандагон мушкилтар менамояд. Барои ҳамин ҳам, диққати онҳоро дар асоси истифодаи методи муқоиса на фақат ба хусусиятҳои мубтадоҳои таркибӣ нисбат ба мубтадоҳои содда, балки ба заминаи ифодаи морфологии он мубтадоҳо (таркибӣ) низ бештар ҷалб намудан аз мақсадҳои асосии дарс дониста мешавад. Зимни мисолҳо таъин намудани ҷои мубтадо дар ҷумла ( дар аввал, дар мобайн ва дар охир ҷумла омадани мубтадоҳо ) ва шарҳу эзоҳи он мантиқан мақсади дигари соати таълимии ин дарс ба шумор меравад.

Мавзӯи дарси навро эълон намуда, диққати хонандагонро ба мисолҳои зерин, ки пешакӣ дар доскаи сайёр ва ё дар ватман сабт шудааст, ҷалб бояд кард:

1.**Бародарон** дар кори ҳашар хеле фаъол буданд. **Онҳо** вазифаи ба худашон супурда шударо сари вақт иҷро карданд. **Ҳотам** боми хонаашро бо лой пӯшонд. 2.**Қишлоқи Соихурд** дар шафати кӯҳистон ҷойгир шуда буд.**Ҳар кӣ** бо бадон нишинад, некӣ набинад.

**Яке аз ношиносҳо...**ба сӯҳбат ҳамроҳ шуда монд.

Пас аз хонда баромадани мисолҳои мазкур, муаллим ба нақл оғоз мекунад, ки он мазмунан чунин аст: Шумо дар бораи мубтадо ва роҳҳои ифодаёбии он маълумот гирифта будед. Ҳоло дар ин дарс бошад, дар бораи таркиби мубтадо, яъне мубтадо аз ҷиҳати таркиб (сохт), маълумот медиҳем. Мубтадоҳо аз ҷиҳатӣ таркиб ё худ сохташон ду хел, яъне **содда ва таркибӣ** мешаванд. Чӣ хеле ки ҳоло мушоҳида мекунем, дар ин ду гурӯҳи мисолҳо танҳо ба зери мубтадоҳо ишора карда шудааст. Мубтадоҳо дар гурӯҳи аввали ҷумлаҳо бо як калима ( Бародарон, онҳо, Ҳотам ) ифода ёфтаанд.

**Чунин мубтадоҳоро, ки ба воситаи як калима ифода ёфтаанд, аз ҷиҳати таркиб мубтадои содда меноманд.**

Дар гурӯҳи дуюми мисолҳо бошад, мубтадоҳо бо ду ва ё зиёдакалимаҳо - ҷузъҳо ифода ёфтаанд. Ин калимаҳо – ҷузъҳо ( Қишлоқи Сойихурд,ҳар кӣ, яке аз ношиносҳо ) ва амсоли онҳо дар якҷоягиву ҳамбастагӣ як мафҳум – як аъзои ҷумла, яъне мубтадоро ифода мекунанд. **Чунин мубтадоҳоро таркибӣ меноманд.**

Ҳаминро ҳам ба ҳисоб гирифтан лозим аст, ки муайян намудани мубтадоҳои таркибӣ баъзе нозукиҳо ҳам дорад. Ин нозуки дар он ифода меёбад, ки баъзе мубтадои соддаи аъзои тафсилӣ гирифтаро ҳам мубтадои таркибӣ меноманд. Дар ин бобат ба шогирдон бояд фаҳмонд, ки ба вазифаи мубтадоҳои таркибӣ пеш аз ҳама, исмҳои ҷинс ва хоси таркибии ифодакунандаи номҳои предметҳо, давлатҳо, республикаву вилоятҳо, органҳои олии давлатӣ, ташкилоту муассисаҳои илмиву маданӣ воқеаҳои сиёсӣ, аз қабили **тоҷи хурӯс** ( гул ), **оби дандон** ( навъи қанд ), **марги муш** (доруи заҳрнок), **Ҷумҳурии исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷанги Бузурги Ватанӣ, Хона-музейи ба номи С. Айнӣ, хонаи маорифи сиёсӣ** ва ғ. меоянд. Зеро исмҳои мазкур аз якчанд калима ва ё ҷузъ ташкил ёфта бошанд ҳам, дар ҳамбастагии ногусастанӣ як ном ва ё мафҳумро ифода мекунанд, ки онҳоро воҳидҳои устувори забон ҳам меноманд. Масалан: **Оби дандон** дар бозорҳои Самарқанд арзон аст. **Хона-музейи ба номи С.Айнӣ** аз сари нав таъмир карда шуд.

Таъбирҳо ё худ воҳидҳои фразеологӣ ҳам, аз ҷумлаи **гули сари сабад** (маҳфилоро), **қути лоямут** ( луқма, миқдори ками таом), **нури дида** (фарзанд), дар вазифаи мубтадо мубтадоҳои таркибиро ташкил медиҳад: **Гули сари сабад** дар маҳфил шеъри зиёде қироат намуд. **Қути лоямут** нафси ӯро қаноат мекунонид.

Ба ҷуз аз ин, ҷонишинҳои таркибии таъинӣ, номуайянӣ ва манфӣ, масдарҳои таркибӣ (ҳар кӣ, ҳар кадом, ҳар як, ҳеҷ кӣ, ҳеҷ кас, ҳеҷ чиз) иборахои ҷонишинии ҷузъи асосиашон бо ҷонишинҳои номуайянии **яке, баъзе, чанде** (яке аз бинандагон, баъзе аз омадагон) ифодаёфта дар вазифаи мубтадо аз ҷиҳати

таркиб, ҳамчун мубтадоҳои таркибӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд: Мисолҳо: Дар саҳни маҷлис **ҳеҷ кас** набуд. **Яке аз ҳозирон** дар ин бора гап кушод.

Баъди баёни шаклҳо ва ё заминаи морфологии ифодаи мубтадоҳои таркибӣ, ки ин ҳама, асосан, дар зимни мисолҳои гурӯҳи дуюм ва мисолҳои ҳоло овардашуда тавзеҳ дода мешаванд, мухтасар дар бораи ҷои мубтадо дар ҷумла низ сухан рондан лозим меояд.Доир ба ҷои мубтадо, пеш аз ҳама таъкид карда мешавад, ки дар забони адабии ҳозираи тоҷик мубтадоҳо бештар дар аввали ҷумла меоянд. Албатта, ин масъала ба шогирдон ҳанӯз аз синфи V маълум шуда буд. Бо вуҷуди ин, барои исботи ин фикр диққати онҳо ба мисолҳои овардашуда ҷалб карда шавад, кифоя аст. Зеро дар аксари он мисолҳо мубтадоҳо дар аввали ҷумла оварда шудаанд. Сонияи, гуфта мешавад, ки мубтадоҳо вобаста ба услуби баён дар мобайн ва дар охири ҷумла низ оварда мешавад.

Дар хусуси дар мобайн ва ё охири ҷумла ҳам омадани мубтадоҳо чунин шарҳу эзоҳи муаллим зарурат дорад. Чунончи: Агар гӯянда ё худ адиб дар иҷрои амалу ҳолату ҳаракати дар ҷумла ифодашуда бартарӣ доштани яке аз аъзоҳои пайравро нишон доданӣ, яъне таъкид карданӣ бошад, дар он сурат он аъзои ҷумла, ҳамчун аъзои таъкидкунанда ва ё таъкидшаванда, пеш аз мубтадову мубтадо баъд аз он, яъне дар мобайни ҷумла, оварда мешавад. Вале агар бартарии маҳз амалу ҳаракати ифодаёбанда таъкид шуданӣ бошад, он гоҳ мубтадо баъд аз хабар – дар охири ҷумла оварда хоҳад шуд. Мисолҳо: Худи ҳамин дам Барот аз дар даромада омад. Дар айни авҷи сӯҳбат писараке омада, ба мо ҳамроҳ шуд.

Тоҷи сари ҷумла ҳунарҳост **илм**,
Қулфкушои ҳама дарҳост **илм**.

Бо шарҳи мисолҳои боло, ки ҷои мубтадо – дар мобайн ва дар охири ҷумла омадани он таъкид карда мешавад, баёни мавзӯъ ба охир мерасад. Лаҳзаи мустаҳкамкунии дарси номбурдаро, аввало, ба иҷрои корҳои мустақилонаи зерин истифода бурдан ба мақсад мувофиқтар аст:

а) Иҷрои машқҳои китоби дарсӣ (даҳонакӣ). Аз мисолҳои додашудаи машқ мубтадоҳоро ҳам аз ҷиҳати таркиб ва ҳам ҷояшон шарҳ диҳанд.

б) Ҷумлаҳое тартиб диҳанд, ки дар он калимаву таркибҳои зерин ба вазифаи мубтадо омада бошанд: Ҷумҳурии Ўзбекистон, тадбиркорон, "Овози тоҷик", ҳеҷ кӣ,Боғи ба номи Алишери Навоӣ.

Мувофиқи дархости омўзгор дар вақти эзоҳи иҷрои супориши боло донишомўзон бояд мубтадоҳоро аз ҷиҳати таркиб ва ҷояшон дар ҷумла ҳам маънидод кунанд.

Дар хотимаи дарс, бо мақсади санҷидани дониши назарии шогирдон бо саволҳои зерин муроҷиат кардан мумкин:

1. Мубтадо аз ҷиҳати таркиб чанд хел мешавад?
2. Мубтадои содда аз таркибӣ чӣ фарқ дорад?
3. Умуман, чӣ гуна мубтадоро таркибӣ меноманд?
4. Мубтадоҳои таркибӣ, пеш аз ҳама, бо кадом исмҳо ифода меёбанд?
5. Аз ҷонишинҳо кадом гурўҳашон мубтадоҳои таркибиро ташкил медиҳанд?
6. Аз худ доир ба мубтадоҳои содда ва таркибӣ яктоӣ ҷумла нависед.

Баъди санҷидани натиҷаи супориши боло лаҳзаи мустаҳкамкунӣ қатъ гардида, вазифаи хонагӣ супорида мешавад. Ҳамчун вазифа, аз мақолаҳои рўзномаҳои "Овози тоҷик" ва "Ховар" доир ба мубтадоҳои соддаю таркибӣ навишта омадани панҷтоӣ ҷумла тавсия карда мешавад.

Дар хулоса ҳаминро ҳам ёдовар шудан лозим аст, ки доир ба мавзўи чида шуда омадани мубтадо мо боз ин мавзўро такрор хоҳем кард. Ҳамчунин илова бояд намуд, ки ба маводи китоби дарсӣ банд нашуда, доир ба ин мавзў бештар дар мавриди хондани китобҳои бадеӣ мустақилона фикрҳо карда шаванд. Зеро такрор ва омўзиши доимӣ боиси пухта аз худ шудани мавзўи мазкур мегардад.

## I.VI. Тарзи таълими аломатҳои шартии ҷумлаҳои пайрав

Дар барномаи таълимии Вазорати таълими халқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон (барои солҳоихониши 2022-2023) ба мактабҳое, ки таълимашон ба забони тоҷикӣ сурат мегирад, барои таълими ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар синфҳои IX 17 соат ҷудо карда шудааст. Аммо ҳаминро бояд гуфт, ки барои фаҳмондани ин гурӯҳи ҷумлаҳои мураккаб ҳаҷми соатҳои дарсӣ хеле кам аст. Гузашта аз ин 1 соати он барои кори назоратӣ муқаррар карда шудааст. Ҳол он ки омӯзгорони фан то чӣ андоза мураккаб будани мавзӯро хуб медонанд, вале акнун, ки ҳамин миқдор соат ҷудо карда шудааст, аз ин сабаб масъулиятро дуруст дарк карда, дар такя ба малакаву таҷриба ва маҳоратуқобилияти хеш мебояд ҳамаи ҷабҳаҳои мавзӯро дар сурати мӯъҷазу ихтисор гузашта тавонанд. Зеро хуб медонем, ки дар барномаҳоитаълимӣ пештар ба ин мавзӯ 25 соати дарсӣ ҷудо карда мешуд.Бинобар ин гузаштани ҳамин мавзӯъӯ азмуаллими фанни забони модарӣ дар синфи IX масъулияту маҳорати баланди методию илмиро металабад. Мақсад аз таълими ин мавзӯъ ин аст, ки аҳамият, хусусиятҳои маъноифодакунӣ ва характери экпрессивӣ (ҷозибанокӣ)-и ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дастраси хонандагон шавад. Донишомӯзон бояд ҳангоми омӯзиши ҳар як мавзӯъ чи дар нутқи даҳонӣ ва чи дар нутқи хаттии худ ҷумлаҳои мураккаби тобеъро озодона истифода бурда тавонанд. Ҳам омӯзгор ва шогирдон бояд ба қоидаҳои дастурӣ ва таълимӣ сахт риоя карда, пайи омӯхтани ин мавзӯъ дар худ завқу шавқ бедор намоянд. Агар ҳамин тавр нашавад, фаҳм ва дарки ин мавзӯъ хеле мушкилиҳо пеш меоварад.

Муайян карда тавонистани сарҷумла ва ҷумлаи пайрав, хели ҷумлаи пайрав аз ҷиҳати маъно, воситаҳои алоқаи ҷумлаи пайрав бо сарҷумла, ҷои ҷумлаи пайрав ва сарҷумла дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ – ин ҳама ҷиҳати амалии аз худ кардани ҷумлаҳои мураккаби тобеъро дар бар мегирад. Ҳарчанд шогирдон то сар кардани ин мавзӯъ дар бораи ҷумлаҳои мураккаби пайваст аллакай маълумот доранд, вале бо вуҷуди ин зарур мегардад, ки фарқияти

онҳоро низ дуруст сарфаҳм раванд. Дар ҷумлаҳои мураккаби пайваст ҷумлаҳои содда мустақилии худро нигоҳ дошта метавонанд. Аммо дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, ҷумлаҳои пайрав ба сарҷумла тобеъ гашта як навъ мустақиллияти худро гум мекунанд, сарҷумларо аз ягон ҷиҳат (замон, макон, сабаб, мақсад, шарт, натиҷа ва ғайра) шарҳу эзоҳ медиҳанд. Инчунин пайвандакҳои ин гуна ҷумлаҳо низ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Бинобар инбо аломатҳои шартӣ муайян кардани сарҷумла ва ҷумлаи пайрав як ҷиҳати муҳими кор ҳангоми таълими ин мавзӯъ ба шумор меравад. Дар натиҷаи рафти кор ва тафтишотҳое, ки дар ин самт бурда шуданд, маълум мегардад, ки на ҳамаи муаллимонба шогирдони худ аз рӯи як принсип дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо аломатҳои шартӣ муайянкардани сарҷумла ва ҷумлаи пайравро меомӯзонанд. Онҳо доир ба ин масъала, асосан, ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд.

Аз ин ҷост, ки гурӯҳи якум (аксарияти омӯзгорон) ба зери ҳамаи хелҳои ҷумлаи пайрав бо хати мавҷнок (~ ~ ~ ~ ) ва ба зери сарҷумла бошад,бо хати рост(- - -) ишора карданро ба хонандагон таълим медиҳанд. Гурӯҳи дуюм ( хадди ақкалият) ба хонандагон таълим медиҳанд, ки ба зери сарҷумла хати рост кашида, ба зери хелҳои ҷумлаи пайрав бо аломатҳои шартии аъзои ҷумла, мувофиқи хели ҷумлаи пайрав аз рӯи маъно, ишора намоянд. Яъне ин гурӯҳи муаллимон ҷумлаи пайрав пуркунанда бошад, ба зераш тире-тире(- - -) ё ҷумлаи пайрави ҳол бошад тире-нуқта (-. -. -.) ва агар ҷумлаи пайрави муайянкунанда бошад, хати мавҷнок кашиданро, ки ин аломатҳои шартӣ ба хонандагонҳанӯз аз синфи V шинос аст, меомӯзанд.

Аз ҳамин нуқтаи назар ба ақидаи аксар методи гурӯҳи якуми муаллимон самараи дилхоҳ намедиҳанд. Барои он ки хонандагон пас аз аломатҳои зоҳирии сарҷумла ва ҷумлаи пайрав (ҷумлаҳои мустақилу эзоҳталаб будани сарҷумла дар таркиби ҷумлаҳои пайрав омадани пайвандакҳои тобеъкунанда ва бо вергул аз ҳам ҷудо карда шудани сарҷумла ва ҷумлаи пайрав)-ро аз худ кардан дуруст фикр накарда, ба зери сарҷумла хати росту ба зери тамоми

ҷумлаҳои пайрав хати мавҷнок кашидан мегиранд. Азбаски ин усули таҳлилро хонандагон зуд меомӯзанд, муаллимон хурсандӣ мекунанд, ки шогирдонашон бо аломатҳои шартӣ муайян кардани чунин як мавзӯъи мушкилро аз худ кардаанд.

Айнан ана ҳамин тавр ин тарзи муайян кардани аломатҳои шартии таҳлили ҷумлаҳои мураккаби тобеъ қобилияти фикркунии хонандагонро маҳдуд намуда, доир ба ҳамин мавзӯъи мураккаби боби синтаксис ҳаматарафа инкишоф намедиҳад ва баъди ба охир расидани таълими тамоми хелҳои ҷумлаи пайрав дар аксари хонандагон аз мавзӯъи мазкур як тасаввуроти норавшан боқӣ мемонад. Гап дар сари он аст, ки муаллимон ҳангоми таълими ҳар як хели ҷумлаи пайрав аз сарҷумла бо саволдиҳӣ муайян кардани хели ҷумлаи пайравро қайд карда гузаранд ҳам, ба зери ҷумлаи пайрав ҳамон хати мавҷнокро кашидан мегиранд. Ва ҳамин тавр ин тарзи омӯзиш дар хотири шогирдон нақш мебандад, ки хеле ноқис аст.

Ҳаминро таъкид бояд намуд, ки қобили қабул набудани чунин усули корбарӣ, чи тавре ки дар боло таъкид шуд, баъдтар маълум мегардад. Масалан бо мақсади санҷидани дониши шогирдон баъди ду-се хел ё ки ҳамаи хелҳои ҷумлаи пайравро таълим додан, агар интихобан ба хонандагон якчанд ҷумлаи мураккаби тобеъро пешниҳод карда фармоед, ки хели ҷумлаҳои пайравро муайян кунанд, аксари онҳо душворӣ мекашанд.Аз ҷумла дар иҷрои талаби машқҳои 41, 50, 60, 69, 84 ва 100-и китоби дарсӣ (М. Кабиров, Ф.Исомиддинов, А. Зоҳидов, Забони тоҷикӣ[4], синфи 9, Тошканд,"Ӯзбекистон", с.2019) ки низ аз таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ муайян кардани хели ҷумлаҳои пайравро талаб мекунанд, чунин ҳолат бараъло ҳис карда мешавад.

Модоме ки чунин аст, аз ин рӯ усули корбарии гурӯҳи дуюми муаллимон, ки ба шогирдонашон бо чунин аломатҳои шартӣ, ки ҳанӯз аз синфи 5 доир ба мавзӯи аъзоҳои ҷумла шинос шуда буданд, (мубтадо _______, хабар _____, муайянкунанда ~ ~ ~ ~;

[4]М. Кабиров, Ф. Исомиддинов, А. Зоҳидов, Забони тоҷикӣ, синфи 9, Тошканд, "Ӯзбекистон", с.2019.

пуркунанда - - -, ҳол -. -. -. ) ишора намудани хели ҷумлаҳои пайравро меомӯзонанд, ба мақсад мувофиқ мебошад.

Ба мо маълум аст, ки ҳангоми таҳлили таркиби калима ва ё аъзоҳои ҷумла дар вақти истифодаи ҳар як аломати шартӣ ду ҷиҳат – аввалан истилоҳи грамматикӣ ва сониян, ҳудуди ҷойгиршавии ҳиссаи калимаву аъзои ҷумла дар назар дошта мешавад. Бинобар ин,дар усули кори омӯзгороне, ки ба зери ҳамаи ҷумлаҳои пайрав бо хати мавҷнок ишора карданро таълим медиҳанд, ҷиҳати дуюми масъала – муайян кардани ҳудуди ҷумлаи пайрав дар назар дошта мешаваду халос. Ин ҷо ҷиҳати асосии кор, ки бо дақиқ ва бошуурона муайян кардани мафҳуми грамматикӣ – хели ҷумлаи пайрав мансуб аст,аз эътибор дур мемонад. Барои ҳамин ҳам, хати мавҷнок ба ҳамаи хелҳои ҷумлаипайрав(ба ҷуз ҷумлаи пайрави муайянкунанда) аломати шартии мувофиқ шуда наметавонад. Аммо дар ин бобат усули таҳлили гурӯҳи дуюм – аққалияти муаллимон ба талаботи методикаи таълим мувофиқ аст, зеро тавассути он байни ду қисмати синтаксис – синтаксиси ҷумлаҳои содда ва синтаксиси ҷумлаҳои мураккаб алоқамандӣ ва муқоисаи монандкунӣ (чунончи якхела будани саволҳои мубтадо бо саволҳои ҷумлаи пайрави мубтадо, саволҳои муайянкунанда бо ҷумлаи пайрави муайянкунанда, ҳамчунин бо як аломати шартӣ, фарз кардем бо хати тире-тире ишора кардани пуркунанда, ҳамчун аъзои ҷумла ва ҳамчун ҷумлаи пайрав ) ба амал хоҳад омад.

Бартарии ин усул боз дар он аст, ки пас аз бо аломати дилхоҳ ишора кардан дигар зарурати ба тариқи ихтисор навиштани хели ҷумлаи пайрав (ба мисли ҷ. п. п– ҷумлаи пайрави пуркунанда, ҷ. п. х ҷумлаи пайрави хабар ва ғайра) низ аз байн меравад. Инчунин, ба фикри мо ҳолати дарк кардани ин усул аз ҷониби шогирдон хеле осон аст.

Ҳангоми бо аломатҳои шартии аъзоҳои ҷумла ишора намудани хели ҷумлаҳои пайрав аломати шартии ҷумлаи пайрави мубтадо бо аломати сарҷумла – мувофиқат мекунад, яъне ҳам ба зери сарҷумла ва ҳам ба зери ҷумлаи пайрави мубтадо хати рост кашидан лозим меояд. Аз ин ваҷҳ (барои фарқ кунонидани онҳо ба ду тарафи

аломати шартии ҷумлаи пайрави мубтадо аломати нуқта (.________.) гузоштан кофист. Инчунин ҳангоми бо аломат муайян кардани ҷумлаҳои пайрави ҳол, ҳама вақт талаб карда шавад, ки хонандагон хели ҷумла пайрави ҳолро аз ҷиҳати маъно низ эзоҳ диҳанд. Аз сабаби он, ки дар гурӯҳи ҷумлаҳои пайрави ҳол ба даҳ хел ҷудо мешавад ва дар ягон қоидаи дастурии забон аломатҳои ҷудогона муқаррар нашудааст, бинобар ин бо ҳамон аломати тире- нуқта ишора карда меҳавад ва фақат кадом хели ҳол будани он шарҳ дода мешавад.

Ҳамин тавр бо аломатҳои шартии аъзоҳои ҷумла ишора кардани хели ҷумлаҳои пайрав боиси чуқуртар аз худ шудани мавзӯъҳои синтаксиси ҷумлаҳои мураккаби тобеъ хоҳад гашт. Ин амалиёт аз як ҷиҳат ба ҷудо кардани сарҳади ҷумлаҳои соддаи таркиби ҷумлаҳои мураккаб мусоидат кунад, аз ҷониби дигар барои аз худ кардани мавзӯъ роҳи осону васеъро мекушояд.

## I.VII. Тарзи таълиму таҳлили сарҷумла ва ҷумлаи пайрав дар синфи IX

Дар барномаи таълимие, ки аз ҷониби Вазорати таълими халқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон пешниҳод шудааст, тибқи нақшаи тақвимӣ барои солҳои хониши 2022-2023 ба гузаштани мавзӯи “Сарҷумла ва ҷумлаи пайрав” дар синфи IX ҳамагӣ як соат дар китоби дарсӣ (М.Кабиров, Ф.Исомиддинов, А.Зоҳидов, Забони тоҷикӣ[5], Тошканд, “Ӯзбекистон”, 2019) ҷудо карда шудааст. Албатта, ин миқдор соат барои пурра аз худ кардани мавзӯъ хеле кам аст. Аз ин рӯ дар чунин мавридҳо бевосита масъулият ва хизмати омӯзгор дар мадди аввал дар назар дошта мешавад. Яъне вай доир ба мавзӯъ чӣ қадар донишу малака дорад ва онро бо кадом метод ва ё кадом шакли дарс ба талабагон мерасонад, вобаста мебошад. Ин аст, мавзӯи мазкур аз муаллим серталабиро тақозо менамояд. Ҳангоми гузаштани дарс беҳтар мешуд, ки муаллим мавзӯро бо методи

[5]М. Кабиров, Ф. Исомиддинов, А. Зоҳидов, Забони тоҷикӣ, Тошканд, “Ӯзбекистон”, с.2019.

анъанавӣ ба роҳ монад. Чунки дарси пештар дар параграфи ҳафтум гузаштаи “Маълумоти умумӣ дар бораи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ” ҳамин чизро тақозо мекунад.

Гузашта аз ин хонандагон доир ба ҷумлаи мураккаби тобеъ ҳанӯз дар синфҳои III-IV маълумоти ибтидоӣ пайдо карда буданд. Бино бар ин ба муаллим лозим аст, ки дар синфи IX аввал бо роҳи сӯҳбат дониши пештараи хонандагонро доир ба мавзӯъ хотиррасон намояд. Яъне барои озодона тартиб додани ҷумлаҳои мураккаб ба онҳо имконият фароҳам оварад. Илова бар ин донишомӯзон дар дарси пештара доир ба мафҳумҳом сарҷумла ва ҷумлаи пайрав ошно шуда буданд. Дуруст аст, ки онҳо дар бораи ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва хелҳои он дар пайдарпайии мавзӯъ маълумот пайдо карда буданд, вале то дарси пешин ба мафҳумҳои сарҷумла ва ҷумлаи пайрав ошноӣ надоштанд. Ҳамин қадар, ки муаллим дар мавзӯи гузашта доир ба қоидаҳои сарҷумла ва ҷумлаи пайрав маълумот дода, инчунин таҳлили машқҳо гузаронда буд. Ҳамчунин фарқи байни ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва тобеъро низ бояд гуфта гузашта бошад.

Таълими ҷумлаи мураккаби тобеъ аз муаллим донишу маҳорат, ҷустуҷӯҳои эҷодӣ ва истифодаи тарзу воситаҳои гуногуни методӣ талаб менамояд. Аз ҳамин сабаб, вай корро аз супориши дар саҳифаи 26 оварда шуда оғоз менамояд. Ҷумлаи якумро дар тахтаи синф менависад: **Кайфияти зиндагонии инсон дар ҳамин аст, ки вай ба дигарон мадад кунад** (Ҷ.Икромӣ).

Баъд якҷоя бо хонандагон ҷумлаҳои соддаи таркиби онро ҷудо-ҷудо карда мехонанд ва мазмунашонро эзоҳ медиҳанд. Муаллим бо иштироки хонандагон ҷумлаи содда будани онҳоро муайян намуда, онҳоро аз ҷиҳати мазмун ва оҳанги гуфтор, типу таркиб ва аъзоҳо таҳлил менамояд. Сипас, ҳангоми таҳлил диққати хонандагонро ба ҷумлаи “**Кайфияти зиндагони инсон дар ҳамин аст**” ҷалб менамояд. Дар ин ҷумлаи содда кайфияти зиндагонии инсон дар чӣ буданаш маълум нест. Ҳатман, ҷумлаи дигаре лозим аст, ки ба саволи дар чист? ҷавоб дода, хабари ҷумлаи соддаи якум “**дар ҳамин аст**”-ро эзоҳ диҳад ва равшан намояд. Фаҳмост, ки ба саволи

дар чист? ҷумлаи соддаи дуюм “**Вай ба дигарон мадад кунад**” ҷавоб мешавад. Баъди алоқаманд кардани ин ҷумлаҳои содда як ҷумлаи мураккаб ҳосил мешавад. Худи ҳамин тавр ҷумлаҳои боқимондаи супоришро бо мақсади осон фаҳм кардани мавзӯъ ба донишомӯзон хононда, ба ҷумлаҳои содда ҷудо карданашонро месанҷад. Дар ин маврид омӯзгор ба воситаи алоқаи байни ҷумлаҳо бештар эътибор додани шогирдонро таъкид менамояд. Муаллим эзоҳ медиҳад, ки аз ду ҷумлаи содда як ҷумлаи мураккаб сохта шуд. Аз хонандагон пурсида мешавад, ки ҷумлаҳои содда дар таркиби ин ҷумлаҳои мураккаб ба якдигар ба тариқи пайваст алоқаманд гардидаанд ё тобеъ.

Барои ба ин савол ҷавоб додан хусусияти асосии ҷумлаҳои мураккаби пайваст ба хотир оварда мешавад. Баъди ҷавоби хонандагон муаллим хулоса мебарорад, ки дар ин ҷумлаҳои мураккаб ҷумлаҳои содда ба якдигар ба тарзи тобеъ алоқаманд шудаанд, зеро:

а) аз як ҷумла савол мебарояду дигаре ҷавоб мешавад;

б) як ҷумла хусусияти тобеъкунӣ дорад, ҷумлаи дигар тобеъшавӣ;

в) пайвандакҳои дар таркиби онҳо овардашудаба гурӯҳипайвандакҳои тобеъкунанда дохил мешаванд.

Баъд қоидаи ҷумлаи мураккаби тобеъро аз дарси пешин ба ёд оварда, қоидаҳои сарҷумла ва ҷумлаи пайравро, ки дар китоб оварда шудааст, аз ёд мегӯяд: **Сарҷумла ҷумлаи мустақили аз ягон ҷиҳат эзоҳшаванда ва такмиёбанда мебошад. Ҷумлаи пайрав ҷумлаест, ки тобеи сарҷумла буда, барои эзоҳи ягон аъзо ё тамоми сарҷумла (амали сарҷумла) истифода мешавад.** Ба он хотир аз ёд мегӯяд, то ки талабагон низ дар тақлид ба устоди худ аз ёд кунанд ва ҳамин чизро ба онҳо таъкид карда мемонад. Сипас, онро ба тариқи зайл шарҳ медиҳад:ҷумлае, ки дигар ҷумлаҳоро ба худ тобеъ мекунад, фикри асосӣ дар он аст ва аз вай савол мебарояд, сарҷумла ва ҷумлае, ки ба сарҷумла тобеъ шуда, онро аз ягон ҷиҳат эзоҳ медиҳад, ба саволи сарҷумла ҷавоб мешавад ва хусусияти тобеъшавӣ дорад, ҷумлаи пайрав номида мешавад.

Пас аз он тибқи нишондоди китоби дарсӣ ба фаҳмондани ҷойи сарҷумла ва ҷумлаи пайрав дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ мепардозад.Ин ҷо бамаврид аст, ки як чизро таъкид карда гузарем. Муаллифон дар вақти нишон додани ҷойи сарҷумла ва ҷумлаи пайрав ишораи соддатари онро низ дар китоби дарсӣ ҷой медоданд, нуран аъло нур мешуд. Мутаассифона ҳамин чиз дар вақти иншо кардани китоби дарсӣ ҷой дода нашудааст, вале оварданиишора ва ё схемаи он боиси боз ҳам осонтар шудани дарки мавзӯъ мегардид. Масалан,1.**Ҷумлаи пайрав пас аз сарҷумла меояд**: Ман хеле афсӯс мехӯрам, ки ин ҷанҷол имрӯз яктарафа нашуд (С.Айнӣ). Ман донистам, ки овозаи мардум рост будааст (Ҷ.Икромӣ). 2. **Ҷумлаи пайрав пеш аз сарҷумла воқеъ мегардад:** Ҳамин ки аз ин рахна дарунтар меравед, фиреб хӯрдани худатонро мефаҳмед (С.Айнӣ). То ранҷ набарӣ, роҳат набинӣ (Зарб).

Дар байни сарҷумла ва ҷумлаи пайрав аломати вергул гузошта мешавад.

3. **Ҷумлаи пайрав ҳангоми барои эзоҳи ягон аъзои сарҷумла омаданаш метавонад дар дохили сарҷумла истифода шавад.**Дар ин ҳол аз ду тарафи ҷумлаи пайрав аломати вергул гузошта мешавад: Яке аз хонаҳое, ки ба ин тӯфони бало тобоварӣ карда натавониста имрӯз ғалтида буд, хонаи Бозор буд (С.Айнӣ).

Пас аз он бевосита ба муҳокима ва таҳлили супоришҳои минбаъдаи китоби дарсӣ муроҷиат менамояд. Машқи 41, ки дар китоби дарсӣ оварда шудааст, ки чунин талабот дорад: **Ҷумлаҳоро нависед, ҷойи сарҷумла ва ҷумлаи пайравро муайян намуда, воситаи алоқаи онҳоро нишон диҳед.** Айнан дар худи ҳамин ҷо мебоист, ки муаллифон ба нишон додани аломати шартии сарҷумла ва ҷумлаи пайрав ишора мекарданд. Яъне, муайян намудани сарҷумла ва чумлаи пайрав ба зери сарҷумла хати рост (__________) ва ба зери ҷумлаи пайрав хати мавҷнок (~~~~ ) кашида мешавад. Саволе, ки аз сарҷумла мебарояд, ба болои чумлаи пайрав навишта мешавад. Пайвандаки ҷумлаи пайрав дар дохили доира гирифта мешавад.

Масалан: айнан ҷумлаи якуми машқи 41. Дар чордаҳсолагӣ ҷунон шуд, кикас ба дидан сер намегардид.

Омӯзгор метавонад, дар мавриди ба мушкилӣ рӯ овардани талабагон ба онҳо ёрӣ расонад. Баъд аз он ба иҷро кардани супориши машқи 42 мепардозанд. Дар ин ҳолат беҳтар мешуд, ки ҷумлаи якумро худи омӯзгор дар тахтаи синф нависта ҷиҳати мустаҳкам кардани дарс бо усули гузоштани савол ҷумла тартиб медод. Яъне ба ин зайл: 1**. Беҳтарин талаба он аст, ки худаш дарсҳояшро тайёр мекунад.** Пас аз он метавонад, тавзеҳ диҳад, ки ин ҷумлаи мураккаб аз ду ҷумлаи содда таркиб ёфтааает. Ҷумлаи соддаи якум "**Беҳтарин талаба он аст**" сарҷумла буда, ҷумлаи соддаи дуюм "**Худаш дарсҳояшро тайёр мекунад**" ҷумлаи пайрав мебошад. Саволи хабари сарҷумла кист? буда, ҳатман ҷавобу эзоҳ талаб мекунад. Воситаи алоқаи байни ҷумлаҳои содда пайвандаки **ки** мебошад. Ин ҷо зарур аст, ки омӯзгор бо аломат ишора кардани сарҷумла ва ҷумлаи пайравро ба донишомӯзон таъкид намояд.

Агар омӯзгор аз нақшаи нишон додани ҷумлаҳои мураккаби тобеъ хабардор бошад, метавонад, дар давоми дарс онро низ истифода барад. Масалан, нақшаи ҷумлаи мураккаби тобеъе, ки сарҷумлааш дар аввал асту як ҷумлаи пайрав дорад, чунин аст: **Ман то ба чашми худ набинам, бовар намекунам (Машқи 41. 1).**




Ва агар сарҷумла баъд аз ҷумлаи пайрав омада бошад, ба таври зерин нишон дода мешавад: **Агар ба бародарам гӯед, ман аз шумо хафа мешавам (Машқи 43. 1).**



Агар сарҷумла аз ду тараф ва дар мобайн ҷумлаи пайрав омада бошад, ба ин намуд нишон додан мумкин аст: **Тракторҳое, ки дар биёбон паҳн шуда буданд, ғуррос зада ҳаракат мекарданд (Машқи 41. 2)**




Муаллим ҳангоми таҳлили ҷумлаи мураккаби тобеъ ба тартиби таълиму таҳлил эътибори алоҳида диҳад, ки он барои инкишофи нутқи хаттӣ ва даҳонии хонандагон аҳамияти калон дорад. Ҳамчунин вай дар давоми дарс метавонад доир ба дарс якчанд тавсияҳо методӣ ҳам дода монад.

Дар поёни дарс машқи 43-ро ба хонандагон вазифа супоридан мумкин аст. Инчунин ба муаллимон тавсия дода мешавад, аз воситаҳои гуногуни эҷодӣ истифода намоянд.

Ҳангоми таълими ҷумлаи мураккаб хонандагон метавонанд аз чунин намудҳои машқ ва воситаҳои методӣ истифода баранд:

1. Аз калима сохтани ибора ва аз ибора тартиб додани ҷумлаҳои содда;
2. Аз ҷумлаҳои содда ба воситаи пайвандакҳои тобеъкунанда сохтани ҷумлаҳои мураккаби тобеъ;
3. Ба тарзи хаттӣ ва даҳонӣ ҳал кардани мисолҳои китоби дарсӣ;
4. Аз рӯи варақчаҳои грамматикӣ даҳонӣ муайян намудани ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ва дар онҳо ҷудо кардани сарҷумла ва ҷумлаи пайрав;
5. Муаллим дар тахтаи синф якчанд ҷумлаи соддаро навишта аз хонандагон талаб мекунад, ки онҳо мустақилона пайвандакҳои муносибро гузошта ҷумлаҳои мураккаб созанд;
6. Муаллим дар тахтаи синф, ё ки таблитса чанд сарҷумларо навишта ба хонандагон таклиф менамояд, ки ба он ҷумлаҳои пайрав фикр кунанд, ё ки бараъкс;
7. Бо роҳи шарҳдиҳӣ муайян намудани ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва тобеъ;
8. Аз рӯи расм тартиб додани ҷумлаҳои мураккаб ва ғайраҳо.

Намуди корҳои мустақилона доир ба ҷумлаҳои мураккаб хеле бисёр буда, истифодаи самараноки онҳо ба дониш, таҷриба ва маҳорати муаллиму хонандагон вобаста аст. Мақсад аз таълим ва таҳлили ҷумлаҳои мураккаб он аст, ки хонандагон дар нутқи хаттӣ ва даҳониашон аз ин гуна ҷумлаҳо мустақилона истифода бурда, тарзи сохтани онро ёд гиранд ва гуфтори худро инкишоф диҳанд. Ва муҳимтар аз ҳама бо таълиму таҳлили дурусти онҳо муваффақ гарданд.

# БОБИ II. ТАВСИЯҲО ОИД БА ОМӮЗИШИ ФАННИ АДАБИЁТ

## II.I. Тавсияҳо доир ба тарзи таълими мавзӯи “Ҳаёт ва фаъолияти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ” дар синфи VII

Тибқи барнома дуюмбора овардани “Ҳаёт ва фаъолияти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ” чандон қобили қабул нест. Аммо бинобар “Нақшаи таълимӣ аз рӯйи фанҳои адабиёт” ҳоло дар синфҳои 7[6]-уми мактабҳое,ки таълимашон ба забони тоҷикист, ин мавзӯ дуюмбора гузашта мешавад.Мебояд,ки сари ин масъала дар назди Маркази таълими Ҷумҳурӣ ҳаяти муаллифон тибқи шӯрои илмии он тасдиқ гардида, аввалан тарзи дурусти талқини ин мавзӯъ бояд мувофиқи матлаб баррасӣ гардад. Ин мавзӯи дигар аст...

Дар барномаи таълимӣ аз фанни “Адабиёт” (З. Файзуллоева, Ҷ. Эшонқулов, М. Кабиров, барои синфҳои 7, -Тошканд, ”Ӯзбекистон” 2017) ба мавзӯи “Ҳаёт ва фаъолияти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ” чор соат ҷудо карда шудааст. Тибқи соатҳои дарсӣон 15 саҳифа (аз саҳифаҳои 40 то 54) –ро дарбар мегирад.

Ба фикри мо ин мавзӯро дар синфҳои мазкур бо методи анъанавӣ таълим додан беҳтар аст.Зеро ҳаёту фаъолияти шоиру нависандагон бо усулҳои ноанъанавӣ чандон хуб дар хотири хонандагон нақш намебандад,зеро дар баъзе муассисаҳои таълимӣ дарси анъанавиро ба тарзи зерин танзим медиҳанд,ки қобили қабул аст.

**Дар баъзе аз муассисаҳои таълимӣ дарси анъанавиро дар шакли зерин ҳам танзим медиҳанд, ки қобили қабул аст:**

1.Муқаддима:

а) Такрори маводи дарси гузашта;

б) Фаҳмондани мақсади дарс;

в) Шинос намудан бо нақша ва мазмуни дарс.

2.Баёни мавзӯи нав:

---

[6]З.Файзуллоева, Ҷ. Эшонқулов, М. Кабиров, “Адабиёт” синфи.7, -Тошканд, ”Ӯзбекистон” 2017.

а) Ба қисматҳои хурд-хурд тақсим намудани мавзӯъ;

б) Бо мисолҳои гуногун ба тарзи аёнӣ такдим намудани мавзӯъ;

в) Дар доираи мавзӯъ сухан кардан;

г) Аз нав фаҳмонидан ва ё такрор ба такрор фаҳмонидани ҷонибҳои дар ёд монданаш шарт будани қисмҳои мураккаби мавзӯи нав;

д) Санҷиши мунтазами дараҷаи фаҳмиш ва сифати азхудкунии хонандагон;

е) Мунтазамаи таъмин намудании муносибати баръакс.

3.Дар асоси мавзӯи нав ягон байтро бо хонандагон якҷоя таҳлил намудан ва ҳал кардан.

4.Машқи дастурдиҳӣ – хонандагон байтҳои дигарро мустақилона маънидод мекунанд, муаллим онҳоро назорат мекунад ва дастурҳои муайян медиҳад.

5.Машқи мустақилона – хонандагон бе кӯмаки муаллим мустақилона маънои байтҳои мустақилонаро дубора ба ёд мегиранд.

6.Муайян кардани дараҷаи азхудкунии талаба (дар асоси саволномаҳо, супоришот ва сӯҳбати ҷамъбастӣ).

7.Ҷамъбаст намудан – мақсади асосии дарсро ба хотир овардан, онро таъкид намудан, мафҳумҳои асосиро такрор кардан, хулоса намудани мавзӯъ.

***Афзалиятҳои модели дарси анъанавӣ:***

*Ҳангоми дарси анъанавӣ ба толибилм дониши муайян ва маълумоти равшану дақиқ дода мешавад.

* Аз ҷониби муаллим рафти дарс ва ҷараёни таълим комилан назорат карда мешавад.

*Аз вақт оқилона ва сарфакорона истифода бурдан мумкин аст.

*Муаллим имконияти васеи дониши дақиқи илмӣ додан дорад.

***Нуқсон ва камбудиҳои дарси анъанавӣ:***

*Хонандагон дар дарс иштирокчии пассиванд.

*Назорати пурқуввати муаллим барои ҳамаи хонандагон мотиватсия-шавқу ҳавасро ба вуҷуд намеорад.

* Мулоқоти бевоситаи хонанда ва муаллимба вуҷуд намеояд.

*Дараҷаи гуногунии ба хотиргирӣ ва дар хотир нигоҳдории талабагон ба ин модел мувофиқат намекунад.

*Барои рафтори мустақилонаи талабагон ва баёни хулосаҳои фардии онҳо шароит фароҳам оварда намешавад.

Мукофоти ҳамин дастур дар китоби дарсӣ се саҳифаи аввалро агар дар назар гирем, пас ба нақшаи кориимо мувофиқат мекунад. Аввалан, байти Рашидии самарқандиро дар бораи Рӯдакӣ омӯзгор худаш аз ёд бо ифода ва қироати зебо ба хонандагон хонда медиҳад ва маънии онро аз талабагон мепурсад. Зеро онҳо аллакай дар синфи 6-ум сардафтари адабиёти классикии тоҷик будани шоирро бояд донанд. Сарвари шоирони олам будани адаммушшуаро ёдрас шавад. Сипас, чун даромади маърӯзавии маънӣ ба тарзи мӯъҷазу аниқ ва равону фасеъ матолиби китоби дарсиро тибқи ҳар як сарсатр бо услуби хосса, яъне ба тавре, ки ҳар як сарсатр хотирмон бошад, ба талабагон нақл мекунад. Абзатсҳои дар китоби дарси калонтароварда шударо бо ду ё се ҷумлаи мухтасари маънодор ба хонандагон мерасонад.

Зарур аст, ки омӯзгор вақти фаҳмондани қасидаи "Бӯйи ҷӯйи мӯллиён", ки аз "Чаҳор мақола"-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ оварда шудааст, актиёрона ба рол дароояд, то диққату ҳуши талабагон куллан ба нақли вай баста гардад. Вай метавонад, аз кинофилми дар ин бора таҳияшуда низ ёдовар шавад. Ва байти зерини он қасидаро ифоданок аз ёд хонад. (Агар аз ёд медониста бошад, ҳадду ақал чор мисраъи онро гӯяд). "Бӯйи ҷӯйи мӯллиён" ҳамин тавр бо ҳамин усул, яъне тариқи маърӯзавӣ ҳаёти шоирро бо ба давраи пирӣ ва ба ҷазои сахт гирифтор шудану ба чашмонаш мил шуда, якумрӣ ба нобиноӣ ҳукм гардиданаш маълумот медиҳад. Дар хотимаи нақли дарс байти зеринро, ки дар саҳифаи 43-юми китоби дарсӣ оварда шудааст, хонда медиҳад:

Рӯдакӣ рафту монд ҳикмати ӯй,
Гул бирезад, нарезад аз вай бӯй...

Айнан, дар худи ҳамин ҷо маънидоди байтро ба худи талабагон ҳавола месозад. Нуқтаи назари ду-се талабаро фаҳмида, онҳоро

мувофиқи ҷавобашон ба суханони “Бале”, “Хуб”, “Дуруст”, “Офарин” рағбатнок менамояд.

Ба мақсади санҷидани дарки мавзӯ аз ҷониби талабагон, тибқи нақли худ ба таври алоҳида-алоҳида аз якчанд талаба суол мекунад.

Фаразан, Рӯдакӣ шоири кадом воҳа аст? Вай дар чандсолагӣ Қуръонро хитобот намудааст? Шоир чи гуна асбобҳои мусиқиро дӯст медошту менавохт? Дар даврони кадом сулола зиндагӣ кардааст? Вай чаро аз Самарқанд ба Бухоро рафтааст? ва ғайраҳо. Ба ҳамин тарз тамоми дарсро дар муддати 5-6 дақиқа бори дигар аз талабагон пурсида мегирад.

Сипас, супориш медиҳад, ки ҳама китоби дарсиро боз намоянд. Аз сабаби он, ки байтҳои саҳифаҳои 40, 41, 42аллакай дар ҷараёни дарс маънидод шуда буданд, бинобар он аз се нафар талаба, аз сари нав маънии онҳоро пурсида мегирад. Дар ҳамин ҷо ба талабагон савол медиҳад, ки кадом байтҳо маънидод нокарда мондаанд. Бешубҳа, ҳама ба як овоз байтҳои саҳифаи 42-ро нишон медиҳанд. Вай хоҳиш мекунад, ки кӣ ин байтҳоро ифоданок хонда медиҳад.

Ҷуз ҳодиса ҳаргиз талабам пас накунад,
Як пурсиши гарм ҷуз табам кас накунад,
В-ар ҷон ба лаб оядам, ба ҷуз мардуми чашм,
Як қатраи об дар лабам кас накунад.

Пас аз ҷониби ягон талаба ифоданок хондани байтҳо, омӯзгор аввал аз онҳо доир ба калимаҳои душворфаҳмиш пурсон мешавад. Агар талабагон душворӣ дар ягон калима ё ибора кашанд, масалан “таб” ё “мардуми чашм” омӯзгор ба онҳо ёрӣ мерасонад. Ҳамин тариқ бо усули ташкили сӯҳбат байтҳоро маънидод мекунанд. Албатта, мазмуни байтҳоро бевосита ба ҳаёти шоир вобаста карда, фаҳмондан мувофиқи мақсад аст, зеро шоир дар айёми пирӣ аз ёру дӯстони худ ҷудо монда, мушкилтарин давраҳои ҳаёти худро аз сар гузаронидааст.

***Натиҷаҳо***

Дар хотима ба қисмати ҷамъбаст кардан ва баҳогузорӣ мегузарад. Дар ин қисмат бори дигар гӯшзад кардан ва ба ёд

овардани мақсади дарс, ба саволҳои хонандагон ҷавоб гуфтан, лаҳзаҳои асосии дарсро таъкид намудан, муайян кардани дараҷаи азхудкунии талабагон, хонандагони фаъолро номбар кардан тавсия карда мсешавад. Муаллим дар ин қисмат бояд ба эътибор гирад, ки мақсад аз баҳогузорӣ ба ҷавоби хонанда фақат бал ва баҳои муайян гузоштан набуда, балки назорат намудани сифати азхудкунии умумии хонандагон аст ва агар лозим бошад, ба рафти дарс тағйирот дохил намудан ва ё ба қисматҳои мураккаби дарс бори дигар назар афкандан дар ҳамин қисмат муфид аст.

Вазифаи хонагӣ бояд характери муайяни таълимӣ дошта бошад ва барои мустаҳкамкунии дониши нав хизмат кунад. Ин қисмати дарс ҳамчунин характери ва хонанда онро ба тарзи мустақилона иҷро карда тавонад. Дар дарси адабиёт вазифаи хонагӣ аз маҷмӯи саволҳо, машқҳо ва супоришот иборат шуда метавонад.

Ин ҷо бомавқеъ аст, чанд сухан оиди вазифаҳои омӯзгор ва маводи китоби дарсӣ гуфта гузарем. Зеро дар боло аз камбудиҳои методи анъанавӣ ёдовар шудем. Бинобар ин омӯзгор бояд дар ҷараёни дарс мебояд, ки аз он ҳама нуқсонҳои ин метод хабардор буда, паи парҳез кардан аз онон чора андешад. Дуюм ин, ки дар вақти нақли мавзӯ аз имову ишора ва мимикаҳои ҳаракатнок бештар истифода намояд. Фаразан, мавриди аз тахт фуруд омадани амир ва бе мӯза пой дар рикоби хит гузоштани вайро ба таври зинда санъаткорона нишон додан мумкин аст...

Бояд гуфт, ки маводи дарсӣ дар нашрияҳои минбаъда дақиқан ба ҳисоб гирифта шавад, ки такрори мавзӯъҳо набояд бошад. Зеро айнан ҳамин нақш дар китоби “Адабиёт” синфи 6[7] низ оварда шудааст. Ҳатто байтҳои қасидаи “Бӯйи ҷӯйи мӯллиён” дар худи ҳамон китоб такроран оварда шудааст. (Садри Саъдиев, “Сартаҳририяти табъу нашри “Шарқ” 2017).

Ва мисли ҳамин ғазали “Ҳар бод, ки аз сӯйи Бухоро ба ман ояд” ҳам дар китоби дарсии синфҳои 6-ум ва ҳам дар синфҳои 7-ум

---

[7]Садри Саъдиев, “Адабиёт” синфи.6, “Сартахририяти табъу нашри “Шарқ” 2017.

пурра такрор оварда шудаанд, ки ин аз рӯйи талаби методикаи омӯзиши фанни “Адабиёт” дуруст нест.

## II.II. Тавсияи нави методикӣ оид ба таълими дарси адабиёт

Тавсияи нави методӣ аз фанни “Адабиёт” барои синфҳои 8 доир ба мавзӯи “Андешаҳои тарбиявӣ ва ахлоқии Сайидо” ба донишомӯзони мактабҳое, ки таълим ба забони тоҷикӣ сурат мегирад.

Имрӯз ба касе пушида нест, ки дар баъзе мактабҳо машғулиятҳоро муаллимон аз рӯи намунаҳои аз системаи боқимондаи давраи кӯҳан ташкил мекунанд. Чунин ҳолатҳо махсусан дар натиҷаи набудани дастурҳои таълимӣ ва тавсияҳои методӣ дар мактабҳое, ки таълим ба забони тоҷикӣ мегузарад, бинобар аз тарафи муаллифон дер эҷод намудани китобҳои нави дарсӣ бештар мушоҳида мешавад. Аз ин рӯ, мо ба шарофати ин навиштаҳо барои пурмазмун ташкил намудани дарсҳо тавсияи нави методиро пешниҳод кардан мехоҳем. Мехостем, ки ин усули навро дар дарсҳои “Адабиёт” дар асоси таҷрибаи чандинсолаи омӯзгорӣ ва бо назардошти тағйироту равандҳое, ки дар соҳаи маориф ба амал меоянд, истифода баранд.

Дар натиҷаи ҳамкории муаллим ва талаба дарси яксоатаро хеле пурсамар ташкил кардан мумкин аст. Баъзан чунин ходисаҳое рӯй медиҳанд, ки ҳам муаллим ва ҳам талаба аз дарси яксоата қаноатманд намешаванд ва ҳис мекунанд, ки ба ҷои он вақт беҳуда сарф шудааст. Маҳз усуле, ки мо барои бартараф кардани ин ҳолатҳо пешниҳод мекунем, умедворем, ки дарсҳоро пурмазмун ва завқангез мегардонад. Ҳаминро ҳам бояд гуфт, ки ин усул дар ҷумҳурии мо ҳанӯз ба кор бурда нашудааст. Тавре дар боло гуфтам, танҳо муаллифи ин навиштаҳо дар асоси таҷрибаи кории худ дар дарсҳо ин усулро истифода бурдаам ва медонам, ки хеле самаранок буд. Пас, ин кадом усул аст? Дар вақтҳои охир бо инкишофи усулҳои нави педтехнологи ва гайрианъанавии таълим усулҳои гуногун барои самарабахши таълим, аз ҷумла кластер, пинборд,

тренинг, флешкарт, конференсия ва ғайра кор фармуда шуда истодаанд. Ҳар кадом дар ҷойи худ самарабахш аст.

Мо аз ин нуқтаи назар усули нави худро “Хамса” ном мегузорем. Маълум аст, ки ин вожа аз забони арабӣ гирифта шуда, маънои “панҷ”-ро дорад. Анъанаи таълифи “Хамса” дар адабиёти мо аз Низомии Ганҷавӣ оғоз шуда, онро бисёре аз шоирони мо, аз ҷумла Амир Хусрави Деҳлавӣ, Бадриддин Ҳилолӣ, Алишери Навоӣ, Шамсиддини Шоҳин ва бисёре аз адибони дигар идома доданд. Сабаби ин усулро “Хамса” номиданамон ташкили дарси адабиёт бо роҳи панҷгона аст. Ба унвони мисол “Андешаҳои тарбиявӣ ва ахлоқии Сайидо”-ро барои хонандагони синфҳои 8-уми мактабҳое, ки дар онҳо таълим ба забони тоҷикӣ сурат мегирад, интихоб менамоем. Ҳаминро ҳам алоҳида бояд гӯем, ки ин усулро ба забонҳои дигар ба таври ҳамаҷониба ва гуногун ташкил кардан мумкин аст. Ташкили ҷараёни ин гуна дарсҳо ба тавоноии омӯзгорон вобаста аст.

Дар ибтидои дарс муаллим аз рӯи мавзӯъ панҷ нақшаро дар тахта менависад. Мисол:

1. Аҳамияти афкори тарбиявӣ ва ахлоқӣ дар ғазалиёти Сайидо;
2. Эҳсоси касб ва меҳнат;
3. Арзёбии сифатҳои инсонӣ;
4. Танҳо одоб ба инсони комил мерасонад;
5. Тафсири абёти гуногунмазмун;

Муаллими ботаҷриба дар доираи ҳар як план-савол мазмуни дарсро бо панҷ ҷумла баён мекунад. Масалан, дар нақшаи аввал дар мавриди “Аҳамияти афкори тарбиявӣ ва ахлоқӣ дар ғазалиёти Сайидо” нуктаҳои зерин зикр шудааст:

— Дар айёми зиндагонии Сайидомеъёри одоб қариб ки умуман риоя карда намешуд.Шоир ба чунин бадрафтории ҷомеа тоб оварда наметавонад ва дар ғазали худ андешаҳояшро баён мекунад. Ба ин тартиб, ҳадафи ӯ аз он иборат буд, ки ба ҷавонон ёдовар шавад, ки набояд нисбат ба қоидаҳои одоб беэътиноӣ кунанд, онҳоро бо ҷидду ҷаҳд эҳтиром кунанд ва риоя намоянд. Ӯ андешаҳои

тарбиявию ахлоқии худро дар асоси мероси суннатии мо пеш бурд. Вай бо хислатҳои аҷдоди худ фахр мекунад.

Оид ба супориши дуюми мавзӯъ нуктаҳои зеринро баён кардан мумкин аст:

Бесабаб нест, ки Сайидо ба мутахассисон эътибор медод. Охир, ӯ устои касби бофандагӣ буд. Дар баробари ин диққату эҳтиромеро, ки нисбат ба онҳо зоҳир мешавад, дар эҷодиёти худ баён мекунад. Маҳз тоҷирон мехоҳанд тинҷу осуда зиндагӣ кунанд. Вай ин фикрҳоро қариб дар ҳар мавзӯи иҷтимоӣ дар ғазалиёти худ баён мекунад.

Муаллим тибқи супориши сеюми ин мавзӯъ бояд бигӯяд, ки сифатҳои инсонӣ зиёд аст, вале азбаски дарси мо ба тарзи усули “Хамса” тақсим шудааст, танҳо панҷтои онҳоро номбар кардааст. Шарҳ додани чунин дарс барои донишомӯзон ҳамчун “Ҳуҷуми ақлӣ” дар хотир хоҳад монд. Масалан, эҳтиром ба пирон, эҳтиром ба хурдсолон, ростгуӣ, ба ваъда вафо кардан, меҳнатдустӣ, дустӣ бо аҳли ҷамъият беҳтар аст.

Мувофиқи супориши чоруми нақшаи фан ӯ фикру мулоҳизаҳояшро ба таври зайл баён карда метавонад: — Сайидои Насафӣ шахси комил буд. Вай тамоми хислатҳои инсониро дар худ таҷассум кардааст. Вай бештар ба хислатҳои дар боло зикршуда пайравӣ кардааст. Қисмати зиёди умри худро дар байни ҳунармандон гузаронидааст. Аксари вақташро ба мутолиаи китоб сарф мекард ва ба тамоми одоби дар он нишондодашудаамал мекард.

Дар мавриди талаби панҷум бошад, муаллим ба донишомӯзон амр мекунад, ки китоби дарсиро кушоянд. Сипас, байтҳои дар китоб овардашударо ба таври ифоданок хонда, мазмуни ҳар яки онро бо панҷ ҷумла кушода медиҳад. Ба унвони мисол аз саҳифаи 181-и китоби дарсӣ оид ба байтҳо намунаҳо меорем,ки ҳар як омӯзгор ба ифодаҳои худ маънидод менамояд:

Ростиро, набувад ҳеҷ заволе ба ҷаҳон,
Сарв агар, хушк шавад боз асо мегардад.

Метавонад чунин маънидод кунад: “Дар ҷаҳон танҳо ростӣ завол намеёбад. Яъне касе, ки дар роҳи рост равад, зараре намебинад. Сарв, ҳарчанд ки дарахти бемева аст, вале рост месабзад. Ҳатто ҳангоми хушк шуданаш ҳам он ҳамчун асо хизмат мекунад. Яъне ростиву накӯкорӣ ба хурду калон таъсири мусбӣмерасонад”.

Бо истифода аз ин мавзӯъ, мо инчунин метавонем мисраъҳои зеринро шарҳ диҳем:

Сарв меояд ба истиқболаш аз боғи мурод,
Ростиро ҳар кӣ месозад асои хештан.

Метавонад чунин маънидод намояд: “Ҳар кӣ ростиро ихтиёр мекунад, сарв аз боғи мурод ба истиқболаш меояд. Яъне ҳар касе, ки ростқавлиро одат кардааст, афроди муътабар ва ҳатто бузургон ба наздаш меоянд. Фақат адолат насли инсонро ба қуллаҳои баланд мебарад. Ва одаме, ки ин одатро касб кардааст, ҳамеша хушу хурсандона зиндагӣ мекунад. Аҷдодони мо бо риояи ҳамин одоб ба дараҷаи бузургӣ расидаанд.

Муаллим байтҳои поёнро аз рӯи талаботи дар план нишондодашуда таҳлил мекунад. Байт:

Сайидо, марди ҳунарманд аз тараддуд фориғ аст,
Даст агар дар кор машғул аст, по осудааст.

Метавонад чунин маънидод намояд: “Сайидо бо ишора ба худ мегӯяд, ки ҳунарманд аз ҳар дудилагӣ озод аст. Яъне касе, ки кори беҳударо тарк мекунад, роҳат мебарад. Ҳар кас ки аз меҳнати дасти худ нон мехӯрад, заҳати пойҳояшро сабук мегардонад. Яъне, вай меҳнат карданро тарғиб намудааст. Оворагиро напазируфтааст”.

Дар мавриди таҳлили байтҳои чоруми китоби дарсӣ, аввал онро ифоданок қироат менамояд:

Дар гӯши ғунча боди саҳар омаду бигуфт:
“Дар ҳар диле,ки бӯйи вафо нест,хастанист”.

Пас, бамаврид аст, ки онро чунин маънидод кунад: “Дирӯз боди субҳгонӣ дар гӯши ғунча ҳасрат карду гуфт,ки дил бояд ҳамеша вафокеш бошад. Ҳамон диле, ки аз вафо баҳра надорад, ҳатман ранҷ мекашад. Яъне вафову вафодорӣ хислати умдатарини инсонӣ

мебошанд. Ҳамеша ин оинро нигаҳбон бояд бошем.Ва дар муқобили он ҷафокорӣ аз бадкешӣ аст.

Муаллим бомаҳоратона диққати донишомӯзонро ба байтҳои панҷуми китоби дарсӣ ҷалб менамояд. Яъне онҳоро вазифадор менамояд, то ки худи онҳо байтҳоро шарҳ диҳанд. Агар онҳо дар ҷараёни шарҳ бо мушкилот рӯ ба рӯ шаванд, он гоҳ худи ӯ ёрӣ мерасонад:

Бе талаб, эй Сайидо мақсад намеояд ба даст,<br>Ҷо ба маҷлис мекунад най аз фиғони хештан.

Талабагон метавонанд чунин маънидод намоянд: "Бе талаб ягон мақсад ба даст намеояд. Ҳатто дар ҷамъомадҳо (базм, ҷашнвора), агар най нола накунад, касе пай намебарад, ки най ҳам чизи даркорист. Яъне Сайидо таъкид мекунад, ки мардум ба сӯи ҳадаф талош бояд кунанд. Мақсад,ки некӯст,барои ба он расидан ҳаракат зарур мебошад. Аз ин ҷост, ки ҳаракату баракат мегӯянд".

Ҳамин тавр муаллим ба донишомӯзон мафҳуми абёти Сайидои Насафироаз китоби дарсӣ бо роҳи ба худаш осону мақбул фаҳмонда медиҳад.Вале ҳатман дар асоси панҷ ҷумла ба раҳ мемонад.

Барои гузаронидани ин раванд ба муаллим вақти зиёд лозим нест. Ба муаллиме, ки ба дарс бо камоли масъулият муносибат мекунад, барои ба талабагон расондани мавзӯъ ҳамагӣ 20-25 дақиқа кифоя аст. Муаллим ҳангоми дарс хонандагонро ба панҷ гурӯҳ тақсим мекунад: ба ҳар яки онҳо як сардор таъин мекунад. Вай панҷ саволномаеро, ки худаш тайёр кардааст, ба воситаи сардорҳо ба талабагон тақсим мекунад. Ҳар як саволнома панҷ саволро дар бар мегирад. Саволномаи 1 панҷ саволро дар бар мегирад, ки аз рӯи нақша-саволи якуми мавзӯъ иборат аст. Масалан, аз рӯи нақша дар тахта чунин савол навишта шуда буд.

-Аҳамияти афкори тарбиявӣ ва ахлоқӣ дар ғазалиёти Сайидо. Дар асоси ин нақша саволҳои зеринро навиштан мумкин аст:

а) Дар замони Сайидо одобу ахлоқ чӣ тавр ба роҳ монда шудааст?

б) Сайидодар зиндагӣ бештар ба чӣ аҳамият доданро тарафдорӣ мекард?

в) Сайидо қадр кардани кадом тоифаи мардумро дӯст медошт?

г) Кӣ метавонад сазовори унвони инсони комил бошад?

ғ) Кадом байт маънои фалсафиро ифода мекунад?

Ба ҳамин тарик, саволҳо бояд дар саволномаҳо мувофиқи панҷ нақшаи дар тахта навишташуда гузошта шаванд. Ба донишҷӯён барои дар гурӯҳҳо кор кардан ва омода кардани ҷавоб ба саволҳо 5 дақиқа вакт медиҳад. Пас аз омода шудани ҷавобҳо, онҳоро аз ҳар гурӯҳ пурсида мегирад. Ҳамин тавр, дарси яксоата дар як соат боз такрор карда мешавад.

Дар қисми охири дарс муаллим панҷ саволи тайёркардаи худро ба таври умумӣ, яъне ба хонандагони тамоми синф медиҳад. Ба унвони мисол:

1. Мо дар ташкили дарси худ аз кадом усул истифода бурдем ва маънои ин усул чист?

2. Дар дарс номи панҷ шоиреро, ки “Хамса” навиштаанд, зикр кардем,онҳо кистанд?

3. Сайидои Насафӣ дар осори худ кадом панҷ хислатро бештар васф кардааст?

4. Дарси модар асоси чанд нақша ташкил карда шуд ва он чиро дар бар мегирад?

5. Барои ҳар як нақша чанд ҷумла гуфта шуд ва чанд байтро таҳлил кардем?

Муаллим ба хонандагоне, ки ба саволҳои боло пурра ҷавоб додаанд, баҳогузорӣ мекунад. Албатта, баҳогузорӣ аз рӯи панҷ хол ташкил карда мешавад. Ва албатта мо тавсия медиҳем, ки панҷ донишомӯзро баҳо диҳем.

Дар охири дарс ба хонандагон супориш дода, дар дафтари адабиёт саволу супоришҳои зеринро менависонад.

1. Фарқи ин усули таълим аз дарсҳои анъанавӣ дар чист?

2. Дар рафти дарс кадом панҷ усул зикр гардид?

3. Аз ёд кардани панҷ байт.

4. Дар бораи усули нав фикр ва хулосаи шахсии худро дар асоси панҷ ҷумла нависед.

5. Дар дафтари адабиёт маънои ин панҷ луғатро, ки ҳар кадоме аз панҷ ҳарф иборатанд, аз “Фарҳанги забони тоҷикӣ” нависед: завол, сайёд, насаф, иззат, хамса.

Ҳамин тавр ташкил кардани дарси яксоата мувофиқи мақсад аст. Сабаб дар он аст, ки ин тавр ташкил кардани дарс барои хонандагоне, ки ба тарзи анъанавӣ ба дарс меоянд, вазъияти ғайриоддӣ мебошад.

Дар солҳои охир, яъне вақте ки технологияи муосир ба соҳаи маориф ворид шуда истодааст, бо усулу методҳои гуногун ба роҳ мондани дарсҳо ба чархи хотираи хонандагон роҳ мекушояд. Барои васеъ кардани ҷаҳонбинии онҳо замина ба вуҷуд меоварад. Дар ин ҷо боз як чизи дигарро қайд кардан лозим аст, ки дар ин гуна ҷарайёнҳои ташкилӣ хеле фаъолона кор кардани муаллимон зарур мегардад. Масалан, дар дарси яксоатаи мо дар боло муаллими фидокор ҳатман бо асбобҳои таълимӣ ҳузур хоҳад дошт. Сурати Сайидои Насафӣ, ки дар компютер сохта шудааст, ва ё осори ӯ “Шаҳрошуб”, “Баҳориёт”, “Девони ғазал” ва агар ин дастурҳо дастрас набошанд, аз интернет овардани аксҳои онҳо ва намоиш додани онҳо барои донишомӯзон хеле муфид хоҳад буд. Зеро дар баъзе донишомӯзон қобилияти биниш аз шунавоӣ болотар меистад..

Агар омӯзгор хоҳад, ки ин дарсро ҳамчун дарси намунавӣ гузаронад, метавонад бо мувофиқа бо маъмурияти мактаб 5 “Ташаккур” ё “Сертификат” омода намуда, раванди корро шаффофтар ташкил намояд.

## II.III. Тарзи таълими мавзӯи “Шарҳи ҳол ва мероси адабии Восифӣ” дар синфи VIII

Доир ба мавзӯи мутазаккира, яъне “Шарҳи ҳол вамероси адабии Восифӣ” дар “Нақшаи тақвимӣ – мавзӯи фанҳои хониш ва адабиёт барои синфҳои 3-11 дар соли хониши 2021-2022 ҳамагӣ як

соат ҷудо карда шудааст. Аслан, ба ҳаёту фаъолияти З.М.Восифӣ дар барнома ду соат ҷой дорад, ки мавзӯи дарси дуюм – “Намунаҳо аз ашъор ва ҳикояҳо аз “Бадоеъ-ул- вақоеъ” ном дошта, дар китоби дарсӣ(А.Қамарзода, Ҷ. Эшонқулов, У. Қамарова, “Адабиёт” синфи 8[8], Тошканд, хонаи эҷодии табъу нашри “Ӯзбекистон”, соли 2019) ба он аз саҳифаи 76 то 99 маводи омӯзишӣ оварда мешавад. Тибқи нақшаи тақвимӣ дарсҳои 11-12 – умро дар бар мегирад.

Калимаҳои такягоҳӣ: иқтидори фавқуллода, вазну қофия, мазҳаб, кулӯла, мафкура, ёддошт, санад, ҳуҷиста, қозию муфтӣ, зарбулмасалу мақол, таъбир.

Омӯзгор ҳангоми омӯзондани мавзӯи мазкур пеш аз ҳама бояд омодагии хуб бинад. Вай ҳатман аз манбаъу сарчашмаҳое, ки доир ба ҳаёту эҷодиёти З.М. Восифӣ маълумоти мушаххас медиҳанд, воқиф бояд бошад. Ва дар ҷараёни гузаштани дарси “Шарҳи ҳол ва мероси адабии Восифӣ” аз онҳо устокорона истифода менамояд. Вагарна, дарс мисли якнақли ҳикоя мегузарад, ки бо табъу завқи донишомӯзон кам таъсир мекунад ва боиси зуд фаромӯш шудани он мегардад. Чунки донишомӯз айнан, ана дар ҳамин мавзӯ метавонад дар бораи Восифӣ маълумоти кифоягӣ ҳосил намояд. Зеро дар бораи Восифӣ дар дарсҳои “Адабиёт тоҷик” дар барномаи таълимӣ ин қадар соат ва ҳамин ҳаҷм мавод ҷудо карда нашудааст. Аз ин рӯ омӯзгор масъулиятро бештар ҳис карда, барои дар хотири донишомӯзон нақш бандондани симои Восифӣ омодагии хуб бинад.

Хубмешуд, ки барои мукаммалтар омӯзондани мавзӯъ доир ба он слайдҳоро дар асоси нақшаи пешакӣ омодадида таҳия мекард. Фаразан, вай метавонад ҳамагӣ панҷ саҳифа слайд ва ҳар кадом дар асоси панҷ нақша тайёр намояд ва онро ба таври зерин омода сохтан манфиатноктар аст.

**Слайди 1**

1. Сурати Восифӣ бо сабти соли тавлид ва вафот:

а)Мухтасари ҳасби ҳол;

---

[8]А.Қамарзода, Ҷ. Эшонқулов, У. Қамарова, “Адабиёт” синфи 8, Тошканд, хонаи эҷодии табъу нашри “Ӯзбекистон”, соли 2019.

б)Овони ҷавонӣ;

в)Ҷанҷолҳои сиёсӣ;

г)Моҷароҳои динӣ;

ғ)Маркази илмӣ ва адабии Ҳирот.

**Слайди 2**

2. Истеъдоди фавқулоддаи шоир:

а) Мубоҳисаю мунозираҳо дар 12-13- солагӣ;

б) Майли шоир ба илми муаммо;

в) Шиносоии шоир дар 16- солагӣ бо Навоӣ;

г) Эътирофи Навоӣ ба муаммокушоии вай;

ғ) Суҳбати сарлашкар – Наҷми Сонӣ дар хусуси чистонкушоии шоир.

**Слайди 3**

3. Ҳунарҳои Восифӣ ҳамчун шахсияти ҷудогона.

а)Ҳунарҳои қувваи сарпанҷа, давандагӣ, шиноварӣ, сабурӣ,воизӣ;

б)Нотинҷии муҳити Ҳирот дартақдири Восифӣ;

в)Ба Эрону Машҳад, Самарқанду Бухоро омадани шоир;

г)Ба Тошканд рафтани вай ва сабабҳои он;

ғ) Солҳои охири ҳаёти шоир ва ба охир расондани “Бадоеъ-ул-вақоеъ”

**Слайди 4**

4. Мероси адабии Восифӣ

а) Мухтасари мунтахаботи “Бадоеъ-ул-вақоеъ”;

б) Хусусиятҳои фарқкунандаи ин асар аз дигар ёддоштҳо;

в) Афкори сиёсӣ-иҷтимоии Восифӣ;

г) Мухтасари ҳикояи “Кимёгар”;

ғ) Ҳикояти “Тири тиллоии Санҷар”;

**Слайди 5**

5. Муносибати Восифӣ ба шоҳонӣ давру замони худ:

а) Баҳои Восифӣ ба Ҳусайн Бойқаро ва Мирзо Улуғбек;

б) Ситоиши аҳли илму ҳунар дар “Бадоеъ-ул-вақоеъ”;

в) Ҳикояту латифаҳои халқӣ дар асар;

г) Забон ва услуби “Бадоеъ-ул-вақоеъ”;

ғ) Аҳамияти тарбиявию ахлоқии асар;

Ҳини сар кардани дарс зарур аст, ки аз проектор ва табло истифода намояд. Пеш аз он ки ба қисми оғози дарс пардозад, вай бояд сухани С. Айниро аз китоби дарсӣ(саҳифаи 76) пурра хонда диҳад:

“***Восифӣ қасиданависи забардаст аст, дар ғазал лирикаи баланд дорад, чистонҳоро устодона гуфтааст, муаммоҳоро ногуфта мекушояд, дар донистани вазну қофияи шеър иқтидори фавқулодда дорад, дар ҳаҷвгӯи маҳорати ҳайратovареро соҳиб аст. Ӯ насрнависи олидараҷаи замони худ низ буд ...*** “.

***Садриддин Айнӣ***

Пас аз он, аз донишомӯзон ҳар як хусусияти дар катиба оварда шударо ба тарзи саволу ҷавоб пурсида гирад. Масалан, чунон савол гузорад, ки ҷавобҳои кӯтоҳаки “қасиданависи забардаст”,“устоди чистонгӯ”, “иқтидори фавқулодда”, “маҳорати ҳайратовар”, “насрнависи олидараҷа” мувофиқ ояд. Баъд аз он вай диққати донишомӯзонро бевосита ба экран ҷалб менамояд. Аввалан таввасути проектор сурати Восифӣ намудор мегардад, ки ин аллакай дар тасаввури донишомӯзон маълумоти назарии зоҳирӣ доир ба адиб пайдо мекунонад. Ҳамин тавр, аз рӯи боби 1 доир ба ҳар як зерсатрҳои дар он нишондода бо чор-панҷ ҷумлаи соддаи хотирмон ба фаҳмондани дарс мепардозад. Агар омӯзгор ҷараёни дарсро дар асоси тақсимоти вақт ба назар гирад, зарур аст, ки ба ҳар як саҳифаи слайдҳо 8 дақиқа вақт ҷудо намояд. Панҷ дақиқаро ба масъалаҳои ташкилии дарс ҷудо карда мемонад. Чунки дар раванди гузаштани дарс ба баъземасъалаҳои берун аз дарс ҳам,вале мутааллиқи фанни адабиёт рӯ ба рӯ гаштан мумкин аст.Яъне, вай аз рӯйи нақшаи дар экран пайдошуда, ба зерсатри *а* ба таври мухтасар метавонад чунин ҷумлаҳоро истифода барад: “Зайниддин Муҳаммад Восифӣ устоди назм ва наср аст. Вай намояндаи адабиёти асрҳои XVI форсу тоҷик мебошад. Ӯ соли 1485дар Ҳирот таваллуд ёфтааст. Падари ӯ Абдуҷалил ном дошт. Одами бофазлу ҳунар буд” . Ба ҳамин тариқ аз рӯи нақша ба ҳар як зерсатр бо чор-панҷ ҷумлаи содда истода мегузарад. Ин аз як ҷиҳат кори худи

омӯзгорро сабук гардонад, аз ҷониби дигар барои пайдарпайаз худ намудани мавзӯ ба донишомӯзон низ ёрӣ мерасонад. Ҷараёни маърӯзаро то боби дуюм оварда, барои мустаҳкам кардани мақсади асосии дарс аз рӯйи нақшаи мазкур ба тарзи саволу ҷавоб донишомӯзонро ҳушёртар карданаш ҳам мумкин аст.

Аз рӯи боби дуюм, омӯзгор аввал дар экран слайди 2- ро кушода, диққати донишомӯзонро ба калимаи "фавқулода" ҷамъ менамояд. Сухани арабӣ будани он ва ба маъниҳои "аз одат берун", "ҳангуфт", "аҷиб", "ғариб","бисёр" омаданашро гуфта мегузарад. Ба дарс алоқамандии ин лафзро бо таърихчаи дар баҳсу мунозираҳо иштирок кардани Восифӣ вобаста менамояд. Ҳамзамон ин байти Гулханиро меорад:

"Офтоби ман ба зери хоку ман шаб то саҳар,
Хок бар сар мекунам, то офтоб ояд бурун.

Ҳамин тавр чӣ гуна ислоҳ кардани Восифӣ ва розӣ шудани Гулханиро фаҳмонда мегузарад:

"Офтобам зери хоку шаб мани хунинҷигар,
Хок бар сар мекунам, то офтоб ояд ба дар"

Доир ба ин боб низ то охир дар асоси супоришҳои дар зерсатрҳо нишондода маълумот медиҳад. Ҳангоми фаҳмондани мавзӯ маҳорат ва таҷрибаи омӯзгор роли ҳалкунандаро мебозад. Мумкин аст, ки вай сари ҳар як боб усули саболу ҷавобро ба кор барад. Ё худ метавонад, ки пас аз пурра ва комилан фаҳмондани дарс бо мақсади мустаҳкам кардани он бо донишомӯзон ба тариқи сӯҳбат зерсатрҳоро баррасӣ намояд. Вай дар вақти фаҳмондани боби сеюм аз слайди 3 метавонад донишомӯзони ҷудогонаро алоҳида номбар карда вазифадор кунад, ки айнан вай баъди нақли омӯзгор ба ин ё он хислати шоир ҷавоб медиҳад. Ин худ аз худ донишомӯзро ҳушёр мекунад, ки хислатҳои Восифиро пурра дар хотир гирад. Фаразан, хислати "қувваи сарпанҷа" – и шоирро фаҳмонда истода, чунин мегӯяд: "Восифӣ соҳибҳунари тавоност.Дар чандин кор намояндаи ягона мебошад.Сарпанҷаи мустаҳкам дорад. Дар Хуросон мисли ӯ ҳеҷ як забардасте набуд. Ба қувваи сарпанҷаи ӯ зафар наёфтааст. Ё худ илова мекунад: "Восифӣ

шиновар- оббози моҳир аст. Боре дарБоғизоғон Ҳусайн Мирзо фармуд, ки ду дасти ӯро бо ду пояш баданд.Сипас,кулӯла карда дар ҳавз андохтанд. Вай дар ин муддат аз вақти намози пешин то намози аср дар он ҳавз оббозӣ кард.Вай иродаи қавӣ дошт”. Айнан, худи ҳамин тавр тибқи нақшаи зерсатрҳо доир ба хислатҳои Восифӣ накл мекунад. Ва кулли раванди дарс то зерсатрҳои боби 5 – уми слайди 5 ба донишомӯзон фаҳмонда мешавад. Вақте ки зерсатри нақшаи охирини боби хотимавӣ яъне, “Аҳамияти тарбиявию ахлоқии асар” аз ҷониби омӯзгор бо чор-панҷ ҷумлаи соддаи хотирмон гуфта мешавад, вай метавонад бо мақсади мустаҳкам кардани дарс аз саволномаҳо истифода намояд. Агар омӯзгор саволномаи пешакӣ тайёр накарда бошад, вай метавонад, ки дар ҷараёни дарс мутобиқи ҳар як зерсатр ду ё се саволро бадоҳатан ба муҳокимаи донишомӯзон таҳия созад.

Дар вақти ташкил кардани методи сӯҳбат ё усули саволу ҷавоб зарур аст, ки онро дар байни худи хонандагон аз рӯи зергурӯҳҳо ба роҳ монад. Чунки ин ба дарки маъно ва аз худ кардани мақсади дарс мусоидат мекунад. Дар ин қисм ба панҷ гурӯҳ ҷудо кардани донишомӯзон қулайтар аст. Яъне ҳар як гурӯҳ панҷтогӣ савол тайёр мекунанд ва байни ҳам мубодилаи афкор ба роҳ мемонанд. Омӯзгор ҳамчун назоратчӣ кор бурда, рафти ҷараёнро ба зери мушоҳида мегирад. Усули саволгузорӣ ва ҷавобдиҳии онҳоро ба низом медарорад.

Усули дигар ин ки омӯзгор ҳар як слайдро ба ҳар як гурӯҳ вобаста мекунад. Яъне гурӯҳи якум аз рӯи супоришоти зерсатрҳои слайди 1 - уми боби 1 ва гурӯҳҳои дигар ҳам айнан дар ҳамин пайдарпайӣ ба тартиб додани савол ва ҳам омодагӣ ба ҷавобҳои суолҳои гурӯҳи дигар тайёрӣ мебинанд. Ҳамин тариқ мавзӯ дар натиҷаи як ё ду маротиба такроран баррасӣ гардидан хуб дар хотири онҳо нақш мебандад. Мувофиқи саволу ҷавоби донишомӯзон, омӯзгор метавонад, ки шогирдонро бо мақсади рӯҳбаланд намудан баҳогузорӣ намояд. Вале асрори дарсро то охир ба донишомӯзон то он даме киду ё се дақиқа ба задани занги танаффус мемонад, намегӯяд.

Пас аз анҷом ёфтани ҷараёни нақли дарс, мустаҳкамкунӣ, саволу ҷавоб, баҳогузорӣ ва супоридани вазифаи хонагӣ, омӯзгор аз донишомӯзонмепурсад, ки дар раванди дарс чӣ навигариро пайхас намудаанд.Шояд донишомӯзони зукко ва аълохон баъзе ҷиҳатҳои хотирмони дарсро ёдрас намоянд. Масалан, мумкин аст,ислоҳ кардани байтҳои Гулханиро аз ҷониби Восифӣ ба ёд оранд, ё кулӯла шуда, дар ҳавз оббозӣ карданашро гуфта гузаранд. Аммо ин ҳама аз сирри дарс бехабар мондани онҳоро далолат мекунад. Вақте ки омӯзгор ба донишомӯзон дар дафтари луғаташон панҷ калима, масалан, “фавқулода”, “кулӯла”, “танзим”, “анҷом” ва “раванд” – ро менависонад ва айнан дар худи ҳамин ҷо боз таъкид мекунад,ки оё онҳо ягон асрори дарсро фаҳм карданд? Агар ин дафъа ҳам аз онҳо ҷавоби саҳеҳ нагирад барои худаш асрори дарсро ба тариқи саволу ҷавоб кушода медиҳад.Масалан, ба онҳо савол медиҳад,ки дарсамон аз чанд слайд иборат буд?Бешубҳа аз панҷ гуфта ҷавоб медиҳанд.Боз мегӯяд, он аз чанд боб иборат буд? Ба як овоз аз панҷ боб гуфта посух мегардонанд.Ҳар як боб аз чанд зерсатр иборат буд?-Аз панҷ зерсатр!Вай дар ҳамин ҷо аз панҷ ҷумла иборат будани ҷавоби зерсатри якум, аз панҷ ҷумла сохта шудани ҷавоби зерсатри дуюм,ёдовар шудани панҷ хислати ҷудогонаи шоир,ба панҷ гурӯҳ тақсим кардани донишомӯзон, ба панҷ нафар баҳои панҷ гузошта шудан,панҷ луғат ҳамчун вазифаи хонагӣ супурда шудан ва боз чандин панҷҳои ҷараёни дарсро гуфта мегузарад. Яъне вай мегӯяд, ки мо метавонем ба дарси худ методи “Хамса” ё “Панҷгона”ном гузорем. Зеро, дарси модар асоси панҷ слайд, панҷ боб, панҷ зерсатр, панҷ гурӯҳ ва панҷ луғат ташкил карда шуда буд.

Дар хотима вазифа месупорад,ки дар мавзӯ боз кадом панҷиҳо ҳаст,ки мо дар он бора нагуфтаем...

Ин усули ба роҳ мондани таълими дарсҳои адабиёт ба гумони камина хеле фоиданок аст,чунки донишомӯзонро маҷбур месозад,ки аввалан дарсро дар хона бори дигар такрор карда хонанд,сонияи онҳоро водор месозад,ки ақаллан ба ҳар як боб як ё ду ҷумларо дар хотир нигоҳ доранд.Чунки аз рӯйи меъёри муайяншуда амал кардан барои дар дигар соҳаҳо ҳам муваффақ гардидани онҳо кӯмак менамояд.Ба вижа,ин тарзи гузаштани мавзӯъҳо ба тарбияи иродаи онҳо низ аз аҳамият холӣ нест.

# БОБИ III. ТАРЗҲОИ ХОНДАНИ ОСОРИ БАДЕӢ

## III.I. Мулоҳизаҳо доир ба таълими хониши ифоданок

Таҷрибаҳо собит мекунанд, ки дар мавриди гузаштани дарсҳои забон ва адбиёти тоҷик курси “Хониши ифоданок” роли муҳим мебозад. Ҳарчанд дар нақшаи тақвимии Барномаи таълимӣ барои хониши ифоданок соатҳои алоҳида ҷудо карда нашуда бошад ҳам, аммо омӯзгорони фанҳои забон ва адабиёт вазифадоранд, ки дар ин самт ба қоидаву меъёрҳои талаботи он дар ҳар як соати дарсӣ риоя намоянд. Ба хусус мавриди гузаштани дарсҳои инкишофи нутқи мураттаб доир ба ин мавзӯ маълумот дода раванд.

Омӯзгорӣ худ як навъи санъаткорист. Гӯяндагӣ ва хонишгарии вай бояд бо мақсади дарёб кардани асли матн ба роҳ монда шавад ва аз тарзи баёну гуфтор ва овозу навои сухани вай қалби шогирдон ба ҷӯш омада, тамоми узвҳои баданашонро ҳиссиёт ва ҳаяҷони беандоза фаро гирад. Маҳз тавассути баромади мақсадноки муаллим шогирдон бояд зебогиҳои фанни забон ва адабиётро дарк намоянд. Аз ин рӯ омӯзгорон бояд ин нозукиро ба дурустӣ қабул карда, ҳатман дар ҷарайёни дарсҳо боэътибор бошанд. Дар ин бора профессор М.А. Рибникова хеле дуруст фармудааст: “Хониши ифоданок якумин ва асоситарин шакли конкрети аёнии таълимдиҳии адабиёт мебошад”.

Гурӯҳе бар он ақидаанд, ки хониши ифоданок дар дарсҳои забончандон роли бузург намебозанд. Ин фикр умуман нодуруст аст, зеро риоя кардани меъёрҳои хониши ифоданок дар ҳамаи фанҳои филологӣ, ҳам дар дарсҳои соҳаи забоншиносӣ ва ҳам дар соҳаи адабиётшиносӣ ва ҳатто дар мавриди гузаштани ҳар як соати дарсӣ шарт ва зарур аст. Дар ин замина, фақат як чиз талаб карда мешавад, ки омӯзгор дар вақти гузаштани дарсҳо аз сидқи дил, бо ҳавсалаи том ба мазмуни мавзӯъҳо такя намуда, ҳушёру зирак ва масъулиятшиносу боэътибор бояд бошад. Яъне, агар сухани омӯзгор ҳар қадар бомаъниву муассир вамавзуну гӯшнавоз, инчунин ҳаракатҳояш самимӣ ва табиӣ бошанд, ҳамон қадар

донишомӯзон бодиққат шуда, ба мақсад ва матлаби вай дурусттар сарфаҳм мераванд.

Ана ҳамин санъти иҷрокунандагиро дар шароити мактаб хониши ифоданок мегӯянд. Ин маънои онро дорад, ки ба хонандагон баробари дар шакли нутқи гӯё зебоиҳои адабиёти бадеиро таълим додан, дар онҳо маҳорату малакаҳои хушгӯиву хушхонӣ парварида мешаванд. Аз ин рӯ, мафҳуми хониши ифоданок танҳо аз хондану гуфтани одӣ иборат нашуда, ҳусну қубҳ, яъне санъати онро дар бар мегирад. Чунки сухан муҳимтарин воситаи муомилаву мубодилаи афкор буда, ҳар қадар ки таъсирбахшу муассир ифода шавад, ҳамон қадар натиҷаҳои дилхоҳ медиҳад.

Ба ин маънӣ хониши ифоданокро танҳохоси фанни адабиёт донистан мутлақо хато аст. Он муштарак дардарсҳои забони модарӣ ва адабиёт таълим дода мешавад. Чунки маводи асосихониши ифоданок забон буда, қоидаву қонунҳояш техникаи талаффузи овозу ҳиҷо, калимаву ибора ва вобаста ба маънҳои асливу маҷозӣ барин масъалаҳоро дарбар мегирад. Зарур аст, ки ин раванд, яъне таълими хониши ифоданок ҳанӯз аз синфҳои ибтидоӣ бояд ба роҳ монда шавад. Дар таълими хониши ифоданок хонандагон ба гурӯҳҳоиқобилятноку беқобилият ҷудо карда намешаванд, зеро аз рӯи тадқиқоти психологияи муосир маълум шудааст, ки қобилият модарзодӣ набуда, дар пайдоиш ва рушду камоли он ҷарайёнҳои таълиму тарбия таъсир расонда метавонанд.

Ҳаминро ҳам хотиррасон бояд намуд, ки дар амал тадбиқ шудани шартҳои хониши ифоданокба муносибатҳои дуҷонибаи муаллиму хонандагон вобаста аст. Салису равон, фасеҳу бурро, хушхониҳои пуртаъсири муаллим, қоидаву қонун ва меъёру шартҳоиин санъатро пухтаву пурра ва равшану возеҳ маънидодкуниҳоиӯ дар дили ҳар як хонанда шавқу ҳаваси суханвариро ба вуҷуд оварда, фаъолиятмандиҳои онҳоро зиёд мекунад. Дар ҳақиқат, санъати гӯяндагии омӯзгор ҳар қадар боҳиссиёт ташкил карда шавад, дараҷаи эътибори шогирдон ҳам ҳамон қадар зиёд мегардад. Инро дар мисолҳои оддӣ ҳам санҷидан

мумкин аст. Вақте, ки муаллим “Якеро мекушад...” мегӯяд, хонанда ба гӯшу ҳуш мешавад, кӣ ё чӣ? киро ё чиро? Вақте, омӯзгор байтро пурра, яъне “Якеро мекушад, килкам, якеро зинда медорад” мегӯяд, бевосита талаба кӯшиш мекунад, байтро то охир гӯш кунад ва мақсади шоиру матлаби омӯзгорро дарк намояд.

Дуруст аст, ки дараҷаи дарки маъно ва қобилятнокӣ дар ҳамаи донишомӯзон ягона ва якхела нест. Зеро пайдоиш ва инкишофи он ба ҳиссу ҳаяҷон, диққату хотира, тасаввуру таасурот ва ёду ҳушбарин фаъолиятҳои дигари асаб ҳам алоқаманд мебошад. Дар ҷараёни таълии хониши ифоданокбаҳо додан ба сифати хониш-буррогӣ ва равшании талаффузи овозҳо, вобаста ба тақозои мазмун бо суръатҳои суст, миёна ва ё тез хондани матн, калимаҳои мантиқан муҳимро муайян кардану бо таъкид ифода намудани онҳо, мазмуни порчаҳои хонда шударо батафсилу пай дар пай ва бо оҳанги мувофиқи гуворо нақл карда тавонистан, ҳангоми гуфтани матнҳои азёд шуда дар намондану саросема нашудан барин масъалаҳои хониш самаранокиҳои таълиму тарбияро таъмин месозанд.

Инчунин, бояд дар назар дошт, ки дар таълими хониши ифоданок ва нутқ узвҳои нафасгирӣ аҳамияти калон доранд. Омӯзгор ин тарафи масъаларо низ бояд ба эътибор гирад. Вақти хондани матнҳо ба тарзҳои дурусти нафаскашӣ риоя карда, барои бо оҳанги хосса садо додани овоз кӯшиш намояд. Дар ҷойи паузаҳо таваққуф намуда, дар мавқеъҳои зарурӣ нафаси чуқур кашида дурустии оҳанги овози худро таъмин кунад. Ва ҳамин чизро ҳатман ба шогирдони худ дар ҷарайёни дарсҳо доимӣ таъкид карда гузарад. То он ки хонандагон дар мавқеъҳои берун аз дарс ҳам ба ин қоида боэътибор бошанд ва узвҳои гӯяндагии худро аз ҳар гуна таъсирот нигаҳдор бошанд.

Худ аз худ аён мешавад, ки ташкил ва тадбиқи шартҳои хониши ифоданок пеш аз ҳама ба дониши мукаммал, ҷаҳонбинии васеъ ва маҳорату малакаҳои хонишгариву гӯяндагии муаллим вобаста мебошад. Ғайр аз шиносоӣ бо адабиёти илмию методӣ ва физиологиву психологӣ, гӯш кардани сабтиёти устодони хониши

бадеӣ ва иштирок дар консерту намоишномаҳои онҳо, шунидани баромадҳои шоирону нависандагонва иштирок дар маҷлису маъракаҳои адабӣ, боиси сайқал ёфтани маҳорати гӯяндагиву хонишгарӣ мегардад. Инчунин мунтазам шунидани барномаҳои радиову телевизион, таҳлил кардани сифати гуфторҳо, омӯхтану ҷамъбаст шудани таҷрибаи муаллимони пешқадаму хонандагони хушгӯю хушхон аз муҳимтарин омилҳои самаранокии таълими хониши ифоданок ба шумор мераванд.

Дар тӯли солҳои шастум ва ҳафтодум чи дар матбуоту нашрияҳои марказӣ ва чи ҷумҳуриявӣ дар хусусияти аҳамият ва роҳу равишҳои таълими хониши ифоданок мақолаву дастурҳои бисёре чоп шудаанд. Аз сабаби он ки минбаъд ба таълимихониши ифоданок эътибор зиёдтар гардид, бинобар ин тибқи андеша ва фикрҳои дар ин самт баёншуда, мутахассисон онро шартан ба ду гурӯҳ –равияи филологӣ ва равияи бадеӣ – психологӣ ҷудо намуданд.

Ҳар ду равия дар навбати худ аломатҳои хоси худро доранд. Аз ҳамин нуқтаи назар, тарафдорони равияи филологӣ ба омӯзиши масъалаҳои хониши ифоданок баҳои баланд дода, онро дар қатори лексика, фразеология ваграмматика муҳимтарин омили инкишофи ҳам нутқи хонандагон ва ҳам як воситаи судбахши тарбияи эстетикиионҳо донистаанд.

Аз ин ҷо фаҳмида мешавад, ки тарафдорони равияи филологӣ пухтаву пурра омӯхташавии мавзӯи дарсҳои забони модариро асоси таълими хониши ифоданок номида, онро инчунин муҳимтарин ҷузъи тарбияи эстетикӣ донистаанд.Роҳу равишҳои пешниҳод кардаи онҳо хониши тафсирӣ (мантиқӣ) номида мешавад. Ба муносибати мантиқии калимаву ибораҳо ва таркибҳову ҷумлаҳоэътибор дода, васлу фосилаи онҳоро риоя карда хондан, паузаҳои мантиқиро дар ҷояш гузошта талаффуз кардани ҳарфу ҳиҷҷо ва калимаҳо оҳанги хонишро фораму шунаво мекунанд.

Мақсади асосии тарафдорони равияи бадеӣ – психологӣ ба монанди равияи филологӣ ба воситаи таълими хониши ифоданок дар мактабиёнба вуҷуд овардани эҳсосияту ҳолатҳои баланди

эстетикӣ мебошад. Аз ин ҷиҳат дар байни ин ду равия фарқияте вуҷуд надорад. Фикри тарафдорони ҳар ду равия ба як мақсад, яъне ба воситаи таълими қоидаву қонунҳо ва меъёру талаботи хониши ифоданок пурсамар гардонидани тарбияи эстетики хонандагон нигаронда шудаанд.

Дар ҳамин ҷо бояд гуфт, ки тарафдорони равияи бадеӣ – психологӣ ба асоси таълими хониши ифоданок самъи нотиқаро гузоштаанд. Чунки сомиа қобилияти дарк карда тавонистани хосияти садоҳо буда, инсон ба туфайли он ҳодисаҳои муҳитро дарк мекунад ва эҳсосияту ҳолатҳои махсус пайдо карда, аз таъсири онҳо ба ҳаяҷону изтироб меояд, шодмону ғамгин мешавад, оромӣ ва ё безобитагӣ мекашад. Чӣ қадар ки дар инсон ҳассосияти ин қобилият тараққӣ ёфта бошад, ҳамон қадар ӯ оҳангу мазмунҳои суханро тезтару равшантар дарк мекардагӣ мешавад.

Эҳсосот ё ҳассосият дар сиришти инсон зотӣ буда, вобаста ба таъсири муҳит ва таълиму тарбия рушд ва инкиҳоф меёбад. Вақте ки модар тифли гирёнро ба оғӯш гирифта, сари ӯро ба сандуқи дил пахш мекунад, кӯдак ором мешавад. Садои набзи дили модар ба ӯ роҳату ҳаловат мебахшад. Аллагӯӣ ва сурудхониҳои батанзиму форами модар ба кӯдак оромӣ мебахшад. Ин гуна ҳассосият дар кӯдак тадриҷан инкишоф ёфта, самъи нотиқаро ба вуҷуд меваранд. Чунки ба сабаби аз ретсепторҳои шунавоӣ дар мағзи сар мунтазам пайдо шудани рефлексҳо – реаксияҳои ҷавобӣ дар маркази сомеа қобилияте пайдо мешавад, ки сифати овоз, қувва ва пастию баландии он фарқ карда мешаванд. Суханҳои фораму шевои муаллимро мунтазам шуниданҳо дар хонандагон низ самъи нотиқаро ташаккул медиҳанд, онҳо мазмуни суханро ба осонӣ дарк карда метавонистагӣ мешаванд.

Ҳамин тавр самъи нотиқа як навъи қобиляти дарккунӣ буда, дар протсесҳои мураккаб ба вуҷуд меояд. Он дар асоси иштироки анализаторҳои системати сигналҳои якуму дуюм – шунавоӣ, биноӣ ва нотиқа тараққӣ карда, барои равшану возеҳ дарк кардани мазмуну мундариҷаи гуфтору хониш ёрӣ мерасонад.

Мисли ҳамин агар сухан аз ҷониби гӯянда берабту низом ва дурушту нофорам ифода шавад, дар мағзи сар монеа пайдо мешавад. Яъне нейронҳои марказгурез ангезишҳои дар пардаи нимкураҳо пайдо шударо ба дигар узвҳои системаи асаб паҳн намекунанд. Дар натиҷамазмуну мундариҷаи гуфторбарои шунаванда норавшан шуда мемонад. Чунки шунаванда моҳияти гуфторо барои шунаванда норавшан шуда мемонад. Чунки шунаванда моҳияти гуфторро танҳо дар сурати фаъолиятманд будани тамоми узвҳои системаи асаб, яъне ба сабаби дар фаъолият иштирок доштани ҳам нейронҳои марказгурез пухтаву пурра фаҳмида метавонад.

Дар фикру мулоҳизаҳои аввалини методистони рус хониши ифоданок на ҳамчун санъат, балки чун тарз ва усули таълим маънидод шудааст. Методисти рус Ф. И. Буслаев аввалин шуда дар ҷарайёни таълиму тарбияи забон ва адабиётаҳамияти бузург доштани хонишро таъкид кардааст. Вай дар асари худ "Дар бораи таълими забони модарӣ" сифатҳои хонишро сабаби пухтаву пурра омӯхташавии хусусиятҳои забони модарӣ ва адабиёт медонад. Ба андешаи ӯ маводи бадеиро аввал батафсил маънидод карда, сонӣ бо оҳанги пуртаъсир хондани омӯзгору донишомӯзонро ба ваҷду ҳаяҷон оварда, дар онҳо маҳорату малакаҳои гуфтану хондан ва навиштанро ба вуҷуд меоваранд. Вай ин усули таълимро асоси ташаккул ёфтани донишҳои назариявӣва амалии донишомӯзон медонад.

Ф. И.Буслаев азёд кардани матнҳои бадеиро яквоситаи дар хонандагон пайдо шудану инкишоф ёфтани қобилияти суханварӣ донистааст. Вай муқобили қориазёдкунӣ буд. Фикру мулоҳизаҳои пешниҳодкардаи Ф. И. Буслаев принсипҳои хониши мантиқиро дар бар гирифтаанд. Ва маҳз ана ҳамин таълимоти Ф. И. Буслаев аз тарафи К. Д. Ушинский инкишоф дода шудааст. Ӯ хониши ифоданокро ба ду намуд ҷудо мекунад: а) хониши ифоданок; б) хониши салису нозук.

Хониши мантиқӣ хоси асару мақолаҳои илмиву коргузорӣ буда, бо оҳанги ҳамвору равон хонда мешавад. Дар иҷрои ин гуна

хониш овоз бояд бо оҳанги ҷиддӣ ва ботамкин садо диҳад , то ки шунаванда моҳияти фикрҳоро дарк карда, дар атрофи онҳо мулоҳизаву муҳокима ронда тавонад

Масъалаи хониши салису нозук бошад, бевосита ба асарҳои бадеӣ таалуқ дорад. Ҳангоми иҷрои ин гуна хониш овоз бояд латифу нозук, шевову хушоҳанг садо диҳад, то ки ба шунаванда таъсир карда, ӯро ба ваҷду ҳаяҷон оварда тавонад. Дар иҷрои ин мақсад К. Д. Ушинский ба муаллимон маслиҳат медиҳад, ки маводи бадеиро хонда, мазмунашро фаҳмида ҳикоя кунад. Баъд онро шунаво хонда, хонандагонро низ водор кунанд ва ба оҳанги хониши худ гӯш кунанд...

Дар вақти омӯхтани дарсҳои забон ва адабиёт боз ба як чизи дигар омӯзгорон бояд эътибор диҳанд, ки тарзи хониши осори бадеӣ вобаста ба шаклу жанри худ низ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Дар мавриди гузаштани мавзӯъҳо ҳатман инро ба инобат гирифтанашон зарур аст. Яъне, ҳар чор ҷинси адабӣ, чи лирикаю эпика ва чӣ драммаю дидактика тарзҳои хосихонишгарии худро доранд. Танҳо ба муаллими эҷодкор муяссар мешавад, ки ин нозукиҳои таълими хониши ифоданокро ба шогирдон бо тамоми шукӯҳу шаҳоматаш фаҳмонда диҳад.

## III.II. Хондани осори манзум

Ҳамин ки сухан дар бораи хондани осори манзум меравад, ба мо зарур мегардад, ки пеш аз ҳама дар бораи осори манзум ва тарзҳои хондани он маълумоти ибтидоӣдошта бошем. Аниқтараш, аз навъҳои гуногуни хонишбояд огоҳ буд.

Дар адабиёти таълимии мо хел ва намудҳои хониш бо тарзу тариқаҳои гуногун шарҳу эзоҳ дода шудаанд. Аслан, дар ин бора ягон асари мукаммал ҳанӯз нависта нашудааст.Танҳо Носирҷон Маъсумӣ ба дарси хониш ва навъҳои он – хониши хомӯшонаву овозӣ ( бо овози балантар) таваққуф намуда, умумият ва фарқияти онҳоро ба таври бояду шояд баррасӣ намудааст. Вай тарзи хониши хомӯшонаро хониши бошууронаи таҳлилӣ дониста, дар бораи баъзе

хусусиятҳои он гуфта мегузарад. Аз ҷумла, ба фикри адабиётшинос хониши хомӯшона аз лиҳози суръат тезтар, алоқамандиаш ба ҳаракатҳои ҷисмонӣ камтар, барои дарку фаҳмиши мазмуни матн мусоид, ба дидани сархати бутун имконпазир, дар ёфтани калимаю ибора ва ҷумлаҳои зарурӣ қулай мебошад. Бамавқеъ аст, ки дар ин ҷо ҷиҳати илова ҳаминро ҳам бояд хотиррасон намоем, ки хониши хомӯшона як намуди хониши ифоданок ҳам ҳисобида мешавад. Аз ин рӯ, дар рафти он хонишгар бояд ба сифату суръат ва паузаву талаффузи хониш, ба зеру бами овозу оҳанги ифода, ба пастиву баландии садо, ритми гӯйиш ва ба тартибу низом ва рабту меъёри он риоят карда, мазмуну мундариҷа ва маъниву мақсади матнро фаҳм карда, аз он ҳаловату роҳат бурданро аз худ намояд.

Дар хониши овозӣ бошад, хусусиятҳои ҷудогона мавҷуданд, ки ҳоло дар бораи чанде аз онҳо таваққуф менамоем. Ба гуфтаи адабиётшинос Носирҷон Маъсумӣ ин намуди хониш воситаи таълиму тарбиявии адабиёт буда, дар баробари мақсад ва вазифаҳояш хусусиятҳои зеринро бояд дошта бошад:

а) Калимаву ибора ва таъбиру ҷумлаҳо тибқи мазмун ва маънояшон бо оҳанги мусоид хонда шавад;

б) Барои малакаву маҳорат пайдо кардани мактабиён машқҳои тезхонӣ ташкил карда шуда, ба дурустии суръату сифат талаффузу танаффуси ифода эътибор дода шавад:

в) Тезхонӣ асоси тезфаҳмӣ аст. Донишомӯзон бояд маводи хондаашонро зуд дарк намуда, батафсил нақл карда тавонанд.

г) Дар раванди хониш ҳамаи хусусиятҳои мазмуну маъно ва сохту таркиби матн ба эътибор гирифта шавад.

Умуман, дар бораи тарзҳои хониш фикру ақидаҳои якмазмун ва гуногунмаъно дар байни адабиётшиносон вуҷуд дорад, ки донистани онҳо барои хондани матнҳои манзум аҳамияти беандоза доранд. Масалан, адабиётшиноси тоҷик М. Қозиҷонов хониши адабиро ба ду давр – машғулиятҳои муқаддимавӣ ва кор бо матн ҷудо менамояд. Вай пешниҳод мекунад, ки ин намудҳои хониш барои дар болои матн кор кардани мактабиён даст медиҳад. Ҳамин

фикрро К.С. Станивлавский низ дар навиштаҳояш пешниҳод карда буд...

Ҳамин тавр мо мухтасаран дар бораи тарзҳои хондан маълумот пайдо кардем. Акнун зарур аст, ки дар бораи назму осори назмӣ кӯтоҳакак таваққуф намоем. Назм навъи махсуси адабиёти бадеӣ буда, муҳимтарин воситаи тарбияи эстетикиимактабиён мебошад. Он ба сабаби вазну оҳангнокиаш ба ҳиссу ҳуши шунаванда тез таъсир карда, фаҳму идрокро ба ҷунбиш меорад. Ҳамин аст, ки муаллифони асарҳои илмӣ – методӣ ба хусусиятҳои хониши ифоданоки шеър диққати махсус додаанд.

Дар адабиёти таълимии модоир ба тарзи хондани осори манзум беш аз ҳама Носирҷон Маъсумӣ эътибор додааст. Ӯ дар асари худ “Усулҳои таълими адабиёт дар синфҳои[9] 5-8” ифоданокии хониши асарҳои манзумро ба пухтаву пурра донисташавии вазну қофия ва радифу задаҳои шеърӣ, васлу фосилаи ҳиҷҷову таркибҳо ва талаффузи калимаҳои ташдиднок, паузаву танаффусҳо вобаста медонад. Дар ҳақиқат,дар вақти қироати осори манзум бояд ҳамаи воситаҳои ифоданокӣ ба кор андохта шавад. Вагарна, аз маводи хондашаванда на худи хонишгар ва на сомеон ягон баҳра бардошта наметавонанд. Дар ин замина зарур мешавад, ки худи хонишгар ҳам вобаста ба мавқеъи хониш ба пастию баландии овоз ниҳоят боэътибор бояд бошад.

Ба ақидаи муаллиф дар хониши ифоданоки шеър на дарозию кӯтоҳии мисраъҳо, балки вазн эътибор дорад. Дар назми классикию шуравии тоҷик ва инчунин дар назми фолклор вазнҳо хеле бисёр буда, ҳар яке бо оҳанги махсус хонда мешаванд. Ӯ дар мисоли асарҳои С. Айнӣ – “Марши ҳуррият”, П. Сулаймонӣ - “Марши пионерӣ”, М. Турсунзода – “Сайёҳи ҳинд” ва “Ҳасани аробакаш”, М. Миршакар – “Неъмат” ва дигарон намунаҳои шеърҳои кӯтоҳмисраъро оварда, таъкид мекунад, ки онҳо ба сабаби вазну ченакҳои гуногун доштанашон ҳар кадом ба оҳанги махсус хонда мешаванд.

---

[9]Носирҷон Маъсумӣ, “Усулҳои таълими адабиёт дар синфҳои 5-8”, Душанбе. 2019.

Чунон ки мебинем, муаллим дар хондани асарҳои манзум асосан назмро меъёри интихоби оҳанг дониста, мисолҳои овардаашро аз лиҳози ҳамин мулоҳиза шарҳу эзоҳ медиҳад. Масалан ӯ навиштааст: Шеъри Сайидо “Тавсифи зимистон” бо порчаҳои аз Фирдавсӣ овардашуда (синфи 5) ҳамоҳанг аст, чунки ин шеъри Сайидо дар вазни “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ навишта шудааст. Байтҳои зеринро хонда, аз ҷиҳатҳои вазну оҳанг муқоиса мекунем:

*Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад,*
*Ба дониш дили пир барно бувад.*

(Фирдавсӣ)

*Шабе лашкари дай баровард гард,*
*Ҷаҳон гашт чун табъи кофур сард.*

Дар вақти хондани байтҳои фавқ пеш аз ҳама ба санъати хонишгарӣ риоя карда қироат мекунем. Гӯйиши худро тағйир надода ба оҳанги он эътибор медиҳем ва пайхас мекунем, ки ҳар ду аз сабаби дар як вазн кависта шуданашон як хел хонда мешаванд. Хонандаи аз вазн ва тақтеъ огоҳ дар вақти хондани байтҳои болоӣ ин умумиятро зуд сарфаҳм меравад.

Агар хуб мулоҳиза кунем, ба зудӣ дарк менамоем, кидар интихоби оҳанги хониш ба ҷуз вазн, мавзӯъ, мундариҷа, маъноҳои калимаву таркибҳо, сохту тартиби ҷойгиршавии садоноку ҳамсадоҳоро низ ба эътибор гирифтан лозим аст. Чункидар ташаккули оҳанги шеър қисмҳои матн иштирок карда, дар суръату сифат, талаффузу танаффус ва зеру бамии овоз тобишу тароватҳои махсусро медиҳад.

Ин ҷо бамаврид аст, ки як нуқтаи дигарро низ таъкид карда гузарем. Аз сабаби он ки шаклҳои адабӣ гуногунанд ва ҳар кадом барои хондан санъати ҷудогонаро талаб мекунад, бинобар ин зарур аст, ки омӯзгор дар вақти интихоби мавзӯъ барои шогирдони худ вазъи мусоид фароҳам оварад. Ҳамин тавр, хониши ифоданок талаб мекунад, ки барои интихоби оҳанги хониш муаллим дар баробари дониши мукаммал бояд қобилияти матншиносӣ низ дошта бошад.

Дар вақти хондани осори манзум омӯзгор бояд озодона дар назди донишомӯзон бо риоя ба меъёр ва қоидаҳои хонишгарӣ маводи таълимиро қироат намояд. Сипас, дар тақлид кардан ба хонишгарии худ хонандагонро водор созад, ки маводи таълимиро қироат намоянд. Яъне вай метавонад, ки ҳамбастагии муаллим, талаба ва маводи таълимиро ба роҳ монад. Аз ҳамин нуқтаи назар методисти намоёни рус Л. В. Тодоров дар соҳаи хониши ифоданоки шеър се чиз – хониши ифоданоки муаллим, ба таври ифоданок хонда тавонистани талаба ва омӯзиши қоидаву қонунҳои хониши ифоданокро хеле муҳим мешуморад.

Яке аз роҳҳои муваффақ ба ин усул таҳлили муштарак мебошад. Муаллим дар ҳар як лаҳзаи мусоиди дарс барои маънову мазмун воситаҳои хушоҳангии шеърро маънидод карда, онро муассиру пурэҳсос мехонад ва хонандагонро низ мехононанд. Ва ҳатман бояд аҳли синфро ба шунидани тарзи гӯйиши ҳамсинфашон баҳогузорӣ намояд. Ин гуна роҳу равишҳо рафти таълимро шавқовар карда, дар талабагон системаи муайяни донишу маҳорат, малакаву одат, завқу солиқа ва қобилияту тавоноиро ба вуҷуд меоваранд. Дар мактабиён шавқи шеъразёдкунӣхуд аз худ ба вуҷуд намеояд. Маҳз кӯшишҳои босамаронаи муаллим, ҷустуҷӯиҳои пайдарпайи вай боис мегардад, ки дар хонанда шавқи омӯзиш ва хониш пайдо мешавад.

Тавре ки мебинем, хондани осори манзуму мансур яке аз муҳимтарин омили таълиму тарбия дониста шуда, дар ташаккули фикрии талабагон низ нақши муҳим мебозад. Яъне, донишомӯзро зарурате пеш меояд, ки дар як вақт ҳам қироат кунад ва ҳам мазмуну маънои маводи хондашавандаро ҳазм намояд. Он рафту равишҳои амалиётро тезонда, натиҷаву самараҳои дилхоҳ мебахшад. Бинобар ин, дар ҷарайёни дарсҳо пеш аз баён кардани мавзӯъ моҳирона татбиқ шудани он мувофиқи мақсад буда, маҳсулнокиаш ба ҷаҳонбиниву ҷаҳонфаҳмӣ, донишу маҳорат, ҳунари гӯяндагиву хонандагӣ ва ҳаракату кӯшиши муаллим сахт вобаста мебошад. Мақсади асосии хониши ифоданоку эҷодӣ ҳамин аст, киаз оҳанги гуфтору хониш кулли вуҷуд ва эҳсосоти сомеон ба

ҷунбиш ояду ғайриихтиёр ба шунидану гӯш кардан дода шавад. Яъне сухан ва қироати гӯяндаро фаҳмида, роҳату ҳаловат барад ва дар худ низ барои гуфтани буррову шево майлу рағбат пайдо намояд.

Ногуфта намонад, ки тарзи хондани осори манзум ба синну сол ва дараҷаи қобилияту истеъдоди донишомӯзон сахт алоқаманд аст. Яъне ин раванд дар таҳия кардани дастурҳои методӣ ва прагаммаҳои омӯзишӣ аз ҷониби методистон ва мутахассисони соҳа ба эътибор бояд гирифта шавад. Зеро вобаста ба синфҳо ҳаҷми маводи назм ё наср дуруст бояд интихоб гардад.

Ҳаминро ҳам бояд гуф, ки донишомӯзони мактабӣ гӯйиш ва хонишгарии ҳунарваронро пайравӣ карда, малака ва маҳорати худро мунтазам сайқал дода раванд. Ҳар чӣ бештар байту ғазал ва порчаҳои хурду калони шеъриро чӣ аз эҷоди намояндагони адабиёти мумтоз ва чӣ аз намунаҳои адабиёти муосир аз ёд намоянд. Мазмун ва маънои чизи омӯхтаашонро барои фаҳмидан кӯшиш намоянд. Зеро хонишгарӣ санъатест, ки тавассути заҳматҳои зиёду бардавом ба даст меояд...

Ба ҷиҳати хулоса ҳаминро гуфтан мумкин аст, ки тарзи дуруст ва дар асоси қоидаву меъёрҳои он хондани осори манзум, барои ба қолиб даромадани сухани гӯяндагон ва хонишгарон, инчунин ба ҳар як шахси суханомӯз имконият фароҳам меоварад. Ҳамчунин, усулҳои омӯзишва хониши осори назмию насрии гуногуншаклу гуногунжанр барои баланд бардоштани маданияти нутқи аҳли сухан ёрӣ мерасонад.

## III.III. Хондани осори мансур

Хондани осори мансур ва манзум гӯё як ҷараёни соддаву оддӣ ба назар менамоянд. Аз ҳамин сабаб ба тарзи хондан ва қироати осори илмиву бадеӣ ё расмиву публисистӣ баъзан беэътиборона назар афканда мешавад. Бинобар ин зарур аст, ки ин раванд ҳанӯз аз давраи ҳарфомӯзии кӯдакон бояд сахт ба эътибор гирифта шавад, зеро ташаккули нутқи минбаъда ба он вобаста аст.

Бояд гуфт, ки адабиёт дар ду шакл назму наср эҷод мешавад. Ин ҳар ду тарзи хоси хониши худро доранд. Риоя кардан ба тарзу талаботи хониш аз ҳар ҷиҳат фоиданоктар буда, боиси ба вуҷуд омадани нутқи салису фасеҳ ва ташаккули латофату назокати забон мегардад.

Дар ин замина тасмим гирифтем, ки доир ба хониши осори мансур ва манзум чанд суханро дар такя ба маъхазҳои илмӣ баён намоем. Аз ин рӯ бамаврид аст, ки ҳар кадоми онро ба тарзи алоҳида-алоҳида мавриди баррасӣ қарор диҳем. Дар ин мақола тарзи хондани осори мансурро мухтасаран тавзеҳ дода мегузарем.

Наср ҷинси алоҳидаи адабиёти бадеӣ аст. Насрнависро носир ҳам мегӯянд. Ин шакли адабиёт бо сохти худ аз дигар намудҳои асарҳои бадеӣ фарқ мекунад. Хондани ҳама гуна осори мансур барои ташаккул ва инкишофи нутқ, инчунин ба маданияти гуфтор ва тарзи ифодаи донишомӯзонимактабӣ мусоидат мекунад. Насраз сабаби он киба нутқи гуфтугӯӣ наздик аст, бинобар ин боиси зуд ғанӣ гардиданитаркиби луғавию фразеологии хонандагон мегардад.

Дар адабиёти имрӯзаи мо ба таври бояду шояд ҳанӯз хусусиятҳои хониши осори назмию насрӣ аз ҷониби ягон олим комилан омӯхта нашудаааст. Танҳо дар адабиёти илмӣ – методии мо хусусиятҳои хониши насри бадеӣ ба андозае аз тарафи адабиётшинос Н.Маъсумӣ баён шудаанд. Вай дар ҷараёни хониш ба маънову мазмун ва мантиқи сухан мутобиқ будани оҳанги ифода, дуруст гузошта шудани задаҳои ҳиҷоиву мантиқӣ, риоя шудани паузаҳои грамматикиву мантиқӣ ва риояи меъёри талаффузи овозу ҳиҷо ва калимаву таркибҳоро муҳимтарин омили хушхонӣ донистааст.

Аз ҳамин нуқтаи назар ба фикри мо барои ноил шудан ба санъати хонишгарӣ ин гаштаву баргашта хондани матнҳо ё аз ёд кардани онҳо мебошад. Азбаски хондан ва аз ёд кардан ё ин кидар хотир нигоҳ доштни матни насри бадеӣ кори басомушкил аст. Аз ин рӯ ба гӯянда ( хонишгар )лозим меояд, ки мазмуну мундариҷа ва сохту таркиби матнро пешакӣ пухтаву пурра омӯзад. Ва пеш аз ҳама вайро зарур мешавад, ки осори гузаштаву имрӯзаро дар

муқоисаи услубу баён такрор ба такрор ҳазм намояд. Мо дар ин хусус ҳаловату ҳолати қиссагӯву қиссахонҳоро пеши назарамон оварда метавонем. Онҳо тавассути пухтаву пурра донистани тамоми ҷузъиятҳои матни ,, Ҳазору як шаб “ - у ,, Самаки айёр “, барин қиссаҳоро ҳамчун саргузашти худ озодона, бе ягон сактаву лакнати забонӣ хеле пурсӯзу пургудоз ва равону соз баён мекунанд. Ҳамин тариқ хонишгари имрӯза ҳанӯз аз синфҳои ибтидоии мактаб бояд тарзи дурусти ифодаро ёд гирад. Дар ин замина аз омӯзгори соҳа масъулити куллӣ талаб карда мешавад, ки ба донишомӯз тарзи дурусту бехато ва созу оҳангнок хондани матнҳоро пайваста тавсия намояд.

Дар адабиёти илмиву методӣ раванди дар мактабиён ташаккул ва инкишоф додани қобилияту маҳорати хонишгариву гӯяндагӣ ба се марҳила – тайёрӣ барои кор бо матн, кор дар болои матн ва хониши матн ҷудо карда шудаанд.

**Тайёрӣ барои кор бо матн.** Ин марҳила бевосита ба худи хонандагоналоқаманд набуда бо ёрии муаллим ба вуҷуд оварда мешавад**.** Яъне вай бояд пеш аз ҳама дар табиати хонанда майлу хоҳиш ва завқи омӯзиши матнро бедор намояд. Дар ҳақиқат агар ин ҷарайён амалӣ нагардад, яъне донишомӯзи мактабӣ дар худ иродаю шавқи омӯзишро пайдо накунад, заҳмати омӯзгор бенатиҷа монданаш ҳеҷ гап нест. Моҳияти ин марҳила аз он иборат аст, ки дар мактабиён қобилияти муфассалу гуворо гуфтани дидаву шунидаҳояшон инкишоф дода мешавад. Ин тарзи кор бо матн асосан дар синфҳои 5 – 8 бештар таҷриба карда мешавад. Муаллим ба мактабиён имконият медиҳад, ки пеш аз шиносоӣ бо матни таълимӣ саргузашт ва ё дидаву шунидаҳои худро, ки ба мазмуни матн монанд аст, пуробуранг ва муассир баён кунанд. Ҳамзамон омӯзгор бояд таъкид намояд, ки дар мавриди нақли саргузашт ба тарзи ифодаи худ боэътибор бошанд. Ба онҳо фаҳмонида мешавад, ки пешакӣ мавзӯъ ва моҳияти нақли худ, яъне дар чи хусус ва барои чӣ нақл карданашро фикр карда, чунин ҷиҳатҳоро аниқ кунанд: воқеа аз чанд қисм иборат буда, чӣ равишҳоро дар бар мегирад, қисматҳои воқеа чӣ тафовуту умумиятҳо доранд, алоқамандии

байни қисмҳо чи гуна сурат гирифтааст ва ғайра. Инчунин, оё он умумият ва тафовутҳо пас аз нақли воқеа ё ҳодиса дар рӯҳияти онҳо ягондигаргунӣ ҳосил кардааст? Ҳангоми фаҳмондани матлаб, пеш аз ҳама худи омӯзгор ба ҳамаи талаботи гӯяндагиву пурсандагӣ риоя бояд кунад. Чунки ҳолати дарк кардани фазои синф барои вай шинос аст. Аз ин нуқтаи назар, ана ҳамин масъулиятро ҳис кардани омӯзгор дар оянда ба хондану омӯхтани шогирдон кӯмаки аввалиндарача мешавад.

**Кор дар болои матн.**Ин марҳилаи корӣ бошад бештар ба худи хонанда вобастагӣ дорад. Яъне, хонанда барои хондани матн дар худ завқи эстетикӣ бояд бедор намояд. Ҳама гуна матни бадеӣ бо шавқи том хонда шавад, дарки мазмуннокии он осон мегардад. Ин қисмати дарс хеле муҳим буда, он асосан дар фаъолияти мактабиёни синфҳои 5 – 8 тадбиқ карда мешавад. Чунки айнан дар ҳамин синну сол тафаккури ба адабиёт доштаи мактабиён ривоҷ меёбад. Мавзӯъҳои дарсҳои адабиёт низ нисбат ба синфҳои ибтидоӣ як навъ мукаммал ва муфассалтар баён карда мешаванд. Дар китобҳои дарсӣ ҳам бояд ин талабот риоя шуданаш ҳатмӣ аст. Яъне матнҳо бояд дар ҳаҷми фарохтар дода шуда, хусусияти синну солии онҳо дар назар дошта шавад. Он гоҳ омӯзиши хондани осори мансур осон мегардад. Маҷзӯъҳо ҳаҷман калонтар ва мазмунан фарохтар пешниҳод карда мешаванд. Зеро чунон ки маълум аст, таълими адабиёт дар ин синфҳо хониши адабӣ буда, аз рӯи нишондоди М.Қозиҷонов дар рафти омӯзиш чунин талаботҳо ба субут мерасанд: дар синф ва дар хона хондани матн, бо овози баланд ва ё хомӯшона (овоз набароварда, бадаруни дил) хондан, аз рӯ матни хондашуда нақша сохтан, нақли порчаи хондашуда, мазмуни идеявии асар, таҳлили образҳо, забон, нақли хаттӣ, баёни эҷодӣ, иншо ва ғайра.

Дар ин бора адабиётшинос Б.С.Найденов ҳангоми омӯзиши асарҳои бадеӣ, пеш аз ҳама, ду навъиҳикоягӯиро аз рӯйи матн – ҳикоягӯии батафсил ва бадеиро тавсия кардааст. Натиҷаи таҷрибаҳо нишон дод, ки пешниҳодҳои олим самараи хуб дода метавонад. Дар ин бора мухтасаран таваққуф намуда мегузарем.

Ҳикоягӯии батафсил, махсусан, дар синфҳои 1 – 3 ва 5 – 8 фаровон истифода бурда мешавад. Талаботи асосии он аз ҳамин иборат аст, ки донишомӯзон баробари мазмуну мундариҷаи асар, инчунин ба тасвиру тавсифҳои забони нависанда эътибор дода,салису фасеҳбаёниро ёд мегирад. Аҳамияти ин навъи нақл боз дар он аст, ки диққату эътибор вахотираю ҷаҳонбинии мактабиён инкишоф дода мешавад. Вазифаи асосии ин навъи ҳикоя наздик будани нақл ба мазмуни матн, табиӣ будани тарзи гуфтор ва фораму шевоии оҳанги баён мебошад. Дар ин замина аз омӯзгор талаб карда мешавад, вақти хондани матнҳо дар бораи услуби эҷоди муаллифон низ ист кунад. Зеро баъзан калимаву таркиб ва ё ибораҳои фразеологиву рехта пайи ҳам омада, дарки мазмуни матн душвор гардиданаш мумкин аст. Аз ин рӯ вай вазифадор аст, ки мавриди омӯзиш тамоми ҷабҳаҳои маводи хондашавандаро дар назар гирад. Ана ҳамин боэтибории омӯзгор дар оянда ба гуногунрангӣ ва ғановати забони шогирдони вай сабаб мегарданд.

Ҳикоягӯии бадеӣ зоҳиран ба ҳикоягӯии батафсил монанд мебошад, чунки ҳар дуяшонҳам ба нигоҳ доштани мазмуну шакли матни муаллиф хос мебошанд. Вале ин ҷо нақл бояд пуробуранг ва бадеӣ бошад. Гӯянда тамоми хусусиятҳои нафосату балоғат ва латофату назокати суханро истифода карда, воқеаро муассиру ҳаяҷонбахш нақл карда тавонад. Хусусияти дигари фарқи ҳикоягӯии бадеӣ аз батафсил дар он аст, ки ҳангоми нақл кардан аз воситаҳои бадеӣ, аз қабили ташбеҳу истиора, талмеҳу таҷнис ва ҳамчунин панду ҳикматҳои доири мавзӯ фаровон истифода карда мешаванд. Дар ин гуна мавридҳо хизмати устодон низ хеле назаррас бояд бошад, бар он хотир, ки донишомӯз дар ҷарайёни баён аз калимоту ибороти услуби гуфтугӯӣ ва шеваю лаҳҷаҳои гуногун истифода набарад. Агар дар дохили матн порчаҳои шеърӣ оварда шуда бошанд, омӯзгор вазифадор аст, масъаларо аз нуқтаи назари муқоисавӣ боз ҳам обуранг бахшад. Яъне шогирдонро водор созад, ки маводи назмии хондаашонро бадлҳатон бо ифодаи худ дар назди ҳамсинфон ба таври равоннокӣ баён намояд ва худаш пеш аз ҳама ба риоя шудани нормаҳои забони адабӣ эътибор диҳад.

Танҳо масъулияти зиёди омӯзгор метавонад, ки диққати шогирдонро ба маводи омӯзишӣ мустаҳкам намояд.

**Хониши матн.** Дар дастурҳои омӯзишиву услубӣ ваасарҳои илмӣ – методӣ хонишро асосан ба ду намуд – хониши овозӣ (шунаво, бо овози балантар) ва хониши хомӯшона (беовоз, яъне ба даруни дил) ҷудо мекунанд, ки якеи ин тарзи хонишҳо асосан дар хона ва дигаре дар синф иҷро карда мешавад. Ҳамин аст, ки дар баъзе асару мақолаҳои методӣ хониши овозиро хониши синфӣ ва хомӯшонаро хониши хонагӣ номидаанд. Хониши хонагӣ бевосита ба амлиёти индивидуалии хонанда алоқаманд аст, яъне вай барои хондани асар чӣ гуна фазо офарида метавонад ва чӣ гуна ба роҳ мемонад. Аммо хониши синфӣ бояд ҳатман аз тарафи омӯзгор ба назорат гирифта мешавад ва ҳамин боэътиборӣ барои ба норма даровардани хониши хонагии донишомӯз замина мегардад.

Ҳаминро ҳам таъкид кардан бамаврид аст, ки дар вақти хондани осори мансур муаллим ба талабагон вазифаи роҳнамоиро бо тамоми ҷузъиёташ иҷро намояд. Чунки табиати донишомӯзон гуногун буда метавонад, яъне бо овози балантар қироат кардани матн хониши синфӣ гуфта, барои баланд хондани матн талабаро набояд маҷбур созад. Тавре ки маълум аст, тибқи қобилият ва рефлекс донишомӯзон метавонанд дар хона ҳам барои баланд хондани матн ба худ шароит фароҳам оваранд. Чунки бисёр шудааст, баъзе хонандагон ҳангоми баланд хондани матн қобидияти даркашон зиёдтар гардида мазмун ва маънои матнро ба хубӣ аз худ менамоянд. Яъне дар ин гуна мавридҳо муаллим бояд худ ҳассостар бошад ва тибқи табиати шогирдон кор барад.

Хулоса, тарзи дурусту бехато хондани осори мансур ва риояи нормаҳои талаботи он ба донишомӯзон нафақат завқи зебоипарастӣ, балки шавқи ахлоқӣ низ мебахшад. Онҳо тавассути дуруст ва равон хондани матн ба дурусту музайян ҳаракат кардан низ кӯшиш менамоянд. Чунки дар вақти хондани матни асари бадеӣ онҳо хоҳу нохоҳ ба ҳаракати қаҳрамони мусбӣ пайравӣ мекунанд ва ба ин васила одобу ахлоқи худро ба низом дароварда ташаккул меёбанд. Ҳамчунин, дар оянда барои ба тартиб даровардани нутқи

худ аз ҷиҳати мазмуну маъно ва дар ҷомеа мавқеъ пайдо кардани худ ҳаракат мекунанд. Ва маҳз бо ҳамин роҳ маданияти нутқ ва ҳусни баёни шахс мутташаккил мегардад...

## III.IV. Тафсири мухтасар мебояд

Сухане чанд доир ба маводҳои илмию адабии омӯхташавандае,ки дар китобу дастуроти илмию таълимӣ ҷой доранд. Ва нуқтае чанд оид ба беҳдошти мазмуну мундариҷаи китобҳои дарсии адабиёт(синфи 7) дар мавриди омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти шоирони классик ва маънидоди абёти онон.

Дар боби навистани китобҳои дарсии адабиёт муаллифонро зарур аст, ки ба ҳусну қубҳи маводи таълимӣ бодиққатар бошанд, зеро аз хондани баъзе материалҳои онҳо, табъҳои ташнаи илму хиради донишомӯзон хира нагардад. Инак, дар барномаи таълимии амалӣ дар китоби адабиёт барои синфҳои ҳафтум ҷиҳати омӯзиши ҳаёт ва фаълияти Умари Хайём ду соат ва якҷоя бо як соати кори назоратӣ се соат ҷудо карда шудааст. Дар дарси 27-ум мавзӯи "Ҷараёни зиндагии Умари Хайём", дарси 28-ум бошад, "Қироат ва маънидоди рубоиёти Хайём" ва як соат барои кори назоратӣ оварда шудааст. Агар ба китоби дарсӣ назар оварем, дар ҳаҷми панҷ саҳифа барои дарси аввал ҷудо карда шуда, ҳамагӣ як саҳифа ба дарси дуюм ҷудо карда шудааст. Ва дар боби Умари Хайём ҳамагӣ даҳ рубоии вай ҷой дода шудаанд. Дар мавриди интихоби рубоиҳо чанде андешаҳои худро иброз доштаниям. Ба гумонам талқини банда танҳо ба манфиати кор аст.

Дар таърихи адабиёти тоҷику форс масъалаи донистани асли маъниҳои рубоиёти шоири ширинкалом ва фалсафамашраб Умари Хайём, яке аз умдатаринҳо маҳсуб ёфта, солиёни дароз диққати аҳли илму адаб, муҳаққиқони касбӣ ва завқмандону шавқмандонашро ба худ ҷалб кардааст. Пӯшида нест, маънии бикру тозаи шеъру ғазал ва рубоиёту дубайти туғёнест, ки аз дил ба дилҳо

рафта мерасад. Ҳамин аст, чӣ дирӯз ва чӣимрӯзҳо муҳаққиқони бисёре пайи дарёфт кардани маънои асили рубоиёти Хайём ва мавриди ҷудо кардани онҳо аз рӯи мазмун ва мундариҷаашон, гоҳе ба саҳлангорӣ роҳ додаанд ва гоҳе сатҳи назар карда, моҳияти асили онро кушода надодаанд. Ҳамчунин дар баъзе манбаъҳо маънии асили онро фаҳм карда бошанд ҳам, барои хонандагон онро ба таври умумӣ гуфта гузаштаанд. Аммо хонандаи нозукбин ҳангоми хондани байтҳо кӯшиш мекунад, ки ҷавҳари маъниҳои онро дарк намояд ва хулоса барорад.

Муаммои Хаёмшиносӣ барои муҳаққиқони адабӣ масъалаи тоза нест ва бисёре аз онҳо муваффақ ҳам шудаанд, ки байтҳои вайро ба таври бояду шояд зебову пухта ва равону содда ба завқмандон хеле хуб маънидод ҳам намоянд. Ҷиҳати собити фикр яке аз онҳоро ба таври қиёсӣ дидан мумкин аст:

Бингар зи сабо домани гул чок шуда,
Булбул зи ҷамоли гул тарабнок шуда,
Дар сояи гул нишин, ки бисёр ин гул,
Аз хок бармадасту дар хок шуда.

Фаразан, Холиқ Мирзозода даркитоби худ оид ба муносибати масъалаҳои бақои модда ва шакл иваз кардани материя дар бораи мундариҷаву шакл – ҷавҳару сурат ё ҷавҳару араз сухан ронда, дар пойоварди суханаш набиштаҳои Ғизолиро аз “Кимёи саодат” оварда чунин менигорад: - ... Ҷавҳари ҳастиро хирад бишносад беҳад ва берасм, ки ӯро ҳад нест... ва фасл нест...” Ва ҷиҳати тасдиқи ин фикр, рубоии фавкуззикри Хайёмро ҷой дода чунин менависад:” Чунин фикр ақидаи материалистист ва Хайём ин категорияи фалсафиро бо ифодаи образноки афкори лирикӣ ва тасвири табиат баён кардааст”. (Холиқ Мирзозода, “Таърихи адабиёти тоҷик”[10], - Душанбе, “Маориф”, ҷилди 1.саҳ.150).

Ин ҷо ба мавқеъ аст, ки суханони доктори илмҳои филологӣ Мирзо Муллоаҳмадро доир ба ин рубоӣ аз мақолаи илмиаш айнан биёварем, зеро ин олим ҳам ҷавҳари рубоиро дуруст сарфаҳм

---

[10]Холиқ Мирзозода, “Таърихи адабиёти тоҷик”, - Душанбе, “Маориф”, ҷилди 1.саҳ.150.

рафта, вале ба таври умумӣ нигоштааст: “Зебоиҳои табиат аксаран барои бозгӯи андешаҳои фалсафии ҳаким тасвир шудаанд. Қадимӣ будани олам ва дар тағйиру такмил будани он, нопойдориву зудгузарии умри инсон тавассути зебоии табиат ба қалам дода шудааст”.

Дар ҳақиқат ҳар ду муаллиф дар ҷавҳар тарафдорони як маънианд. Яъне, яке бо истифодаи ибораҳои “ақидаи материалистӣ”, “категорияҳои фалсафӣ”,”ифодаи лирикӣ”, “тасвири табиат” мақсади худро ҷамъбаст намуда бошад, дигаре ҳамин маъниро бо ибораҳои “зебоиҳои табиат”, “андешаҳои фалсафӣ”, “қадимӣ будани олам”, “тағйиру такмил”, “зудгузарии умр” ба таври умумӣ гуфта гузаштаанд. Лекин дар хусуси тафсири байтҳо чизе нанавистаанд.Яъне, агар ин намуди фаҳмондани рубоиҳоро ба китоби дарсӣ дохил намоем, бе ҳеҷ шакл хулоса мекунем, ки донишомӯзони синфҳои ҳафтум дар фаҳм кардани маънои пурраи байтҳо мушкилӣ мекашанд. Дарди бахайр аст, ки агар омӯзгор аз маънои асл огоҳӣ дошта бошад, онро муфассалтар шарҳу эзоҳ медиҳад, вагарна хонандагон аз асли маъно бебаҳра мемонанд. Яъне, завқу шавқи толибилмон нисбати маъниҳои зебову суфтаи Хайём бедор нокарда мемонад.

Айнан, ана ҳамин рубоӣ аз ҷониби номзади илмҳои филологӣ Малик Кабиров ба таври бояду шояд ва хеле аниқу мушаххас кушода дода шудааст. Муаллиф дар ҷараёни тафсири рубоӣ асли мақсади Умари Хайёмро ба иштиёқмандонаш ба таври соддаву фаҳмо, яъне мурод аз васфи табиат ё худ гулу булбул сабабу оқибат буданашро ифшо намудааст. Аз ҷумла, байтҳои аввали онро чунин хулоса менамояд: “Мазмуни ин байт ба фикри ба ҳақиқати воқеии фалсафӣ доштаи шоир асос ёфтааст, ки зодаи сабаб будани оқибат аст”. Ё дар баёни мисраъи “аз хок баромадаасту бар хок шуда” чунин менигорад: “Дар асл Умари Хайём бо маънии ин мисраъ ҳамаи маъниҳои мисраъҳои фавкуззикрро дар хусуси ғанимат будани “сояи гул” тақвият дода, сабаби ғанимат будани онро иброз намудааст, ки он ба нестӣ маҳкум будани ҳастист”(Малик Кабиров

“Субҳи вафо”[11], “Ўзбекистон файласуфлари миллий жамияти нашриётӣ” Тошканд, 2019, саҳ.220-221).

Бояд тазаккур дод, ки мавриди баррасӣ ва тафсиру таҳлили рубоиёти Умари Хайём зарур мешавад, ки эҷодиёти вайро ба айниву гумонӣ ҷудо намоем, зеро дар фаҳмиши хонанда баъзан ҷаҳонбинии шоир ва ақидаву фаҳмишҳояш ба духӯрагӣ дучор мешавад. Вале асли ҳақиқат, шоир шахси мӯътақид аст, гарчанде, ки дар ашъораш калимаву ибораҳое монанди “май”, “бода”, “шароб”, “кӯза”, “сабу”, “майхона”, “пиёла”, “мастӣ”, “хуми шароб”, “майкадаи даҳр”, “аз рӯи мастӣ” фаровон мавриди корбарӣ қарор ёфтаанд, вале диди фалсафии шоир дар замири он ҳама гуфтаҳо нуҳуфтааст. Ҳамин буд, киҶамолиддин Абулҳасан Алӣ ибни Қитфӣ дар китоби худ “Таърихи ҳукамо” рубоиёти вайро ҳамчун мори заҳрдор медонад. Ё худ Наҷмиддини РозӣУмари Хайёмро дар “Мирсод-ул-ибод” саргаштаву саргумзада ва фалсафию даҳрӣ меномад. Ва ин гуна фаҳмишҳо дар адабиёти мо ҷиҳати шахсияти шоир зиёданд. Вале ҳаминро ҳам хуб дар назар дошт, Умари Хайём шайх буд, на ин ки сӯфию саргумшуда. Мебояд аз чунин таззоди андешаҳо дар боби ҳаёту фаъолияти шоир дар китоби дарсӣ ворид карда шаванд, зеро ин гуна далелу собитҳо завқи толибилмонро нисбати шахсият ва фаъолияти шоир зиёда мегардонад.

Қобили қайд аст, ки мавриди омӯзиш ва таҳлили рубоиёти Умари Хайём, пеш аз ҳама аслияти онро ба ҳисоб гирем. Зеро бисёр шудааст, ки рубоиёти зиёде ба номи шоир мансубият пайдо карда, дар асл бегонаанд. Дар ин бора ховаршиноси рус В.Жуковский аз 89 рубоии ба Хайём нисбат додашуда 39-тоашро дарсарчашмаи дигар ёфтанашро маълум мекунад. Бинобар ин, вай рубоиҳои сайёрро ба чор гурӯҳ тақсим намуда, гурӯҳи охиринашро ба Хайём нисбат дода, симои ӯро чунин менигорад: “Хирадмани солор, ки дар эътиқоди худ устувор буда, дар масоили ҳастӣ азият кашида, дар шариати исломӣ муаммоҳои зиндагиро пайдо намекунад, дар

[11]М. Кабиров “Субҳи вафо”, “Ўзбекистон файласуфлари миллий жамияти нашриётӣ” Тошканд, 2019, саҳ.220-221.

заминаи ирфони сӯфиҳо ҷаҳонбинии муназзамро эҷод мекунад; ӯ умуман харобкори имон нест...Умар мунодии ахлоқи пок, ҳаёти воқеӣ ва муҳаббати гарм ба Худованд буда, ба арши абад, дурахшон ва зебо майл дорад".

Айнан, худи ҳамин тавр рубоии дигари Хайём низ дар китоб ва мақолаҳои фавқуззикр ҷиҳати ҷамъбасти фикрҳои муаллифон дуруст, вале ба таври умумӣ оварда шудаанд. Ба гумонам, онро возеҳу равшантар ва ба қабули хонанда кушодатар карда медоданд, хубтар мешуд. Инак, боз рубоӣ ва навиштаҳои муаллифонро муоина менамоем:

Дар доирае, ки омаду рафтани мост,
Онро на бидоят, на ниҳоят пайдост,
Кас меназанад, даме дар ин маънӣ рост,
К-ин омадан аз куҷову рафтан ба куҷост.

Пеш аз овардани байтҳои мазкур Холиқ Мирзозода дар китоби худ "Таърихи адабиёти тоҷик"(саҳ.131) чунин менигорад: "Ин ақидаи материалистии табииюн, ки табиатро мабдаи ҳаёт ва онро абадию азалӣ мешуморидаанд, дар рубоии зерини Хайём инъикос ёфтааст ва ин рубоиро Шайх Наҷмиддини Розӣ дар китоби "Марсол-ул-ибод" дар ҷое, ки файласуфҳоро таъну лаън мекунад, овардааст. Дар ин рубоӣ бо усули баёни лоадрия ё ки санъати таҷоҳули ориф мабдаи маоди динӣ инкор, вале ақидаи табииюн эътироф шудааст".

Ва ҳамин рубоиро доктори илмҳои филологӣ Мирзо Муллоаҳмад дар мақолааш ба таври мухтасар чунин меоварад: "Умари Хайём дар ибтидои рисолаи"Ҷавоб ба се масоил" дар хусуси мутанохӣ ва ғайримутанохӣ будани ҷисмҳо баҳс кушода, онро ҷамъбаст накардааст. Аз рубоии зайл беинтиҳо будани оламро таъкид карда, баҳси мазкурро ҷамъбаст намудааст".

Боз меоем ба сари мақсад. Яъне, агар ифшои маънии рубоиҳоро айнан ҳамин тавр иқтибосан ба китоби дарсӣ кӯчонем, маънии байтҳо тафсир наёфта мемонад. Зарур аст, ки онҳоро на ба таври умумӣ, балки ба тарзи возеҳу равшантар ва соддаву осонтар тафсир намуда, дили хонандаро ба маводи омӯзишӣ гарм намоем. Ва худи

вай ба омӯхтани рубоиҳои дигар руҷӯ намояд. Паи ҷустуҷӯи рубоиҳои нави Хайём ба адабиётҳои иловагӣ мурочиат намояд.

Вақт расидааст, ки Хайёмшиносони моҳир аввалан, рубоиёти шоирро ба худиву бегона ҷудо намуда, сониян мисли Малик Кабиров, ки дар боло тафсири байтҳоро овардем, ба таври комилӣ маънидод намоянд. Ҳатто зарур аст, ки ин иқдоми тафсири байту мисраъҳо ба китобҳои дарсӣ мавриди омӯзиши ҳаёту фаъолияти шоирон ҷойгир карда шаванд. Чунки имрӯзҳо дар макотибу муассисоти олӣ, маъниҳои фалсафии андешаҳои шоирон сатҳӣ баррасӣ мегардад. Дар натиҷа, шинохти аслии худи онҳо низ аз нигоҳи мӯътақидиву беэътиқодӣ ноаён мемонад. Ба гумонам,шоире,ки кашшофи асрори азал аст,шеъри духӯра намегӯяд. Умед аст, ки муҳаққиқони адабӣ маъниҳои озодандешию ранг ба ранги Умари Хайёмро зина ба зина кушода медиҳанд.

Ба фикрам, дар ҳамкорӣ ва якдигарфаҳмии муаллифон ва муҳаққиқони адабӣ кори таълими адабиёт ҳам дар барномаҳои таълимӣ боз ҳам хубтару рангинтар мегардад. Чунки дар вақти интихоби рубоиёти Умари Хайём он рубоиҳоро, ки аллакай тафсирашон дар адабиётҳои илмиву дастурӣ ҷой гирифтаанд, дар китоби дарсӣ овардан баманфиат аст, зеро пӯшида нест, ки ҳатто бархе аз муаллимини макотибҳо ҳам дар кушода додани маъниҳои тозаи байтҳои Умари Хайём хеле оҷизанд. Чӣ расад, ки шогирдони онҳо аз он маънии зебову тоза дастрас намоянд. Хуб медонам, ин масъала хеле доманадор аст, вале вақт расидааст, рубоиёти соддафаҳму тафсирёфтаи шоирро дар китобҳои дарсӣ ҷой диҳем. Тӯтивор аз ёд кардани рубоиёти Хайём қобили қабул нест. Асрори маъниҳои офаридаи шоирро аз мағз андар мағзи байтҳояш дарёфтан санъат аст.

## III.V. Тарзи пур кардани рӯи дафтарҳо ва варақаҳои корҳои хаттии имтиҳоноти донишомӯзон

Ба ҳамагон маълум аст, барои омӯзгорон айёми саршавӣ ва анҷоми ҳар як соли таҳсил давраҳои хеле пурташвиш мебошад. Ана ҳамин гуна айёми пурташвишро хусусан омӯзгорони фанҳои забону адабиёт ва математика бештар аз сар мегузаронанд. Чунки онҳо дар давоми ҳар як чорякисол ва ҳам дар давраи имтиҳонот на фақат дониш, балки малакаву маҳорат ва дараҷаи саводнокии шогирдонашонро пай дар пай низ ба таври ҷиддӣ ба ҳисоб мегиранд.

Аз ин нуқтаи назар яке азмушкилии корҳоии омӯзгорони фанҳои мазкур дар ибтидои соли таҳсил иборат аз ташкил кардани дафтарҳои даврагӣ (корӣ) ва дафтарҳои махсус барои корҳои хаттии санҷишӣ аст, ки дар давоми соли хониш ин гуна дафтарҳо борҳо тафтиш карда шуда, дараҷаи саводнокӣ, мустақилият ва пешрафти умумии донишомӯзон зина ба зина муайян карда мешавад.Ин дафтарҳои даврагӣ дар ҳар як чоряк иваз карда шаванд ҳам, аммо дафтарҳои корҳои хаттии санҷишии хонандагон то охири соли таҳсил бояд нигоҳ дошта мешаванд. Минбаъд онҳо тибқи нишондоди ҳуҷҷатҳои расмии назди Вазорати таълими халқи Ҷумҳурӣт чандин сол дар архиви мактабҳо маҳфуз дошта мешаванд.

Ҳаминро ҳам бояд гуфт, ки ҳанӯз вақти ташкил кардани чунин намуди дафтарҳо омӯзгорон вазифадор ҳастанд, ки донишомӯзонро барои тозаву озодава саранҷому саришта нигоҳ доштани онҳо новобаста ба чандум синф хондани онҳо вазифаҳои огоҳсозиро ба раҳ монанд. Яъне, дар дафтар ба кашидани хатҳои зиёдатӣ, чӣ дар рӯйи он ва чӣ дар дохилаш боэътибор бояд бошанд. Омӯзгор муддати тӯлонӣ нигоҳ дошта шудани онро ба шогирдон бояд фаҳмонда диҳад.

Бояд қайд кард, ки ҳолати дафтарҳои даврагӣ ва корҳои хаттии хонандагон аз тарафи маъмурияти мактаб, методистони шӯъбаҳои маорифи шаҳрию ноҳиявӣ, вилоятӣ ва Вазорати таълими халқи

кишвар доимо тафтиш ва назорат карда мешавад. Ҳамчунин таъкид карда мешавад, ки дар ҳама ҷо (мактабҳо) рӯи дафтарҳои донишомӯзон ҳатман бо як қолиби муайян пур карда шавад. Аммо солҳои охир натиҷаи таҷрибаҳо ҳаминро нишон медиҳад, ки кор мувофиқи талаби умумӣ нест. Мутаассифона, на дар ҳамаи мактабҳои қаламрави кишвар як хел пур кардани рӯи дафтарҳои хонандагон ба назар мерасад. Далелҳои бисёрро овардан мумкин аст, ки дар як мактаб се-чор нафар муаллими забон ва адабиёт ҳастанду ҳар кадом омӯзгор ба шогирдонашон як тарзи пур кардани рӯи дафтарҳоро тавсия мекунанд. Чунончи (айнан меоварем):

1. Дафтар аз фанни забони модарӣ толибаи синфи 8 “а” мактаби миёнаи № 7-и шаҳри Нурато (насаб ва ном).
2. Дафтар аз фанни забони тоҷикӣ. Хонандаи синфи 8”б”, мактаби миёнаи № 7-и шаҳриНурато (насаб ва ном).
3. Дафтар аз забони модарӣ аз они хонандаи синфи VII “в” мактаби № 30 (насаб ва ном).
4. Дафтар аз фанни забони тоҷикӣ аз они хонандаи синфи 8 “а” мактаби рақами 43 (насаб ва ном).
5. Дафтар аз фанни алгебра. Хонандаи синфи 7 “б” мактаби рақами 21 (насаб ва ном).
6. Дафтар аз фанни забони модарӣ аз хонандаи синфи VI мактаби рақами № 43-и шаҳри Нурато (насаб ва ном).
7. Дафтар аз фанни забони модарӣ. Хонандаи синфи IV мактаби миёнаи рақами 15, шаҳри Тошканд (насаб ва ном).
8. Аз фанни забони модарӣ аз хонандаи синфи 8, мактаби рақами 23, шаҳри Тошканд (насаб ва ном).
9. Дафтар аз фанни забони модарӣ барои иҷрои машқҳо, мактаби миёнаи 43 (насаб ва ном).

Ҳаминро бояд донист, ки чун дар қолиби ариза ва маълумотнома рӯи дафтарҳои донишомӯзон низ доир ба ҳамаи фанҳо ва дар тамоми мактабҳо бояд як хел пур карда шавад. Риоя кардани ин қолиб ҳатмист. Ин масъала дар мактабҳои русӣ кайҳо ба ҳолати стандартӣ даромадааст. Ҳатто дар тамоми мактабҳои тоҷикӣ ҳам дар рӯи дафтарҳои донишомӯзон аз забони русӣ чунин

ифодаҳои ягонаро мехонем: **“Тетрадъ для работ по русскому языку ученици (ка) 7 класса средней школы № 43 города Ташкента (насаб ва ном)”.** Аммо сабаб чӣ бошад, ки дар рӯи дафтарҳои талабагони мактабҳои тоҷикӣ, чунон ки намунаҳои овардашуда гувоҳӣ медиҳанд, ҳатто дар як мактаб ҳам навиштаҳои гуногунро мебинем. Дуруст аст, ки солҳои охир сифати нави дафтарҳо аз ҷониби нашриётҳои гуногун ба забони давлатӣ нашр шуда истодаанд, вале бо вуҷуди он дар корбасти онҳо дар мактабҳои қаламрави кишвар гуногунпуркунӣ ба назар мерасад.

Ин гуна масъалаҳо аз омӯзгорн масъулият талаб мекунад, ки якандешагиро ба назар гирифта, корро ба раҳ монанд. Дар ин масъала бояд методистон дар сари як фикри умумӣ истода тавассути нашрияҳои давлатӣ мақолаҳо дарҷ намоянд, то ки минбаъд муаллимонро ба ташвиш наандозанд. Рости гап дар ин хусус дар ягон нашрияи кишварамон ягон мақола пешниҳод шудааст, ки омӯзгорон дар ягонагӣ ин корро ташкил намоянд. Аз ҳамин ҷост, ки имрӯзҳо ана ҳамин хатойи аз мактабҳо сар зада, ҳатто дар рафти корҳои донишгоҳҳои олӣ низ ба назар мерасад. Маълум аст, донишомӯзони масокини таълимоти олӣ аз воҳаҳои гуногуни як кишвар ҷамъ мешаванд ва ин масаъала ба осонӣ маълум мегардад. Дар ин хусус танҳо ҳаминро тариқи мисол гуфта гузаштанамон мумкин аст. Ин ҷо тариқи овардани мисолҳоро характернок мепиндорем, то боиси расидан ба иззати нафси баъзе омӯзгорони мактабӣ нагардад. Мақсад ба донишомӯзон тарзи дурусти навистани рӯйи дафтарҳо дар ҷараёни корҳои минбаъда мебошад. Мо дар баъзе мактабҳое, ки дар қаламрави ҷумҳуриамон, таълим бо забони тоҷикӣ ба раҳ монда шудааст, ба чунин навистаҳо рӯ ба рӯ мегардем.

1. Дафтари рақами 1 (№ 2) барои корҳои хаттӣ аз фанни забони модарӣ, хонандаи синфи V мактаби миёнаи рақами 30, қ. СангрезаИфтихор Саломов.

2. Дафтар барои корҳои хаттӣ аз фанни забон ва адабиёти тоҷик, хонандаи синфи V мактаби миёнаи рақами 43, қишлоқиТӯйтеппаҶавоҳир Муродов.

Агар ба ин ду нависта бодиққат эътибор диҳем, ду тарзи навистро бевосита мушоҳида менамоем. Чи тавре ки ба шумо вз рӯи 9 намунаи дар боло овардашуда маълум шуд, рӯи дафтарҳои талабагон дар ҳар мактаб бо тарзҳои гуногун, ва аламовараш тибқи нишондоди омӯзгорон ҳархеллапур карда мешаванд, ки ба ин хотима бояд дод. Албатта, дар ин ҷо ин гуна пешомадро айби омӯзгорон донистан хатост, аз сабаби набудани дастури умумӣ ин ҳама хатогиҳо сар мезанад. Аз ҷумла, чунин нуқсонҳоро дар асоси он навиштаҷоти рӯи дафтарҳои талабагон қайд намудан лозим меояд: Якум ин, ки **дафтар аз фанни забони модарӣ не**, балки **дафтар барои фанни забони модарӣ** гуфтан даркор аст. Зеро ҳангоми саволгузорӣ **дафтар аз чӣ?** не балки **дафтар барои чӣ?** мегӯянд. Дуюм, адресро то ба охир бе гузоштани аломати нуқта менависанд. (Аломати нуқтаро дар охири адрес мегузоранд). Ҳамчунин дар ифодаи **хонандаи синфи IV** аз адреси рӯи дафтарҳои хонандагони мактабҳои рақамҳои 30, 43 нопуррагии маъно ҳис карда мешавад. Ифодаи мазкурро дар шакли **аз они хонандаи синфи IV** ба қалам додан хубтар мебуд.

Дар адреси рӯи дафтари хонанда аз мактаби рақами 30 се нуқсони забонӣ ба назар мерасад. Якум, ифодаи **дафтари забони модарӣ** маънои маҷозӣ дорад. Ин ҷо **дафтар барои фанни забони модарӣ** гуфтан мақбултар аст. Нуқсони дуюм дар ибораи **аз хонандаи синфи VI** ба назар мерасад. Дар ин ҳолат аз они хонандаи синфи VI навиштан ба нормаи забони адабӣ мувофиқат мекунад. Нуқсони сеюм дар он аст, ки хонанда калимаи рақамро ду хел (рақам, №) навиштааст.

Ин ҷо ба маврид аст, ки баъзе нуқтаҳоро гуфта гузарем, зеро дар дафтарҳое, ки имрӯзҳо аз тарафи нарияҳои гуногун пешниҳод мегарданд, дар баъзеашон умуман навистаҷот ба назар намерасад. Дар бархеи дигар дигар бошад, гоҳ дафтар нависта шуда баъзе нишонаҳо ба забони давлатӣ гузошта мешаванд. Ба омӯзгоре, ки ба тарзи дуруст пур кардани рӯйи дафтар боэътибор аст, бо нигоҳдошти нависти асли рӯйи дафтар мувофиқан дуруст пур кардани онро нишон додан кори мушкил нест. Ё билкул ба

навистаҳо, ки ба забони тоҷикӣ нест, яъне ӯзбекӣ ё русӣ аст,эътибор надода тарзи дурусти онро пурра ба шогирдон менависонад ва меомӯзонад.

Инчунин гузоштани аломати вергул дар байни ибораи **мактаби миёнаи рақами 15 (,) шаҳри Тошканд** нодуруст аст. Ибораи мазкурро дар шакли кӯтоҳ **(мактаби миёнаи № 15 шаҳри Тошканд) навишта,** ҳангоми талаффуз **мактаби миёнаи рақами 15-и шаҳри Тошканд** хондан даркор аст. Умуман, дар пур кардани рӯйи дафтарҳоаломати вергул гузоштан шарт нест,вале дар охири он гузоштани аломати нуқта ҷоиз мебошад**.**

Дар пойин тарзи навистани онҳоро пешниҳод хоҳем намуд. Қайд кардан ҷоиз аст, ки агар чунин нуқсонҳо, аз як тараф, аз бепарвоию беаҳамиятии омӯзгорони забон ва адабиёт нисбат ба адреси дафтарҳои талабагон рӯй дода бошад, аз тарафи дигар, дар натиҷаи набудани нишондоди ягона доир ба ин масъала сар задааст. Ҳаминро ҳам таъкид кардан лозим аст, ки омӯзгорон низ бояд дар ин масъала андешаҳои худро тавассути рӯзномаҳо пешниҳод намоянд аз манфиат дур нест, яъне дар ташкил кардани навистани рӯйи дафтарҳо ҳамҷиҳати кори хуб аст.

Имрӯзҳо, тарзи навистани рӯйи дафтарҳо дар асоси он пешниҳодот, ки пас аз дар шӯроии методии муаллимони забон ва адабиёти Институти такмили ихтисоси муаллимони шаҳри Душанбе ва Институти тадқиқотии илмии илмҳои педагогии Тоҷикистон (ИТИИП) бинобар маслиҳату дархостҳои муаллимону мутахассисон оид ба тарзи пур кардани рӯи дафтарҳои даврагӣ (корӣ), корҳои хаттии санҷишӣ, дафтари луғат ва қайдҳо аз фанни адабиёт ба инобат гирифта шудааст, амалӣ мегардонем, ки воқеан қобили қабул аст:

1. Ба рӯи дафтарҳои корӣ ё худ даврагии хонандагон аз фанни забони модарӣ:

Дафтар барои фанни
забони модарӣ аз они хо-
нандаи синфи VII мактаби
миёнаи (ҳаштсолаи) № 43

шаҳри Тошканд (насаб ва
ном).

2. Ба рӯи дафтарҳое, ки дар онҳо аз забон ва адабиёт корҳои хаттии санҷишӣ (диктанти санҷишӣ, нақли хаттӣ ва иншо) навишта мешавад:

Дафтар барои корҳои
хаттии санҷишӣ аз фанни
забон ва адабиёт аз они
хонандаи синфи VI макта-
би миёнаи № 43 шаҳри Тош-
канд (насаб ва ном).

2. Ба рӯи дафтарҳои луғат ва баъзе қайдҳо аз фанни адабиёт:

Дафтар барои луғат
ва кайдҳо аз фанни ада-
биёт аз они хонандаи
синфи VIII мактаби миё-
наи № 43 шаҳри Тошканд
(насаб ва ном).

Қобили қабул аст, ки ба чанде аз ин эзоҳот боэътибор бошем:

1.Тавре ки дар боло ишора намудем, дар адреси рӯи дафтарҳои донишомӯзон дар миёни ибораҳои **барои фанни забони модарӣ** ва **аз они хонандаи синфи VII** аломати вергул гузоштан зарурат надорад. Чунки ибораҳои мазкур на аъзои чида мебошанд ва на ягон аъзои истисноӣҳастанд. Онҳо танҳо калимаи **дафтарро** аз ҷиҳатҳои гуногун эзоҳ медиҳанд.

2. Ҳама вақт рақами синфҳоро бо рақамҳои римӣ (синфи I, II, III ва ғайра) ва рақами мактабҳоро дар асоси нумератсияи арабӣ (№ 30, 43, 21) нишон додан даркор аст.

3. Дар адреси рӯи дафтарҳои талабагон пас аз сабти рақами мактаб таркиби, фарз кардем, **шаҳри Тошканд,ноҳияи Нурато ё ин ки деҳаи фалон** навишта мешавад. Нишон додани номи деҳа ва ё маскани истиқомати чандоншарт нест.

4.Ин гуна намунаҳои пешниҳодшударо омӯзгорони дигар фанҳо низ бо баъзе тағйиротҳои ҷузъӣ метавонанд барои пур

кардани рӯи дафтарҳо аз фанни худ ба шогирдонашон тавсия намоянд.

Ба мавқеъ аст, ки чанд сухан аз ваҷҳи тарзи пур кардани рӯи варақаҳои имтиҳонотии хонандагон низ гуфта гузарем. Чунки айнан анаҳамин беэътиноӣ дар пур кардани онҳо ҳам дар солҳои охир пур ба назар расида истодаанд. Гуфтан ҷоиз аст, ки анҷоми ҳар соли таҳсил барои коркунони соҳаи маориҷи халқ хеле пурташвиш мегузарад. Хусусан, масъулияти онҳо, пеш аз ҳама, дар бобати дуруст ташкил кардан ва дар муҳлати таъиншуда гузаронидани имтиҳоноти хаттӣ бештар ҳис карда мешавад. Онҳо дуруст таъкид мекунанд, ки на фақат ҳуҷҷатҳои имтиҳонотӣ, балки рӯи варақаҳои корҳои хаттии имтиҳонотии хонандагон дар ҳамаи мактабҳо бо як қобили муайян пур карда шаванд.

Шахсан камина, ки дар бисёр ноҳияҳои қаламрави Ҷумҳурӣ ҳамчун мутахассиси соҳа фаъолият бурдаам, ҳамин чизро зуд пайхас намудам, ки дар ҳақиқат набудани дастури ягона боиси мушкил гардидани кор шудааст. Ҳатто баъзан дар озмунҳои ноҳиявию вилоятӣ ва ҳатто миқёси Ҷумҳуриявӣ ҳам ин нуқсонро шоҳид гаштаам. Аз ин рӯ ба ҳамин хулоса омадем, ки оиди масъалаи тарзи пур кардани рӯи варақаҳои корҳои хаттии имтиҳонотӣ низ дар мактабҳо усули ягонагӣ дида намешавад. Аз ин рӯ, чунин вазъият моро ба ҳамин хулоса меоварад, ки то ҳамаи муаллимони забон ва адабиёт дар дасти худ тавсияномаи муайяне доир ба тарзи пур кардани рӯи корҳои хаттии имтиҳонотӣ надошта бошанд, ҳеҷ гоҳ дар ҳамаи мактабҳо варақаҳои имтиҳонсупорандаҳо аз рӯи як қолиб пур карда намешавад.

Чунон ки ба мо аз Дастуруламали имтиҳоноти аз синф ба синфгузаронӣ ва тамомкунӣ дар мактабҳои маълумоти умумии республика маълум аст, дар тӯли чанд соли охир хонандагони синфҳои VI аз забони модарӣ (диктанти санҷишӣ), тамомкунандагони синфҳои IX аз забони модарӣ (иншо) ва синфҳои XI аз фанни адабиёт (иншо) имтиҳоноти хаттӣ месупоранд. Мо барои пур кардани рӯи варақаҳои корҳои хаттии имтиҳонотӣ чунин намунаҳоро тавсия мекунем:

а) Ба рӯи варақаҳои имтиҳонотии хонандагони синфи VI:

**Диктанти санҷишӣ аз фанни забони модарӣ барои хатми синфи VI аз они (насаб ва ном).**

б) Ба рӯи варақаҳои имтиҳонотии тамомкунандагони синфи IX:

**Иншо аз фанни забони модарӣ барои хатми синфи IX аз они (насаб ва ном).**

в) Ба рӯи варақаҳои имтиҳонотии тамомкунандагони синфи XI:

**Иншо аз фанни адабиёт барои хатми синфи XI аз они (фамилия ва ном).**

Ба фикри мо ин тарзи нависти рӯйи дафтарҳо ба тарзи умумӣ муфидтар аст. Чи хеле ки аз намунаҳо маълум аст, дар онҳо нишон додани рақами мактаб, номи шаҳр, ноҳия ё деҳа лозим дониста нашуд. Чунки ҳамаи инҳо дар штампи мактаб вуҷуд доранд, ки он дар гӯшаи болоии ҳар як варақаи имтиҳонӣ (аз тарафи чап) пахш карда мешавад.

Азбаски аз рӯи санаи моҳ ва соле, ки бо супориши муаллими имтиҳонгиранда имтиҳонсупорандаҳо дар штамп қайд мекунанд, дар кадом соли таҳсил гузаронидани кори хаттии имтиҳониро баосонӣ муқаррар кардан мумкин аст, дубора ба қалам додани ҳамин маъниро дар рӯи варақаи имтиҳонотӣ чизи зиёдатӣ ҳисобида мешавад.

Инчунин ба ҳамаи омӯзгорон ва донишомӯзон маълум аст, ки дар мактаб синфҳои IX ва XI имтиҳони тамомкунӣ ва дар синфҳои VI, VII, VШ, X имтиҳони азсинфбасинфгузаронӣ месупоранд. Аз ин рӯ, ин ҷиҳати масъаларо ба инобат гирифта, ба ҷои ифодаҳои дарози **дар имтиҳони тамомкунӣ** ва **азсинфбасинфгузаронӣ** таркиби осоннависӣ барои хатми синфи VI (IX ё XI)-ро дар намунаҳои тавсияшуда ҷой додем. Илова бар ҳамаи ин, намудҳои

боло ҳаҷман хурд буда, бе гузориши вергулҳои зиёдати ба қалам дода шудаанд.

Эзоҳот: 1. Агар дар мактаб синфҳои параллелӣ бошанд, ба рӯи дафтарҳо ва варақаҳои имтиҳонотӣ баъд аз нумератсияи синф дар нохунак ҳарфҳои хурди алифбо (синфи VI “а” ё “б”) навишта шавад.

2.Муаллимони фанни математика низ дар рӯи варақаҳои корҳои хаттии имтиҳонии хонандагон тавсияҳои болоро бо каме дигаргунӣ истифода бурда метавонанд. Яъне ба онҳо лозим аст, ки дар аввал ба ҷон таркиби, фарз кардем, **диктанти санҷишӣ** танҳо ибораи **кори контролӣ аз фанни математика**-ро илова намоянд.

Ба ҷиҳати хулоса, ҳамин чизро гуфтан зарур аст, ки ин ягонагӣ дар пур кардани рӯйи дафтарҳо барои омӯзгорон ва донишомӯзон аҳамияти калони илмӣ дорад. Чунки дар байни мактабҳое, ки дар деҳоту ноҳияҳои гуногун истиқомат мекунанд, тарзи ягонагиро ба вуҷуд меоварад ва ба ин васила умумияти эстетикиро таъмин мекунад. Бисёр шудааст, ки баъзе шогирдон дар варақаҳои имтиҳонотӣ навиштаҷоти адресро аз гӯшаи болои варақ ва баъзеи дигар бошанд, аз миёнаҷойи он менависанд. Ҳамин ҳол, дар навистани корҳои хатти синфҳои гуногуни мактабҳо низ ба назар мерасанд...

## III.VI. Методикаи ташаккули фаъолияти роҳбари синф дар ҷараёни корҳои тарбиявии мактаб

Самараи истиқлолияти кишвари Ӯзбекистон аст, ки солҳои охир ба соҳаи таълим ғамхориҳои бениҳоят зиёд шуда истодаанд. Ин аз як ҷониб бевосита ба инкишофи умумии кишварамон нигаронда шуда бошад, аз ҷониби дигар барои рушду такомули соҳаҳои гуногуни пешрафт мусоидат мекунанд. Аз ҳамин нуқтаи назар дигаргуниҳое, ки дар соҳаи таълим баррасӣ мегарданд, бешубҳа барои тарбияи шахс ва камолоти инсон нигаронда шудаанд. Аммо дар маҳаки тарбияи инсони комил заҳмати омӯзгорон мавқеи аввалро ишғол менамояд. Аз ин ҷост, ки

муаллимӣ касби масъулиятноку бошараф, аммо хеле вазнину мураккаб мебошад. Маҳз муаллим метавонад, заминаҳои тарбияи шахси комилро гузорад. Ба гуфтаи педагоги барҷастаи рус С А. Ушинский "кӯдак оинаест, дар ғояти хирагӣ ва фақат муаллим метавонад бо заҳмати зиёду бардавом ин оинаи басо нозукро сайқал бидиҳад". Аз ин рӯ барои муаллими обрӯманд ва беҳтарин шудан фақат касби педагогиро пеш гирифтан кифоя нест, чунки дар назарияи педагогӣ дар хусуси таълим ва тарбияи бачагон қоидаву қонунҳои умумӣ, ғояҳои усули умумишуда баён мешаванд.

Ҳатман, дар ин замина ба эътибор гирифтани хусусияти синну сол, дараҷаи камолот, вазъи саломатӣ, шароиту муҳит ва фардии хонандагон ҳам зарур аст. Ҳаёти мактаб, ки поягузори шахсият аст, ҷараёни амалии педагогӣ басо гуногун аст. Ҳаминро ҳам бояд гуфт,ки вазъиятҳое дучор меоянд, онҳо ба назарияи педагогӣ мувофиқ нестанд. Ин аз муаллим дониши васеъ, малакаи мустаҳкам, тайёрии пухтаи амалӣ, маҳорати баланди педагогӣ, сабру тоқати азим ва эҷодкории томро талаб мекунад.

Албатта, доир ба заҳмати вазнину пурташвиши муаллим ҳар қадар арҷгузорӣ намоем, кам аст, зеро ин касби бошараф маҳаки пешбарандаи ҷомеа намудор мегардад. Дар айни ҳол як анъанаи умумӣ вуҷуд дорад, ки ин қариб дар аксар мактабҳо ба назар мерасад. Яъне, дар вақти пеш бурдани фаъолиятҳои кори мактабӣ аз байни омӯзгорон нафарони масъулиятнок ва соҳибтаҷрибаро интихоб намуда, онҳоро ҳамчун роҳбари синф муаррифӣ менамоянд. Аз ҳамин нуқтаи назар, чанд сухан дар бораи вазифаҳои раҳбари синф, эҳсоси масъулият ва машғулиятҳои амалии онгуфта мегузарем.

Ба гумони мо роҳбари синф, ки дар мактабҳои таълими умумии Ўзбекистони соҳибистиқлол кор мекунад, бояд:

а) дар ҷараёни фаъолияти педагоги худ хеле масъулиятшинос, қобилиятнок, эҷодкор ва ҳам тадбиркор бошад;

б) шахси арҷгузор ба арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, худогоҳ ва воқиф азилмҳои дунявӣ вадинӣ, инчунин маънан баркамол бошад;

в) фарди донандаи донишҳои марбути ихтисос, соҳиби малака ва маҳорати хуби педагогӣ, психологӣ ва илмҳои назариявӣ бошад;

г) пеш аз ҳама бачагонро ҳамчун волидонашон дӯст дошта, ба инкишофу ривоҷёбӣ ва одами хуб шудани ҳар як хонанда аз тахти дил бовар кунад, инчунин барои дар ҷомеа ҳамчун шахс ривоҷ ёфтани онҳомусоидат намояд;

ғ) шахсибодиққат, рамузфаҳм, серталаб, кучқоб ва адолатпеша ва ниҳоятан хеле самимиву муаддаббошад.

д) дар мактаб иззатманд ва дар байни мардум соҳиби эътибор бошад.

Ҳамин тавр, яке аз аломатҳое, ки ахлоқи шахсро муайян месозад, масъулият ба шумор меравад. Вақте сухан дар бораи роҳбари синф равад, пеш аз ҳама бояд пеши назари хонанда ва шахс бояд фарди худогоҳ ва масъулиятшиносии муаллим намудор гардад. Маҳз ана ҳамин чиз барои пешбурди фаъолияти робари синфӣ хуб мусоидат мекунад. Масъулияти роҳбари синф, дар ҳолате, ки мазмуни мафҳуми масъулиятро батамом нигоҳ медорад, фаъолият ва вазифаҳои аниқи ҷараёни таълим ва тарбияро низ фаро мегирад. Аз ин рӯ роҳбари синф вазифаҳои зеринро дар ӯҳда бояд гирифта тавонад:

а) вай ҳатман бояд ба хонанда маълумоти амиқи назарӣ диҳад, ӯро ба ҳаёт ва меҳнат тайёр намояд. Дар баробари ин, лозим аст, ки хоҳиш ва қобилияти бачаро ҳис намуда, бо муносибати фардӣ сифатҳои хубу мусбати ахлоқии вайро эҳтиёткорона такмил диҳад;

б)агар зарурат пайдо шавад, дар синф ба сифати вакили ҷомеа бо коллективи хонандагон ба танҳоӣ кор мебарад. Дар ин шароит масъулияти муаллимӣ хулқи ӯро ба тартиб медарорад, қувваи раҳнамоӣ, мезони асосии дараҷаи таъсирбахшии вай ба хонандагон ҳисоб меёбад;

в) дар байни хонандагон ҳатман салобат ва обрӯ тавассути ҳаракатҳои муаддаби худ пайдо мекунад. Омӯзгор ҳар қадар зиёд обрӯ пайдо намояд, таълим ва тарбия моҳиятан ба ҳамон андоза бомуваффақият сурат мегирад;

г) ҳар рӯз бо хонандагон вомехӯрад, бо онҳо саволу ҷавоб карда, корҳои хубашонро мебинад, донишашонро арзёбӣ мекунад, агар рафтори ношоиста содир намоянд, танбеҳ медиҳад. Дар фикру мулоҳизаҳои роҳбари синф аломатҳои нисбӣ, субъективӣ мавҷуд буда метавонад. Мумкин аст, ки ба ҳамаи хонандагон ягона муносибати дуруст карда намешавад. Лекин ҳама бояд боварии комил дошта бошанд, ки вай нисбат ба ҷамоаи хонандагон нияти пок ва холисона дошта, барои некирасонӣ ҳаракат менамояд ва шахси адолатхоҳ аст.

ғ) ҳатман алоқаи мустаҳкам варобитаи доимиро бо волидон ва ё шахсони масъулини онҳо таъмин менамояд.

Ин ҷо бамаврид аст, ки дар ин самт ба чанд нуқта бояд роҳбари синф боэътибор бошад, гуфта гузарем. Азбаски волидони хонандагон ба табақаҳои гуногуни ҷамъиятӣ мансуб буда метавонанд, бинобар ин алоқаи доимӣ ва холисонаи вай метавонад, ба минбаъд дар чӣ замина ташаккул ёфтани шахсияти бачагон кӯмак намояд. Яъне, матлаб ин аст, ки роҳбари синф бо ба инобат гирифтани вазъи иҷтимоии шогирдони худ муносибат ва муомилаи дурустро ба раҳ гузорад.

Фаъолияти педагогии роҳбари синф моҳиятан хосияти эҷодкорӣ дорад. Маълум аст, ки фақат ҳангоми қарор гирифтани муаммое дар назди инсон барои эҷодкорӣ эҳтиёҷ пайдо мешавад. Аз ҳамин нуқтаи назар вақте ки дар рафти кор бо шогирдон баъзан масоиле рӯйи кор меоянд ва муаллимро водор месозанд, ки муносибати худро дар ин бора баён намояд. Агар роҳбари синф худро эҷодкор ва озод ҳис карда натавонад, дар ҳалли баъзе масъалаҳои мубҳам мулзам мемонад. Фаъолияти роҳбари синф дорои чунин хосият аст. Моҳияти асосии эҷодкории педагогӣ бо мақсад ва хосияти фаъолияти роҳбари синф вобаста мебошад. Фаъолияти роҳбари синф ҷараёни ҳалли чандин масъалаҳои педагогие, ки тобеи мақсади умумист, аз қабили ташаккули шахсияти инсон, ҷаҳонбинӣ, эътиқод, шуур, хулқу атвори вай мебошад. Фаъолияти эҷодкории роҳбари синф дар пайдо кардани усулҳо ва ёфта тавонистани роҳҳои ҳалли масъалаҳо ифода меёбад.

Дуруст аст, манбаи эҷодкории роҳбари синф дар асоси таҷрибаи педагогӣ такмил меёбад. Яъне, омӯзгоре,ки соҳиби таҷрибаи зиёди педагогӣ мебошад, дар ин самт бисёр вақт дастёб мегардад. Дар ҳамин самт таҷрибаи педагогӣ бошад аз вазъиятҳои муаммоӣ саршор аст. Тахти мафҳуми таҷрибаи пешқадами педагогӣ муносибати эҷодкоронаи роҳбари синф нисбат ба вазифаи худ, бо роҳи ҷустуҷӯӣ дарёфту истифода намудани роҳу воситаҳои нав ва самарабахш дар таълиму тарбияи хонандагон фаҳмида мешавад.

Таҷрибаи педагогии пешқадам ҳам он шакл, усул, услуб ва воситаҳои кориест, ки муаллим дар кори таълиму тарбия ба кор мебарад. Тавассути онҳо дар кори таълиму тарбия ба натиҷаҳои баланд ноил мегардад. Аз ин ҷост, ки педагоги русН. А. Добролюбов гуфта буд, ки муаллим то он даме зиндааст, меомӯзад ва чу аз омӯзиш боз монд, симои муаллимии худро гум мекунад.

Дар амал татбиқ намудан ва омӯхтани таҷрибаҳои пешқадами педагогӣ, ҳалли ҳодиса ва қонуниятҳои нави педагогӣ ва дар асоси онҳо ба ҷараёни таълим тағйироти сифатан нав дохил намуда, барои раҳнамоӣ кардан ба фаъолияти азхудкунии хонандагон талаби тозаи ҷараёни таълим сабаб мешавад. Ва худи ҳамин тавр ин навҷӯӣ ва кунҷкобии раҳбари синф ба шогирдонаш низ бетаъсир намемонад. Барои дар оянда шахси зираку закӣ ва бoодобу боахлоқ шудани онҳо замина мегузорад.

Роҳбари синф эҷодкорона фаъолият нишон диҳад, на фақат батаълиму тарбияи муваффақиятноки бачагон, омӯхтани таҷрибаҳои муаллимони пешқадам, балки ба бурдани кори тадқиқотӣ низ комёб мешавад. Дар ҳақиқат, ба омӯзгориояндабин ва заҳматталаб муносибати индувидуалӣ бо шогирдон роҳҳои нави тадқиқотиро кушода метавонад. Аз табиати ҳарранга ва гоҳо хеле ҳам дури шогирдон хулосаҳои гуногун рӯйи кор меоянд. Ин бошад, барои дар болои худ аз нав кор бурдани роҳбари синф асос меофарад. Ҳар як роҳбари синф барои он ки бомуваффақият кор кунад, бояд маҳорати педагогиро донад. Соҳиби маҳорати педагогӣ бо андак меҳнат натиҷаҳои зиёд ба даст медарорад. Эҷодкорӣ ҳам

сафари доимии вай хоҳад буд. Дар кори педагогӣ танҳо он кас маҳорати педагогиро аз бар менамояд, ки соҳиби қобилият ва истеъдод бошад.

Ҳаминро ҳам бояд гуфт, дарки эътиқод, одоб, хислати инсондӯстӣ сифатҳои асосии роҳбари синф ба шумор меравад. Лозим аст, ки роҳбари синф дорои фазилатҳои умумиинсонӣ бошад. Пеш аз ҳама роҳбари синф ин вазифаи ба ӯҳда гирифтаашро ҳамчун як ғамхории ҷавобгаридор бояд қабул намояд.

Эҳсосоти дӯстдорӣ ва муҳаббат ба бачагон муҳимтарин фазилати роҳбари синф буда, меҳру муҳаббатест, ки серталабӣ ва қатъият бо адолатпешагӣ дар он омезиш ёфтааст. Шахсе ки дорои ин хусусиятҳост, вақт ва нерӯи зиёди худро сарфи бачагон хоҳад кард. Вай тайёр аст зарурат, ҳавас ва хоҳиши худро қурбон намуда, барои манфиати бачагон эҳтиёҷи худро маҳдуд созад. Ҳамчунин, дарки фаъолияти иҷтимоӣ ва вазифаи инсондӯстӣ ҳам сифати хоси роҳбари синф аст, чунки педагоги хақиқӣ ба маънои том, ҷамоатчӣ ҳисоб ёфта, ба бачагон дар амал ҳолати фаъолиятмандии иҷтимоиро нишон медиҳад.

Фазилати роҳбари синф - бо одамон зуд забон ёфтан, ба мағзи ҷомеа даромада тавонистан, дӯст ва дилёб буданро, ки ифодаи маданияти баланди муомила ба шумор мераванд, талаб мекунад. Зеро лозим меояд, ки роҳбари синф ҳамеша бо одамон дар робита бошад ва бо онҳо кор кунад. Муваффақияти кори муаллимро дар фаъолияти ҳаррӯза қобилияти алоқа карда тавонистан бо калонсолон ва бачагон, бо гурӯҳҳо ва шахсони алоҳида таъмин менамояд.

Роҳбари синф он вақт нисбат ба хонандагон меҳрубон ва босаховат шуда метавонад, ки дорои одоб ва маданияти баланд бошад. Ин гуна омӯзгорро ҳама ҳурмат мекунанд. Барои ин дилкушо, босубот, ботамкин ва пурбардор будани вай зарур аст. Лозим аст, ки ӯ дар ҳама шароит худро нигоҳ дошта тавонад. Роҳбари синф дар баробари серталабӣ нисбат ба бачагон ба шахси худ,бояд аз дидгоҳи танқид назар карда тавонад, чунки пеш аз гуфтани сухане фикр бояд кард, сухан аз андеша карда гуфтан

пуртаъсиру судмандтар мегардад. “Аз андеша бомағз гардад сухан” - гуфтаанд бузургон.

Одоби роҳбари синф хусусияти касбию ахлоқиест, ки категорияҳои ахлоқ, қоида ва меъёрҳои умумибашариро бо хусусиятҳои хоси таълиму тарбия мувофиқ месозад ва дар муносибати педагог бо хонандагон, ҷомеаи муаллимон, падару модарон ва вакилони аҳли ҷамъият намоён мешавад.

Роҳбари синф ҳатман ба принсипи мактаб, оила ва ҷомеа риоя карда кори худро пеш мебарад. Агар ҳамин принсип амалӣ нагардад, ҳам кори коллективи синф ва ҳам фаъолияти роҳбарии синф самараи хуб намебахшад.

# ХУЛОСА

Дер боз мақсад карда будем, ки доир ба омӯхтан ва аз худ кардани тарзи таълим ва таҳлили қавоидҳои фанни забон, инчунин ба омӯзиши роҳ ва усулҳои мавзӯъ ва мундариҷаи фанни адабиёт баъзе гуфтаниҳои худро иброз дорем. Доир ба метод ва усул, шакл ва сохти дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик чи дар мактабҳои миёна ва чи дар таълимоти муассисоти олӣ тавсияҳои худро баён намоем. Он навиштаҳое, ки дар ин монография ҷамъбаст карда шудаанд, аксарияташон ба воситаи рӯзномаҳои “Овози тоҷик” ва “Ховар” аллакай нашр шуда ба дасти хонандаи худ расидаанд. Бо вуҷуди он, баъзе мавзӯъҳое ҷой доранд, ки ҳанӯз рӯйи чопро надида буданд. Ба ин хотир тасмим гирифтем, ки онро ба таври алоҳида нашр намоем.

Баъзе аз метод ва усулҳое, ки барои муаллимони макотибҳои миёна тавсия карда шуданд, самараи таҷрибаи корӣ мебошанд. Онҳо дар давоми гузаштани дарсҳои забон ва адабиёт аз санҷишҳо гузаштаанд. Ҳаминро низ бояд гуфт, ки натиҷаи хуб ҳам бахшидаанд.

Дар айёми кунунӣ, ки даврони Истиқлолияти кишварамон аст, ҳама шоҳид ҳастем, ки ба кулли соҳоти мухталиф бо назари нав рӯй оварда шуда истодаем. Ба вижа, ислоҳотҳои гуногуни соҳаи таълим хеле назаррас мебошанд. Сохт ва шакл, метод ва усулҳои нав ба нав ҷорӣ гардида истодаанд. Гузашта аз ин маҳз ба туфайли ғамхории давлатамон дастур ва нақшаҳои омӯзишӣ, китобҳои дарсию маҷмӯаҳои илмӣ пай дар пай бо мавзӯъ ва мундариҷаҳои нав нашр шуда истодаанд. Ҳамаи бурду бохт ва хубию бадии он азони мост.

Зарур аст, ки аз чунин имконоти фароҳам оварда шуда самаранок истифода карда, барои насли наврас дониши фароху асоснок, заруриву корояндa дода, роҳи фардои онҳоро бо нури маърифат дурахшоннамоем. Аз ҳамин нуқтаи назар умедворем, ки тавсияҳои методие, ки дар ин маҷмӯа гирд оварда шудаанд, ба омӯзгорони ҷавони мактабҳои миёна кор меояд.

# АДАБИЁТҲОИ ИСТИФОДАШУДА

## I. Адабиёти сиёсӣ

1. Мирзиёев Ш. М. Эркин ва фаровон демократик Ўбекистон давлатини биргаликда барпо этамиз. – Тошкент, O’zbekiston 2016.

2. Мирзиёев Ш. М. Буюк келажагимизни мард ва олижаноб халқимиз билан бирга қурамиз. – Тошкент, O’zbekiston 2017.

3. Мирзиёев Ш. М. Адабиёт ва санъат, маданиятни ривожлантириш – халқимиз маънавий оламини юксалтиришнинг мустаҳкам пойдеворидир. Президент Ш. Мирзиёевнинг Ӯзбекистони ижодкор зиёлилари вакиллари билан учрашувдаги маърӯзаси // Халқ сӯзи. – 2017 йил 4 август.

4. Халқ таълими тизимини ислоҳ қилиш бӯйича қӯшимча чора – тадбирлар тӯғрисида Ӯзбекистон Республикаси Президенти фармони Ф-22-сон, 3.02.2022

5. 2022-2026 йилларда халқ таълимини ривожлантириш бӯйича миллий дастурни тасдиқлаш тӯғрисидагиӮзбекистон Республикаси Президенти фармони. 11.05.2022

## II. Адабиётҳои илмӣ

1. Воҳидов А, А. Шарофиддинова, “Забони тоҷикӣ”, синфи 7, Тошканд, “Шарқ”, 2017.

2. Гулрухсор. Шинохти рубоиёти Умари Хайём. – Душанбе, 2000.

3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1986.

4. Жуковский В. Омар Хайям и “странствуюшия” четверостишия. /В.Жуковский //Сборник статьей учеников профессора барона В. Р. Розена ко дню двадцатипятилетия его рервой лекции.-Санкт Петербург.-1897.

5. Истамова М. Адашуллаева Г. Методикаи таълими забони тоҷикӣ. (Дар асоси технологияи нави таълим). – Самарқанд, 2015.

6. Истамова М. Методикаи таълими забони тоҷикӣ. Қисми 1 – Самарқанд: Донишгоҳи давлатии Самарқанд, 2003. – С.156;

7. Истамова М. Методикаи таълими забони тоҷикӣ. Қисми 2 (Синтаксис). – Самарқанд. 2010;

8. Кабиров М, Исомиддинов Ф, Зоҳидов А, “Забони тоҷикӣ” нашриёти “Ӯзбекистон” Тошканд – 2019;

9. Кабиров М, Чориев Т, Ҳамидов Х, “Забони тоҷикӣ” синфи 10, Тошканд - 2017.

10. Кабиров М.Т, Мухиддинов, “Талаботи технологияи педагогӣ – тақозои давру замон”, Ангрен – 2007;

11. Кабиров М, Ҷ. Эшонқулов, З. Тоҳириён, М. Давронова, “Забони тоҷикӣ с.6. Тошканд, 2017. сартаҳририяти ширкати саҳҳомии табъу нашри “Шарқ”.

12. Кабиров М, “Субҳи вафо”, - Тошканд: “Ӯзбекистон файласуфлари миллий жамияти нашриёти”, 2019.

13. Қамарзода А, Эшонқулов Ж, Қамарова У, “Адабиёт”, синфи 8. – Тошканд, “Ӯзбекистон”, с.2019

14. Қучқоров Ҳ. Мавқеи Ҷавдат дар ҳаёти адабии Самарқанд. ALMA MATER. – Samarqand: SamDCHTI nashri. 2020. 62-65 b.

15. Қучқоров Ҳ. Жавдат ўз даври ислоҳотларининг тарғиботчиси. ИНТЕРНАУКА. Научный журнал. № 12(141), Часть 3. – Москва. 2020. стр. 79-80.

16. Қучқоров Ҳ. Жавдат ва унинг Самарқанд адабий ҳаётида тутган ўрни. Интернаука. Научный журнал. № 13(142), Часть 2. – Москва. 2020. стр. 89-90.

17. Қучқоров Ҳ. Жавдат ижодида панд-ахлоқ мавзуси ва унинг ёш авлод тарбиясидаги ўрни. SCIENCE AND EDUCATION. Scientific journal. Volume 1, Issue 2.- Qo‘qon. 2020. pp. 606-612.

18. Қучқоров Ҳ. Таълим-тарбия жараёнида миллий қадриятларнинг ўрни.SCIENCE AND EDUCATION. Scientific journal. Volume 1, Special issue 3. - Qo‘qon. November 2020. pp. 158-164.

19. Мирзозода Х, “Таърихи адабиёти тоҷик”(Аз давраи қадим то асри XIII). Китоби 1. - Душанбе: Маориф, 1987.

20. Мақсудов Т. Зикриёев Ф. Ҷалилов Ҳ, “Дар бораи воҳидҳои фразеологӣ ва вазифаҳои синтаксисии онҳо”, Душанбе – 1976;

21. Умар Хайём, “Рубоиёт”, нашриёти “Turon zamin ziyo” Тошканд – 2017.

22. Рубоиёти Умари Хайём, таҳияи Усмон Назир, - Душанбе, 2000.

23. Рустамов Ш, “Забони адабии ҳозираи тоҷик”, Нашриёти “Маориф”, Душанбе – 1982;

24. Рустамов Ш, “Забони адабии ҳозираи тоҷик (қисми 2)”, Нашриёти “Маориф”, Душанбе – 1984;

25. Саъдиев. С, Самадов А. “Адабиёт”, синфи 6. – Тошканд, “Сартаҳририяти ширкати саҳҳомии табъу нашри “Шарқ”, с.2017

26. Тоҷиев Д.Т, “Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар замони адабии ҳозираи тоҷик”, нашриёти “Дониш, Душанбе -1981.

27. ”Фарҳанги забони тоҷикӣ”, (ҷилдҳои 1,2) - Москва,1969.

28. Файзуллоева, Ҷ.Эшонқулов, М.Кабиров “Адабиёт”, синфи 7. – Тошканд, “Ӯзбекистон”, с.2017.

29. Хаскашев Т. Н. “Фонетикаи забони адабии тоҷик”, нашриёти “Маориф”, Душанбе – 1989;

30. Холикова Н. Ўзбек мумтоз адабиётида хотин-қизлар образининг бадиий тадрижи (Ширин образи мисолида). Academic Research in Educational Science, 2020. Volume 1, Issue 3, - Pp. 514-519.

31. Холикова Н. Олам аҳли билингизким, иш эмас душманлиғ. Academic research in educational sciences, Volume 2, Issue 2, 2021. – Pp. 624-631.

32. Холикова Н. Cho'lpon lirikasida mazlum xalq tasviri. Academic Research In Educational Sciences, Volume 2, Issue 2, 2021. – Pp.10-14.

33. Холикова Н. Адабиёт дарсида “Ўткан кунлар” ва хотин-қизлар образи талқини” мавзусини ўтишда кластер усулидан фойдаланиш.Pedagogical Education Cluster: Problems and Solutions // International Conference. Uzbekistan, Chirchik, 2021. Pp. 341-345.

34. Холикова Н. Мерос илмлар маърифат манбаи (Учинчи Ренессанс ҳақида ўйлар). Scientific progress, Volume 1, Issue 1, 2020. - Pp. 120-126.

35. Хӯжақулов С, Техналогияи нави таълим ва методикаи таълими адабиёти тоҷик, Самарқанд, СамДУ, 2007.

36. Хоҷаев И. Методикаи мухтасари забони тоҷикӣ. Душанбе, 1995.

37. Хӯжақулов С, Техналогияи нави таълим ва методикаи таълими адабиёти тоҷик, Самарқанд, СамДУ, 2007.

38. Ҳамроев Ж, "Адабиёт" синфи 9 - Тошканд, "Ӯзбекистон", с.2019

39. Ҳоҷиев С. Методикаи таълими забони тоҷикӣ, Хӯҷанд, 2009.

40. Шербоев С, Таълими баъзе масъалаҳои синтаксисии забони тоҷикӣ,- Душанбе, "Маориф" 1992.

41. Шукуров Муҳаммадҷон, "Ҳар сухан ҷоеву ҳар нуқта мақоме дорад", нашриёти "Ирфон", Душанбе 1968;

42. Чориев Т, Ю.Азимов, Ҷ.Эшонқулов, "Забони тоҷикӣ", синфи 8. Тошканд, "Чӯлпон", 2019.

43. Чориев Таваккал, Забони модарӣ, с.5, -Тошканд,"Ӯзбекистон", 2015.

44. Чориев Т, Забони модарӣ, с.4, - Тошканд., "Ӯзбекистон" 2020.

45. Kh. Kuchkorov. Abdurahmoni Jomi's pedagogical ideas on science, teaching, friendship and people's friendship. ЭКОНОМИКА И СОЦИУМ. Выпуск №4(83) (апрель, 2021) часть 1. 174-177 б.

46. Kh.Kuchkorov. The Position Of The Band In Persian-Tajik Poetry. International journal of academic multidisciplinary research. Issn: 2643-9670 vol. 5, issue 4, april - 2021, pp. 259-260.

## III. Мақолаҳои илмӣ

1. Ҳикматов, Ҳ. С. (2021). ТАФСИРИ МУХТАСАР МЕБОЯД. Academic Research in Educational Sciences, 2(10), 1008-1013. https://doi.org/10.24412/2181-1385-2021-10-1008-1013. Vol. 2, No. 10, 2021 (http://ares.uz/jurnallar-sahifasi/ares-vol-2-no-10-2021)

2. Ҳикматов, Ҳ. С. (2021). МУЛОҲИЗАҲО ПЕРОМУНИ ТАРЗИ ТАЪЛИМИ ИБОРА. Academic Research in Educational

Sciences, 2(12), 307-314. (http://ares.uz/storage/app/media/2021/Vol_2_No_12/307-314.pdf)Vol. 2, No. 12, 2021

3. Ҳикматов, Ҳ. С. (2021). МУЛОҲИЗАЕ ЧАНД БА НОМИ ЯК ДЕҲАИ НУРАТО. Academic Research in Educational Sciences, 2(11), 1466-1470. doi:10.24412/2181-1385-2021-11-1466-1470 Vol. 2, No. 11, 2021 (http://ares.uz/jurnallar-sahifasi/ares-vol-2-no-11-202)

4. Ҳикматов Ҳикмат Султонович,(2021). ТАВСИЯҲО ДОИР БА ТАРЗИ ТАЪЛИМИ МАВЗӮИ "ҲАЁТ ВАФАЪОЛИЯТИ АБӮАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ" ДАР СИНФИ 7. Involta Innovatsion Scientific Journal Vol. 1, ISSUE 1, 2021. December (https://involta.uz/axborot.html)

5. Ҳикматов Ҳикмат Султонович (2022). НАВИШТАНИ ДИКТАНТИ САНҶИШӢ ДАРСИНФИ IX.**Involta Innovatsion Scientific Journal**Vol. 1, ISSUE 2, 2022. January(https://www.involta.uz/index.html)

6. Ҳикматов Ҳикмат Султонович (2022). ТАРЗИ ТАЪЛИМИ МАВЗӮИ "ШАРҲИ ҲОЛ ВА МЕРОСИ АДАБИИ ВОСИФӢ" ДАР СИНФИ 8. Academic Research in Educational Sciences VOLUME 3 | ISSUE 1 | 2022 ISSN: 2181-1385 Scientific Journal Impact Factor (SJIF): 5.723 Directory Indexing of International Research Journals-CiteFactor: 0.89 DOI: 10.24412/2181-1385-2022-1-554-560

7. Ҳикматов, Ҳ. С. (2021). ТАРЗИ ТАЪЛИМИ ИБОРАҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР СИНФИ 6. Academic Research in Educational Sciences, 2(12), 492-496. https://doi.org/10.24412/2181-1385-2021-12-492-496 Vol. 2, No. 12, 2021 (http://ares.uz/jurnallar-sahifasi/ares-vol-2-no-12-2021)

8. Ҳикматов Ҳикмат Султонович (2022). ТАВСИЯҲО ДОИР БА НАВИСТАНИ ДИКТАНТИ САНҶИШӢ. Международний журнал. **"Экономика и социум" №3(94)-1 2022. Стр. 47-52.** www.iupr.ru

9. Ҳикматов Ҳикмат Султонович (2022). АДАБИЁТ ДАРСЛАРИНИ ЎҚИТИШ ЖАРАЁНЛАРИГА ЯНГИ МЕТОДИК ТАВСИЯ. **Academic Research in Educational Sciences 2022.**

10. Ҳикматов Ҳикмат Султонович (2022).SOME COMMENTS ON THE METHODOLOGY OF TEACHING THE TAJIK LANGUAGE IN PRIMARY SCHOOL.“Методикаи омӯзиши фани Забони тоҷикӣ дар синфҳои ибтидоӣ”; **ACADEMICIA: An International Multidisciplinary Research Journal**

11. Ҳикматов Ҳикмат Султонович (2022). “Бобурнинг форс-тожик тилидаги ижодига нуқтайи назарлар”. “RESEARCH AND EDUCATION” Scientific Research Center. “New research on the works of Alisher Navoi and Zahiruddin Muhammad Babur”. TASHKENT, UZBEKISTAN 2022/ 3 FEBRUARY 25. www.researchedu.uz

12. Ҳикматов Ҳикмат Султонович (2022). “Adabiyot darsida yangi – “Xamsa”metodidan foydalanish usullari”. Til va adabiyot ta’limi jurnali 25.06.2022.

## IV. Сайтҳои интернетӣ


1. “Адабиёт”. www. tg/vikipedia.org/viki
2. literatura.tarena.tj.
3. Бузургони тоҷик.http://www.afkor/tj.
4. https://ketabnak.com/book/83023/.
5. http://infopage.tj/tj1/770-move-va-nashi-maorifparvaroni-toik-dar-peshrafti-farang.html
6. www.univer.tj
7. www.donishju.tj
8. www.ZiyoNET.uz
9. www.kmt.tj
10. www.ravshanfikr.tj
11. www.misol.tj
12. www.ansor.info
13. www.library.ru – научная электронная библиотека
14. https://tg.wikipedia.org/wiki/
15. http://library.ziyonet.uz/

## МУНДАРИҶА

Пешгуфтор ........................................................................3

**БОБИ I. ТАВСИЯҲО ОИД БА ОМӮЗИШИ ФАННИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ**

I.I. Тавсия ба омӯзгорон доир ба таҳлили дарси яксоата..............6
I.II. Мулоҳизаҳо перомуни тарзи таълими ибора ..........................13
I.III. Тарзи таълими ибораҳои фразеологӣ дар синфи VI .............19
I.IV. Тавсияҳо доир ба навистани диктанти санҷишӣ дар синфи IX.........................................................23
I.V. Таълими мубтадо дар синфи VII ............................................29
I.VI. Тарзи таълими аломатҳои шартии ҷумлаҳои пайрав ............40
I.VII. Тарзи таълиму таҳлили сарҷумла ва ҷумлаи пайрав дар синфи IX..........................................................44

**БОБИ II. ТАВСИЯҲО ОИД БА ОМӮЗИШИ ФАННИ АДАБИЁТ**

II.I. Тавсияҳо доир ба тарзи таълими мавзӯи "Ҳаёт ва фаъолияти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ" дар синфи VII ........................51
II.II. Тавсияи нави методикӣ оид ба таълими дарси адабиёт ........56
II.III. Тарзи таълими мавзӯи "Шарҳи ҳол ва мероси адабии Восифӣ" дар синфи VIII ......................................................62

**БОБИ III.ТАРЗҲОИ ХОНДАНИ ОСОРИ БАДЕӢ**

III.I.Мулоҳизаҳо доир ба таълими хониши ифоданок ...................69
III.II.Хондани осори манзум .........................................................75
III.III. Хондани осори мансур .........................................................80
III.IV. Тафсири мухтасар мебояд.....................................................86
III.V. Тарзи пур кардани рӯи дафтарҳо ва варақаҳои корҳои хаттии имтиҳоноти донишомӯзон......................................92
III.VI. Методикаи ташаккули фаъолияти роҳбари синф дар ҷараёни корҳои тарбиявии мактаб...........................................100
Хулоса.............................................................................................107
Адабиётҳои истифодашуда ...........................................................108

**ҲИКМАТОВ ҲИКМАТ**

# ТАВСИЯҲО ДОИР БА ТАРЗҲОИ ТАЪЛИМ ВА ТАҲЛИЛИ ДАРСҲОИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТ

***(Монография)***

Муҳаррир: **Д.Улуғмуродов**
Дизайнер: **Б.Ҳайдаров**

ТАСДИҚНОМА
таҳти рақами 3996 аз ҷониби Агентии иттилоот ва коммуникатсияҳои назди Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон дода шудааст.

Иҷозат дода шудааст: 17.03.2023.Андозаи 60х841/16. Коғази офсетӣ.
Бо усули офсетӣ чоп карда шудааст.Гарнитураи “Times”.
Ҷузъи чопии шартӣ7,3.Адади нашр 200 нусха.

Макети оргиналӣ дар
нашриёти “FIRDAVS-SHOH” тайёр карда шудааст.

Ш. Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30.
Телефон: 90-372-85-17